ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

ВБД: 336.13 (575.3)

Бо ҳуқуқи дастнавис



САБУРЗОДА ФАРИДУНИ МИРЗОАЛИ

ТАНЗИМИ МОЛИЯВИИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Д И С С Е Р Т А Т С И Я

барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD),
доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия
(6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз)

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
Иброҳимзода Илҳомуддин Раҷабалӣ

Душанбе – 2026

МУНДАРИҶА

Сах.

НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО ВА АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ 3

МУҚАДДИМА..... 4

БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДОЛОГИИ ТАНЗИМИ МОЛИЯВИИ ИҚТИСОДИЁТ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР..... 15

1.1.Ҷанбаҳои назариявӣ оид ба танзими молиявии рушди иқтисодиёт дар шароити муосир..... 15

1.2.Тадқиқи заминаҳои методологӣ ва принсипҳои танзими молиявии рушди иқтисодиёт..... 32

1.3.Таҷрибаи хориҷӣ оид ба танзими молиявии иқтисодиёт дар шароити муосир..... 46

БОБИ 2. ТАҲЛИЛ ВА АРЗЁБИИ ВАЗЪИ МУОСИРИ САМАРАНОКИИ ТАНЗИМИ МОЛИЯВИИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН..... 64

2.1.Таҳлили вазъи муосир ва тамоюлҳои асосии танзими молиявии рушди иқтисодиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон..... 64

2.2.Арзёбии самаранокии механизмҳо ва фишангҳои танзими молиявии рушди иқтисодиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон..... 86

2.3.Мониторинг ва арзёбии институтсионалии танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон..... 102

БОБИ 3. САМТҲОИ ТАКМИЛИ ТАНЗИМИ МОЛИЯВИИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ МУОСИР..... 124

3.1.Роҳҳои такмили танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир..... 124

3.2.Усулҳои оқилона гардонидани механизмҳои танзими молиявии рушди иқтисодиёти миллӣ дар шароити муосир..... 139

3.3.Дурнамои такмили танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030..... 156

ХУЛОСА..... 171

Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо 174

Рӯйхати адабиёти истифодашуда..... 176

Интишороти асосии довталаб аз рӯйи рисолаи диссертатсионӣ 195

НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО ВА АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

АСИН - Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
БМТ – Бонки миллии Тоҷикистон
БҶ – Бонки ҷаҳонӣ
ВМ ҶТ – Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон
ИДМ – Иттиҳоди давлатҳои мустақил
ИМА – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико
ММД – Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ
СММ – Созмони милали муттаҳид
СМРҶТ - 2030 – Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030
СМФМ – Стратегияи миллии фарогирии молиявӣ
СПҚ –Сиёсати пулию қарзӣ
СУС – Созмони умумиҷаҳонии савдо
ТАҚҲ –Ташкилоти амонатии қарзии хурд
ХБА – Хазинаи байналмилалии асъор
ҶФО – Ҷумҳурии Федеративии Олмон
ҶХЧ – Ҷумҳурии Халқии Чин
CFPB – Consumer financial protection bureau
ECB – European central bank
FATF – Financial action task force
FCA – Financial conduct authority
FDIC – Federal deposit insurance corporation
FPC – Financial policy committee
FRS – Federal reserve system
POS – Point of sale
PRA – Prudential regulation authority
SEC – Securities and exchange commission
б.ф. – банди фоизӣ
мар. – маротиба
млн. – миллион
млрд. – миллиард
ҳаз. – ҳазор

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Марҳилаи имрӯзаи рушди иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи тағйироти пайвастаи муҳити ҷаҳонии иқтисодӣ сурат мегирад. Дар чунин шароит афзоиши ноустувории бозорҳои молиявӣ ва таъсири омилҳои хориҷӣ ҳамчун сабабҳои муҳимми муайянкунандаи рушди иқтисодӣ арзёбӣ мешаванд. Ин вазъ зарурати такмили равишҳои танзими молиявиро ҳамчун яке аз самтҳои калидии таъмини рушди устувори иқтисодӣ ба миён мегузорад. Дар ҳуҷҷатҳои стратегии кишвар, аз ҷумла, дар СМРҶТ - 2030 қайд шудааст, ки: «...ба зарурати ташаккули низоми муосир, устувор ва рақобатпазири бахши молиявӣ таваҷҷуҳи махсус дода шудааст, ки бояд қобилияти муқовимат ба таконҳои берунаро дошта бошад»[13, с.84].

Дар шароити тағйирёбандаи иқтисодӣ низоми танзими молиявӣ аҳаммияти хос пайдо намуда, ҳамчун воситаи муҳимми татбиқи сиёсати иқтисодии давлат хизмат мекунад. Фаъолияти он танҳо ба назорати гардиши маблағҳо ва танзими захираҳои молиявӣ маҳдуд набуда, ба ҳалли доираи васеи масъалаҳои иқтисодӣ равона мегардад. Аз ҷумла, тавассути танзими самараноки молиявӣ барои нигоҳ доштани суботи иқтисодӣ, ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ ва истифодаи оқилонаи захираю имкониятҳои мавҷудаи кишвар шароити мусоид фароҳам оварда мешавад. Аз ин лиҳоз, омӯзиш ва баррасии масъалаҳои вобаста ба ислоҳоти сиёсати молиявӣ, такмили низоми андозию буҷетӣ, густариши бозорҳои молиявӣ ва тақвияти заминаи институтсионалии мақомоти танзимкунанда аз самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ба ҳисоб мераванд.

Равандҳои иқтисодии солҳои охир нишон медиҳанд, ки дар шароити буҳронҳои ҷаҳонӣ устувории низоми молиявӣ ба яке аз омилҳои муҳимми ҳифзи суботи иқтисоди миллӣ табдил меёбад. Буҳрони молиявии соли 2008 ва коҳиши фаъолияти иқтисодӣ дар натиҷаи паҳншавии COVID-19 зарурати мавҷудияти механизмҳои босамари идоракунӣ ва танзими молиявиро бештар намуданд. Таҷрибаи мазкур шаҳодат медиҳад, ки танзими дурусти

муносибатҳои молиявӣ метавонад барои коҳиш додани таъсири омилҳои беруна, нигоҳ доштани фаъолияти иқтисодӣ ва тақвияти устувории иқтисоди миллӣ мусоидат намояд. Бо дарназардошти аҳаммияти ин масъала, Пешвои муаззами миллат чунин қайд намудаанд: «Дар шароити мураккаби иқтисодӣ ва геосиёсии ҷаҳон, низоъҳои тиҷоратӣ, афзоиши таҳримҳо, тағйирёбии иқлим, болоравии нархи маҳсулоти озуқаворӣ дар ҷаҳон, паҳншавии бемории сироятии COVID-19 ва дигар омилҳои манфии ба иқтисоди миллӣ таъсиргузор Ҳукумати мамлакат тамоми чораҳои пешгирикунандаро андешида истодааст, ки дар натиҷа соли 2021 суръати рушди иқтисодӣ ба беш аз 9 фоиз баробар гардид»[159].

Самтҳои афзалиятноки танзими молиявӣ ба таҳкими суботи макроиқтисодӣ, нигоҳдории мувозинати буҷетӣ, баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои давлатӣ, рушди технологияҳои рақамӣ дар соҳаи молия ва васеъ намудани фарогирии молиявӣ нигаронида мешаванд. Ин омилҳо барои ташаккули муҳити мусоиди иқтисодӣ ва таҳкими рушди устувори кишвар аҳаммияти хос доранд.

Бо дарназардошти хусусиятҳои иқтисоди муосир, танзими молиявӣ ҳамчун яке аз воситаҳои муҳимми нигоҳдории суботи макроиқтисодӣ ва фароҳамсозии замина барои рушди устувори иқтисоди миллӣ баромад мекунад. Бинобар ин, тадқиқи моҳият, самтҳо ва механизмҳои амалисозии мавзуи мазкур аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ: Бояд гуфт, ки барои илми иқтисодӣ масъалаҳои танзими давлатии рушди иқтисодиёт мафҳуми нав нест. Масъалаҳои умумии назарияи танзими молиявии иқтисодиёт аз ҷониби асосгузори мактаби кейнсионӣ Ҷ.М. Кейнс ва дигар пайравони ӯ шарҳ дода шудааст. Дар ҳама давру замон масъалаҳои танзими давлатии молиявӣ ва паҳлуҳои алоҳидаи масъалаи мазкур аз тарафи олимони зиёди хориҷӣ мавриди тадқиқ қарор гирифтаанд. Масъалаҳои умумии назарияи асосҳои танзими молиявии рушди иқтисодиёт дар корҳои илмии А. Смит[50], А. И. Бирюков[64], А. Г. Грязнова[22], В. П. Орешин[32], Г. А. Петранева[33], Е.

Г. Безрукова[63], И. Н. Молчанов[94], К. Маркс[48], Л. А. Бурмистрова[66], М. Кожахметова[85], М. О. Безгуба[62], М. Фридман[46], М. Х. Койбаева[86], Н. Л. Барышникова[61], О. А. Морозова[31], П. В. Качанов[80], П. Самуэлсон[49], С. В. Барулин[19], Т. А. Позднякова[34], Ҷ. М. Кейнс[47], Ю. А. Федосеева[130] ва дигарон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Ҳамзамон, масъалаҳои танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар корҳои иқтисодшиносони тоҷик, аз қабили А. А. Ваҳобов[68], А. М. Солеҳзода[112], Б. М. Шарифзода[40, 142, 143, 144], Г. С. Ғафуров[70], Д. Р. Бобоҷонов[65], Д. У. Уроқов[126], З. С. Султонов[115], И. Р. Иброҳимзода[23], М. Р. Муртазоқулов[96], Н. Қ. Қаюмов[83, 84], Р. А. Азизбоев[51, 52, 53, 54], Р. С. Шокиров[146], С. А. Мирсаидов[93], Т. М. Тӯхтаев[119], Т. Н. Назаров[82, 83], Т. Ҷ. Усманова[127, 128], Ф. А. Мирзобобоев[119], Ф. Н. Икромӣ[75], Ф. С. Обидов[100], Х. Р. Улуғхоҷаева[39], Х. У. Умаров[122, 123, 124, 125], Ҷ. А. Алиҷанов[56], Ш. М. Раҳимзода[106] ва дигарон мавриди пажуҳиш қарор гирифтаанд.

Бо вуҷуди аҳаммияти масъалаи мазкур, дар корҳои илмии муҳаққиқони ватанӣ ҷанбаҳои танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон то имрӯз ба таври ҳамаҷониба ва мукаммал мавриди таҳлил қарор нагирифтаанд. Ҳамин тариқ, рушди нокифояи масъалаи танзими молиявии иқтисоди миллӣ дар шароити муосир ба бозор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муаллифро водор намуд, ки онро ҳамчун объекти тадқиқоти рисолаи илмӣ баррасӣ намояд.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.

Мавзуи диссертатсия бо бандҳои дахлдори “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”, ки дар ҷодаи «баланд бардоштани самаранокии истифодаи воситаҳои танзими ғайримустақим дар робита бо сиёсати нигоҳ доштани устувории нархҳо ва сиёсати мутавозуни пулию қарзӣ; таъсис додани танзимкунандаи азим (мегарегулятор)-и бахши молиявӣ; фаъолсозии равандҳои муттаҳидсозӣ дар ҳамаи сегментҳои бозори молиявӣ, афзоиши теъдоди ҳамроҳшавӣ ва

азхудкунӣ ҳамчун шаклҳои баланд бардоштани сармоягузории ташкилотҳои молиявӣ»[13, с.81], ки яке аз самтҳои асосии фаъолият пешбинӣ карда шудааст, мутобиқ аст. Зимнан, муҳтавои бобҳо ва зербобҳои диссертатсия ба асосноккунии ҷанбаҳои илмию назариявии масъалаҳои дар «Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ барои давраи то соли 2030»; Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2020, № 175; «Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026»; Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1.07.2022, №314; «Стратегияи сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025»; Қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 31.12.2020, №175 ба тавсиб расида мутобиқ гардонида шудааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Таҳқиқоти мазкур ба такмили танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир бахшида шудааст. Дар шароити муосири рушди иқтисодиёти ҷаҳонӣ танзими молиявӣ яке аз воситаҳои муҳимтарини сиёсати иқтисодии давлат ба ҳисоб меравад. Самаранок ба роҳ мондани танзими молиявӣ барои таъмини рушди устувори иқтисодӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ, рушди соҳибкорӣ ва таҳкими иқтидори иқтисодии кишвар заминаи мусоид фароҳам меорад. Аз ин рӯ, зарурати такмили механизмҳои танзими молиявӣ, истифодаи самараноки маблағҳои буҷетӣ, рушди низоми бонкӣ, ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ ва таҳкими назорати молиявӣ пеш меояд. Натиҷаҳои чунин таҳқиқот метавонанд барои баланд бардоштани самаранокии сиёсати иқтисодию молиявӣ ва таҳкими рушди устувори иқтисодиёти миллӣ истифода шаванд.

Мақсади таҳқиқоти мазкур коркарди асосҳои назариявию методии танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи механизмҳои самараноки такмили он дар шароити муосири рушди муносибатҳои иқтисодӣ мебошад.

Вазифаҳои тадқиқоти мазкур дар доираи мақсади вогузошташудаи тадқиқоти кори диссертатсионӣ аз инҳо иборат мебошанд:

- тадқиқ ва ошкорнамоии ҷанбаҳои назариявии танзими молиявӣ дар шароити муосир;
- асосноксозии принсипҳо, усулҳо ва механизмҳои самаранокии танзими молиявии рушди иқтисодиёт;
- арзёбии вазъи муосир ва муайянсозии тамоюлҳои асосии танзими молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, омӯзиши асосҳои институтсионалӣ ва фишангҳои таъсиррасони танзими молиявӣ ба рушди иқтисодиёти миллӣ;
- коркарди самтҳои такмилдиҳӣ, роҳҳо ва таҳияи дурнамои раванди механизми танзими молиявии рушди иқтисодиёти миллӣ.

Объекти таҳқиқот низоми танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир мебошад.

Мавзуи (предмети) таҳқиқот маҷмуи муносибатҳои молиявӣ-иқтисодие мебошад, ки дар натиҷаи низоми танзими молиявии рушди иқтисодиёт ба вуҷуд меоянд.

Фарзияи асосии таҳқиқот аз он бармеояд, ки натиҷабахшии танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути сатҳи рушди институтҳои танзимкунанда ва дараҷаи мукаммалии механизмҳои сиёсати молиявӣ муайян карда мешавад. Дар сурати такмили ин унсурҳо имконияти таҳкими суботи макроиқтисодӣ ва баланд бардоштани суръати рушди иқтисодӣ дар шароити муосир бештар мегардад.

Асосҳои назариявии таҳқиқотро осори классикони назарияҳои иқтисодӣ, намояндагони маъруфи мактабҳои иқтисодӣ (аз ҷумла назарияҳои классикӣ, кейнсионӣ, монетаристӣ ва институтсионалӣ), қонунҳо, фармонҳо, дастурамалҳо ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба масъалаҳои идоракунӣ ва танзими молиявии равандҳои иқтисодӣ, инчунин корҳои илмию таҳқиқотии олимони ватанӣ ва хориҷӣ дар ин самт ташкил медиҳанд.

Асосҳои методологии таҳқиқотро маҷмуи равишҳо ва усулҳои илмие ташкил медиҳанд, ки дар раванди омӯзиш барои таҳлил, муқоиса ва арзёбии масъалаҳои мавриди назар истифода шудаанд. Дар ин замина усулҳои умумиилмии таҳлилу синтез, қиёскунӣ ва баҳогузорӣ, инчунин усулҳои махсуси иқтисодӣ-риёзӣ, мантиқӣ, пешгӯикунӣ, оморӣ ва коррелятсионӣ-регрессионӣ (барои арзёбии вобастагии нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ ба монанди ҳаҷми умумии даромади буҷети давлатӣ, воридоти андозҳо ва ҳаҷми пешниҳоди қарзҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ нисбат ба ММД) мавриди истифода қарор гирифтаанд. Истифодаи усулҳои мазкур ба таҳлили амиқу ҳамаҷонибаи мавзуъ, муайян намудани қонуниятҳои асосӣ ва омилҳои таъсиррасон, инчунин таҳияи дурнамои нишондиҳандаҳои низоми молиявии кишвар то соли 2030 ва пешниҳоди хулосаву тавсияҳои илмии асоснок мусоидат менамояд.

Сарчашмаҳои маълумотҳоро санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботҳо ва маълумотҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон ва маводҳои лоиҳаҳои тадқиқотиву чорабиниҳои илмӣ (конфронсу семинарҳо) бахшида ба масъалаҳои танзими молиявии равандҳои иқтисодӣ ташкил медиҳанд.

Пойгоҳи таҳқиқот. Рисолаи илмӣ дар заминаи кафедраи молия ва суғуртаи факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2021–2026 анҷом дода шудааст.

Навгонии илмии таҳқиқот дар таҳияи равишҳои муосири танзими молиявии рушди иқтисодиёт ифода меёбад. Дар ҷараёни тадқиқот усулҳои мавҷудаи танзими молиявӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, самаранокии татбиқи онҳо дар шароити кунунии иқтисодӣ ҳамаҷониба таҳлил ва арзёбӣ шудаанд. Ҳамзамон, роҳҳои такмили механизми танзими молиявӣ ҷиҳати

таъмини рушди иқтисодиёт асоснок гардида, пешниҳодҳои дахлдор таҳия шудаанд. Натиҷаҳои бадастомада, ки навгонии илмии тадқиқотро инъикос менамоянд, ба таври зерин ҷамъбаст мегарданд:

1. Дар асоси таҳлили назарияҳои илмӣ ва омӯзиши таҷрибаи мавҷуда равишҳои асосии ташаккули низоми танзими молиявӣ ва механизмҳои амалисозии он муайян карда шуданд. Ҳамчунин, дидгоҳи муаллиф оид ба моҳияти иқтисодии танзими молиявӣ бо такя ба тадқиқи ҷанбаҳои назариявии масъала асоснок ва пешниҳод гардидааст. Дар натиҷаи таҳлили равишҳои гуногун таърифи муаллифии зерин пешниҳод гардидааст: «танзими молиявӣ ҷузъи ҷудонашавандаи сиёсати иқтисодии давлат буда, ба таъмини устувории низоми молиявӣ, пешгирии буҳронҳо ва тақсимоти самараноки захираҳои молиявӣ мусоидат менамояд»;

2. Принсипҳо ва усулҳои асосии низоми танзими молиявии рушди иқтисодиёт муайян ва таҳлил гардида, механизмҳои татбиқи онҳо мушаххас шарҳ дода шудаанд. Инчунин, илман собит карда шудааст, ки татбиқи дурусти принсипҳои зикршуда ва истифодаи оқилонаи воситаҳои гуногуни танзими молиявӣ барои баланд бардоштани самаранокии идоракунии иқтисодӣ, коҳиш додани хавфҳои эҳтимолӣ ва фароҳам овардани заминаи мусоид барои рушди устувори иқтисодиву иҷтимоӣ мусоидат менамояд.

3. Дар асоси таҳлили комплексии нишондиҳандаҳои оморӣ вазъи муосир ва тамоюлҳои асосии танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардида, шаклҳо ва фишангҳои асосии таъсиррасонии молиявӣ ба бахшҳои иқтисоди миллӣ тавсиф ва баррасӣ шудаанд. Ҳамчунин, асосҳои институтсионалии низоми танзими молиявӣ дар шароити муосир илман асоснок гардида, натиҷаҳои таҳлил собит сохт, ки танзими давлатии молиявӣ дар кишвар дорои тамоюли мусбат ва пешрафти муайян мебошад, аммо ҳамоно бо мушкилоти марбут ба баланд бардоштани сатҳи шаффофият, тақвияти институтҳои молиявӣ ва рушди бозорҳои молиявӣ рӯ ба рӯ аст.

4. Самтҳои афзалиятноки такмили низоми танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти шароити кунунӣ муайян ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шуда, барои татбиқи амалии онҳо маҷмуи механизмҳои мушаххас таҳия ва пешниҳод гардидааст. Ҳамзамон, самтҳои афзалиятноки такмили механизми танзими молиявӣ ва дурнамои рушди он мавриди асосноккунии илмӣ қарор гирифтаанд. Натиҷаҳои тадқиқот зарурати ташаккули низоми молиявии боэътимод, шаффоф ва чандирро собит менамоянд, ки метавонад ҳифзи манфиатҳои сармоягузоронро таъмин намуда, баҳри рушди устувори иқтисоди миллӣ шароити мусоид фароҳам оварад.

Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Консепсияи илмии низоми танзими молиявӣ таҳия гардида, моҳияти иқтисодӣ ва механизмҳои амалисозии он муайян карда шудаанд.

2. Муқаррар карда шудааст, ки принсипҳо ва усулҳои танзими молиявӣ ҳамчун унсурҳои асосии таъмини рушди иқтисоди миллӣ баромад намуда, самаранокии онҳо аз хусусиятҳои муҳити иқтисодӣ ва институтсионалӣ вобаста мебошад.

3. Собит шудааст, ки рушд ва такмили минбаъдаи механизми танзими молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад ба таҳкими суботи макроиқтисодӣ, истифодаи оқилонаю самараноки захираҳои молиявӣ ва афзоиши имкониятҳои рушди босуръати иқтисоди миллӣ замина мегузорад.

4. Модели илмии такмили механизми танзими молиявии рушди иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шуда, роҳҳои оптимизатсия ва дурнамои рушди он пешниҳод гардидаанд.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ. Хулоса ва тавсияҳои дар кори илмӣ овардашуда метавонанд ҳангоми таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи бахши молия ва соҳаҳои мушаххаси фаъолияти иқтисодӣ истифода гарданд. Аҳаммияти назариявии тадқиқоти диссертатсионӣ дар таҳияи консептуалӣ, ташаккули моделҳои мутобиқшудаи идоракунии иқтисодиёт ва таҳкими заминаи институтсионалӣ

ниҳон мебошад. Аҳаммияти амалии тадқиқоти диссертатсионӣ ин тавсияи механизмҳои самаранокии танзими молиявӣ ба фаъолияти амалии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон нигаронида шуда, инчунин, дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар ҳангоми омӯзиши курсҳои «Молия», «Танзими давлатии молиявӣ», «Идоракунии молияи давлатӣ», «Назорати давлатии молиявӣ» ва ғайра мавриди истифода қарор гирифта метавонанд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот. Дар асоси истифодаи сарчашмаҳои боэътимоди иттилоотӣ, аз ҷумла, маълумоти расмии оморӣ, ҳуҷҷатҳои меъёриву ҳуқуқӣ ва маводи таҳлилии илмӣ таъмин карда мешавад. Дар раванди тадқиқот инчунин маҷмуи усулҳои илмӣ, аз қабили таҳлили системавӣ, муқоисавӣ, иқтисодӣ-математикӣ ва усулҳои оморӣ ба кор бурда мешаванд. Илова бар ин, мувофиқати натиҷаҳо бо корҳои илмии муҳаққиқони дохилӣ ва хориҷӣ ҳамчун омили муҳимми баланд бардоштани сатҳи эътимоднокӣ арзёбӣ мегардад.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Тадқиқот дар доираи муҳтавои бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси илмии 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) иҷро карда шудааст: 1.1. Равандҳои методологию ташкилии ташаккулёбии низоми молиявӣ; 1.2. Сохторҳои низоми молиявӣ ва мақомоти идоракунии низоми молиявӣ; 1.3. Назария ва методологияи таъсири низоми молиявӣ ба натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ; 1.5. Ниҳодҳои молиявӣ: назария, методология, қонуниятҳои рушд ва такмили идоракунӣ; 2.2. Танзими молиявии равандҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ; 2.7. Асосҳои консептуалии муносибатҳои байнибуҷетӣ ва танзими буҷетӣ; 2.10. Назария ва таҳлили низоми молияи давлатӣ; 2.14. Маблағгузории равандҳои сармоягузорӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ; 2.16. Сиёсати буҷетию андозии давлат дар иқтисоди бозорӣ; 11.7. Танзими давлатии ниҳодҳои қарзию молиявӣ.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Пеш аз ҳама саҳми шахсии муаллиф дар асоснок намудани ҷанбаҳои назариявию методологии низоми танзими молиявӣ, механизмҳо, принсипҳо, усулҳои асосӣ ва такмили ҷамбаҳои институтсионалии танзими молиявӣ назаррас мебошад. Муаллиф танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар шароити муосир таҳқиқ намуда, тамоюлҳои асосии танзими молиявии рушди иқисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷанбаҳои институтсионалии танзими молиявиро шарҳ дода, самтҳои асосии беҳдоши танзими молиявиро барои рушди устувори иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудааст.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Натиҷаҳои асосии тадқиқот дар чорабиниҳои зерин мавриди муҳокима қарор гирифта, баҳои мусбат гирифтаанд: Семинарҳои илмӣ-назариявӣ ва мизҳои мудаввари кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (солҳои 2021-2026); конфронси ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи «Масоили тақвияти фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ», Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (12-уми марти соли 2025); конфронси байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Национальные экономические системы в контексте трансформации глобального экономического пространства», Крымский инженерно-педагогический университет имени Февзи Якубова (27 марта 2023); конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Танзими молиявии рушди босуботи инноватсиониву индустриалии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ», Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (1-уми октябри соли 2024) ва ғайра.

Инчунин, натиҷаҳои тадқиқот дар шакли муқаррароти ҷудогона аз ҷониби Муассисаи давлатии «Маркази такмили ихтисоси кормандони мақомоти молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон»-и Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (санади татбиқ аз 23.09.2025 с., №22) мавриди истифода қарор гирифтаанд. Ҳамзамон, онҳо дар ҷараёни таълим дар Донишгоҳи миллии

Тоҷикистон (санади татбиқ аз 26.08.2025 с., №333/дс) тасдиқ ва татбиқ карда шудаанд.

Интишори натиҷаҳои тадқиқот. Вобаста ба маводи тадқиқотшудаи диссертатсия 13 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

Сохт ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, 9 зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда, ки 164 номгӯйро дар бар мегирад, 14 расм, 18 ҷадвал ва 6 диаграмма иборат мебошад. Кори диссертатсионӣ дар маҷмуъ 197 саҳифаи чопии компютериро фаро гирифтааст.

БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДОЛОГИИ ТАНЗИМИ МОЛИЯВИИ ИҚТИСОДИЁТ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

1.1. Ҷанбаҳои назариявӣ оид ба танзими молиявии рушди иқтисодиёт дар шароити муосир

Танзими молиявӣ унсури асосии сиёсати иқтисодии давлат мебошад, ки ба таъмини субот ва рушди устувори низоми молиявӣ нигаронида шудааст. Мушкилоти муосири иқтисоди ҷаҳонӣ, дараҷаи баланди номуайянӣ ва пайвастагии афзояндаи бозорҳои молиявӣ аз нав дида баромадани асосҳои назариявӣ ва методологии ташаккули танзими самараноки молиявиро тақозо мекунанд. Дар баробари ин, бо дарназардошти рушди босуръати рақамикунонии иқтисодиёт ва тағйироти пайваста дар бозорҳои молиявӣ, зарурати амиқтар намудани таҳқиқоти илмӣ ва такмили заминаҳои назариявию методологии танзими бахши молиявӣ торафт бештар аҳаммият пайдо мекунад. Ин пеш аз ҳама, имкон медиҳад, ки на танҳо самаранокии механизмҳои мавҷуда зиёд, балки онҳо ба талаботи муосир мутобиқ карда шаванд. Танзими молиявӣ ҳамчун самти муҳимми сиёсати давлатӣ тавассути маҷмуи воситаҳо ва тадбирҳои мақсаднок амалӣ мегардад. Ин тадбирҳо ба ташкили самараноки ҷараёни захираҳои молиявӣ, таъмин намудани устувории низоми молиявӣ, маҳдудсозии хавфҳои мавҷуда ва кам намудани таъсири оқибатҳои буҳронҳои иқтисодию молиявӣ нигаронида мешаванд. Бисёр мактабҳои иқтисодӣ ва назарияҳои илмие мавҷуданд, ки тафсирҳои гуногуни механизмҳои танзими молиявиро пешниҳод мекунанд.

Танзим маънои ба як низоми муайян даромадан, хароҷоти беҳудаву зиёдатиро пешгирӣ карданро ифода менамояд. Танзими иқтисодӣ бошад, баҳри баланд бардоштани сатҳи иқтисодию иҷтимоии шаҳрвандон равона гардидааст.

Яке аз вазифаҳои калидии танзими давлатии иқтисодиёт аз татбиқи тадбирҳои махсус ҷиҳати дастгирии рушди устувор ва таъмини суботи равандҳои иқтисодӣ иборат мебошад. Барои расидан ба ин ҳадаф давлат ба

равандҳо, омилҳо ва захираҳое, ки асоси рушди иқтисодиро ташкил медиҳанд, таъсиргузорӣ менамояд.

Дар шароити муосир вазифаҳои иқтисодии давлат наметавонанд, ки аз баъзе дигаргуниҳои муайян дар канор монанд. Ин пеш аз ҳама ба падидае бо номи ҷаҳонишавӣ вобастагӣ дорад, ки худро дар таҳкими иқтисоди кушод ва таъсири мутақобилаи иқтисодҳои миллӣ зоҳир мекунад. Дар ин робита, зикр кардан зарур аст, ки дар марҳилаи муосир ҷаҳонишавии иқтисодӣ ба яке аз омилҳои асосии тағйирёбии муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ табдил ёфтааст. Ин раванд боиси амиқтар гардидани робитаҳои байни иқтисодҳои миллӣ шуда, ҳаракати молу хизматрасонӣ, сармоя, захираҳои меҳнатӣ ва донишро дар доираи фазои ягонаи иқтисодии ҷаҳонӣ вусъат мебахшад. Вобаста ба ин тараққиёти иқтисодиёти аксарияти мамлакатҳо ва минтақаҳо бо ҳам алоқаи зич пайдо карда истодаанд.

Дар охири асри XX таҳти таъсири густариши равандҳои ҷаҳонишавӣ дар низоми танзими молиявии иқтисодиёт тағйироти назаррас ба амал омад, ки хусусиятҳои чунинанд:

Якум, асоси ҷаҳонишавӣ, ки шакли институтсионалии он танзими молиявии ширкатҳои фаромиллӣ мебошанд.

Дуюм, ҷаҳонишавии иқтисодӣ дар шароити рушди босуръати бозорҳои молиявӣ, аз қабили бозорҳои асъорӣ, саҳомӣ ва қарзӣ густариш меёбад. Нақши ин низомҳо дар ташаккули равандҳои иқтисодӣ, аз ҷумла, дар самти танзими фаъолияти истеҳсолӣ ва муомилоти савдо пайваста меафзояд. Агар пештар бозорҳои молиявӣ асосан ҳамчун воситаи таъмини фаъолияти самараноки бахши воқеии иқтисодиёт хизмат менамуданд, имрӯз онҳо ба як бахши мустақил ва дорои таъсири васеъ табдил ёфтаанд. Дар натиҷа, афзоиши ҳаҷм ва мураккабшавии амалиёти молиявӣ ба зиёд гардидани ҳолатҳои фиребгарӣ ва амалҳои ғайриқонунии марбут ба маблағгузорӣ низ мусоидат кардааст.

Сеюм, ҷаҳонишавӣ дар ҳамбастагӣ бо минтақавӣ шудани фаъолияти иқтисодии корхонаҳо ҳамроҳ сурат мегирад. Ин падидаи замони муосир аз як

тараф имкон медиҳад, ки иттилоот, сармоя ва молҳо озодона сарҳадҳоро убур намуда, бо суръати баланд ба дурдасттарин гӯшаҳои сайёра барои истеъмол интиқол ёбанд. Аз ин сабаб, ҷаҳон барои ҳаракатҳои фаромарзӣ боз шудааст. Аз тарафи дигар, амиқтар шудани вобастагии байниҳамдигарии давлатҳо озодии интихоби онҳоро дар соҳаи сиёсати хориҷӣ ва дохилӣ маҳдуд мекунад. Дар ин раванд нақши ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ хеле назаррас ҳисобида мешавад.

Дар марҳилаи кунунии рушди муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ, ниҳодҳои молиявию иқтисодии ҷаҳонӣ, аз ҷумла СУС, ХБА ва БҶ, ҳамчун субъектҳои муҳимми низоми иқтисоди ҷаҳонӣ баромад намуда, дар таҳия ва татбиқи сиёсати иқтисодӣ ва молиявии кишварҳо таъсири назаррас доранд. Дар натиҷаи таҳкими равандҳои ҷаҳонишавӣ дар низоми иқтисодии кишварҳои гуногун тағйироти муайян ба вуҷуд омада, ин ҳолат ба мазмуну самтҳои сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ таъсир расонида, нақш ва доираи иштироки давлат дар танзими равандҳои иқтисодӣ низ вобаста ба шароити нави иқтисодӣ тағйир меёбад. Аз як ҷониб, дар шароити иқтисоди бозорӣ нақши давлат дар танзими равандҳои иқтисодӣ тадриҷан маҳдуд мегардад, аз ҷониби дигар, мавҷудияти як қатор соҳаҳои муҳимми иқтисоди миллӣ зарурати ҳифз, дастгирӣ ва танзими давлатии онҳоро тақозо менамояд.

Иқтисоди ҷаҳонӣ ба ҷуз аз созмонҳои байналмилалӣ, ҳоло аз ҷониби сармояи бузурги ширкатҳои фаромиллалӣ назорат мешавад. Айни замон «дар ҷаҳон қариб 40 ҳазор ширкатҳои фаромиллалӣ мавҷуд ҳастанд, ки зиёда аз 250 ҳазор филиалҳои хориҷиро назорат мекунанд»[73, с.31-32]. Дар баробари ин, имрӯз баъзе давлатҳо дараҷаи озодии тиҷорати дохилиро дар хориҷа танзим мекунанд. «Давлат ба ғайр аз вазифаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва вазифаҳои дохилшавӣ ба иқтисодиёти чаҳонӣ он вазифаҳоеро низ иҷро менамояд, ки ягон ҷамъияти миллӣ аз уҳдаи иҷрои онҳо намебарояд ва ҳамчун таъминкунандаи сармоягузорӣ барои ташкилотҳо, пеш аз ҳама, дар рушди илму техника нақши махсус мебозад. Ҳама кишварҳо имрӯз мехоҳанд, ки манфиатҳои ҷаҳонишавиро ба ҳадди аксар расонанд ва худро аз оқибатҳои

манфии он ҳифз намоянд. Дар ин замина, Ҷумҳурии Тоҷикистон узви ҷомеаи ҷаҳонӣ ва яке аз давлатҳое мебошад, ки дар байни Иттиҳоди давлатҳои мустақил (ИДМ) аз ҷиҳати иқтисодӣ нақши ба худ хосро доро мебошад»[76, с.76-77]. Масъалаи нақш ва аҳаммияти танзими молиявии иқтисодиёт на ин, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки дар аксарият давлатҳои мутараққии ҷаҳон то имрӯз мавзуи аз нуқтаи назари ҳам назаривӣ ва ҳам амалӣ баҳсталабу доманадор байни доираи васеи иқтисодшиносон ва коршиносони соҳа қарор гирифтааст. Ҳамзамон, бояд қайд кард, ки дар самти мазкур олимони ватанӣ ва хориҷӣ андешаҳои худро баён намудаанд, ки онҳо дар рушди иқтисодиёти кишвар хело зарур ва муҳим арзёбӣ мешаванд (ниг. ба ҷадвали 1.1.).

Ҷадвали 1.1. - Нуқтаи назари муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба моҳияти танзими молиявӣ

Муҳаққиқон	Шарҳи мафҳум
1	2
М.В. Романовский	«Танзими молиявӣ - ин ҷузъи афзалиятноки низоми танзими давлатии равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ мебошад ва ба он, пеш аз ҳама, даромад ва хароҷоти давлат, андоз ва пардохтҳои ғайриандозӣ, даромадҳои фондҳои ғайрибуҷетии давлатӣ, имтиёзҳо ва санксияҳои молиявӣ, низоми танзими давлатии фаъолияти инҳисорӣ ва қарзи давлатӣ дар ҳамаи шаклҳо дохил мешаванд» [134, с.244].
Т.А. Позднякова	«Танзими молиявӣ - ин фаъолиятест, ки аз ҷониби давлат барои истифодаи муносибатҳои молиявӣ бо мақсади танзими параметрҳои такрористеҳсол ташкил карда мешавад» [34, с.116].
А.Г. Грязнова	«Танзими молиявӣ – ин ҳамчун таъсир ба равандҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ки ба пешгирӣ ё бартараф кардани номутавозунии мавҷуда, таъмини рушди технологияҳои пешрафта ва суботи иҷтимоӣ тавассути захираҳои молиявӣ дар баъзе сегментҳои бозор ва маҳдуд кардани афзоиши захираҳои молиявӣ фаҳмида мешавад» [22, с.125].
С.В. Барулин	«Танзими молиявӣ - ин фаъолияти мақсадноки мақомоти давлатӣ (маҳаллӣ) ва идоракунии ташкилотҳо оид ба таъсир расонидан ба объектҳои гуногуни танзим тавассути андешидани тадбирҳои танзими молиявӣ баҳри ноил шудан ба ҳадафҳои стратегӣ ва ҳалли масъалаҳои тактикии сиёсати молиявӣ мебошад» [19, с.33].
Н.Л. Барышникова	«Танзими молиявӣ - ин фаъолияти мақсадноки мақомоти давлатӣ ва мақомоти идоракунии ташкилотҳо оид ба таъсиррасонӣ ба иқтисодиёт, соҳаҳои алоҳида ва сохтор тавассути маҷмуи унсурҳо, шаклҳои молиявӣ, усулҳо ва механизмҳои ҳавасмандгардонӣ ё маҳдудкунии давлатӣ ва корпоративӣ мебошад» [61, с.135-136].

Идомаи ҷадвали 1.1

Ю.А. Федосеева	«Танзими молиявӣ - ин раванди аз ҷониби давлат ва субъектҳои хоҷагидор мавриди ҳадаф ва пайгирона татбиқ намудани маҷмуи шаклҳо ва усулҳои таъсири молиявии дорои хусусияти стратегӣ ва амалӣ ба объектҳо ё равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ бо мақсади расонидани таъсири муассир ба рушди микро ва макроиқтисодӣ дар ҳар як марҳилаи пешрафти иқтисодии он мебошад. Танзими молиявӣ – ин фаъолиятест, ки аз ҷониби субъектҳои давлатӣ ва хоҷагидорӣ бо мақсади самаранок истифода бурдани тамоми ҷанбаҳои муносибатҳои молиявӣ бо мақсади танзими параметрҳои такрористеҳсолкунӣ ташкил карда мешавад. Дар умум, ҳадафи танзими молиявӣ муқаррар кардани таносуби тақсимот ва ҷамъоварӣ мебошад, ки қонеъ гардонидани талаботро дар сатҳҳои микро ва макроиқтисодиёт таъмин мекунанд» [130, с.209].
Г.А. Петранева	«Танзими молиявии иқтисодиёт - ин низоми мураккаби чорабиниҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, ташкилию маъмурӣ ва иҷтимоӣ мебошад, ки барои рушди устувори соҳаҳои иқтисодӣ равона карда мешавад» [33, с.86].
Т.М. Тӯхтаев, Ф.А. Мирзобобоев	«Танзими молиявӣ - ин маҷмуи тадбирҳое мебошад, ки ба баландбардории нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодии минтақа равона карда мешавад» [119, с.143].
Х.Р. Улуғхоҷаева	«Танзими молиявӣ – ин маҷмуи усулҳо, воситаҳо, технологияҳои молиявӣ ва қоидаҳое мебошад, ки тавассути онҳо мақомотҳои давлатӣ, ваколатдор, танзимкунанда ва идоракунӣ ба равандҳои ташаккул ва истифодаи фондҳои пулию қарзӣ, гардиши сармоя ва даромад, рафтори субъектҳои хоҷагидор ҷиҳати ноил шудан ба ҳадафҳои муайяннамудаи сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат таъсир мерасонанд, фаҳмида мешавад» [39, с.25].
Ақидаи муаллиф	«Танзими молиявӣ – ин маҷмуи тадбирҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, молиявӣ ва маъмурӣ мебошад, ки ба ташкил, назорат ва идоракунии муносибатҳои молиявӣ ва фаъолияти субъектҳои бозори молиявӣ бо мақсади таъмини устуворӣ ва самаранокии низоми молиявӣ нигаронида шудааст» [10-М].

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар заминаи таҳқиқоти олимони ватанӣ ва хориҷӣ

Омӯзиши адабиёти илмии байналмилалӣ нишон медиҳад, ки то имрӯз доир ба моҳият ва мазмуни мафҳуми «танзими молиявӣ» таърифи ягона ва мавқеи умумии эътирофшуда миёни муҳаққиқон ташаккул наёфтааст. Аз ин рӯ, муҳаққиқон мафҳуми мазкурро вобаста ба хусусиятҳои низоми молиявӣ, самтҳои сиёсати молиявӣ ва шароити иқтисодии кишварҳои алоҳида бо тарзҳои гуногун маънидод менамоянд.

Қобили зикр аст, ки масъалаҳои алоҳидаи танзими молиявӣ дар корҳои илмии як қатор муҳаққиқони ватанӣ низ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифтаанд. Аз ҷумла, олимони ватанӣ Раҳимзода Ш., Ашуров М. Н. ва Саидов К. дар таҳқиқоти худ оид ба ҷанбаҳои гуногуни танзими молиявӣ андешаҳои назаррас пешниҳод намудаанд. Ба андешаи онҳо: «Нақши давлат дар танзими молиявии иқтисодиёт дар таъсиррасонии ҳадафноки он ба раванди ташкили фаъолияти хоҷагидории ташкилотҳои тиҷоратӣ дар соҳаҳои мазкур тавассути қабули санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ зоҳир мегардад. Нуқтаҳои аз ҳама муҳимми чунин танзим сиёсатҳои андозӣ, нархгузорӣ, пулию қарзӣ, суғуртакунӣ ва иқтисоди беруна маҳсуб меёбанд»[104, с.185]. Ҳамзамон, олимони рус, аз он ҷумла А.А. Коростелев ва Д.А. Полторецкий чунин ақидаро пешниҳод намудаанд, ки «Барои танзими молиявии иқтисодиёт бояд давлат танзими механизмҳои рушди иқтисодиёт ва истеҳсолоти ҷамъиятиро дар асоси шакл ва усулҳои таъсири молиявӣ ба субъектҳои хоҷагидор роҳандозӣ намуда, зимнан ба рушди прогрессивии иқтисод ва тавозуни макроиқтисодӣ оварда расонад»[88, с.38]. Субъекти ин раванд сохторҳои давлатӣ ва объектҳои он бошад, хароҷот ва даромади иштирокчиёни истеҳсолоти ҷамъиятӣ ба ҳисоб мераванд.

А. Артемов, А. Брыкин ва В. Шумаев қайд кардаанд, ки «Давлат бояд танзими молиявии иқтисодиётро бо низоми мукаммали қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ба роҳ монад»[57, с.4-5].

Мо бар он назарем, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танзими молиявӣ ҳамчун низоми маҷмуии чораҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, молиявӣ ва маъмурӣ баррасӣ мегардад, ки ба ташкили муносибатҳои молиявӣ, назорати равандҳои молиявӣ ва идоракунии фаъолияти субъектҳои бозори молиявӣ нигаронида шудааст. Танзими молиявӣ пеш аз ҳама ба ташаккули муҳити зарурӣ барои нигоҳдории устуворӣ ва таъмини фаъолияти босамари низоми молиявӣ равона карда мешавад. Дар ин

замина, он дар марҳилаҳои мухталифи рушди иқтисодӣ ҳамчун воситаи муҳимми таҳкими тавоноии иқтисодии давлат арзёбӣ гардида, дар шароити ҷаҳонишавӣ ва тағйирёбии босуръати муҳити иқтисодии муосир ҷойгоҳи он боз ҳам муҳимтар мегардад.

Ҳамзамон, «Дар шароити пешрафти илму техникаи муосир имрӯзҳо нақши танзимкунандаи молиявии равандҳои иқтисодӣ торафт мураккаб шуда, бо вазифаҳои иловагии рушди илм, маориф ва инфрасохтори иттилоотӣ пурра мегардад. Вазифаҳои иҷтимоии давлат, нақши он дар ташаккули самтгирии иҷтимоии иқтисоди бозорӣ, рафъи нобаробарию тафриқа дар сатҳи даромад ва зиндагии мардум, ҳамоҳангсозии манфиатҳои қишрҳои гуногуни ҷомеа, фароҳам овардани шароит барои тазоҳуроти комили фаъолияти эҷодкоронаю созандаи ҳар як шахс низ меафзояд. Ҳадафи асосии танзими молиявии рушди иқтисодиёт, афзоиши маблағгузорӣ буда, барои таъмини он дар илми назарияи иқтисод аз пешниҳодҳои намояндагони мактаби неоклассикӣ ва мактаби кейнсионӣ истифода мебаранд. Зарурати танзими молиявии иқтисодиёт на ҳамеша аз ҷониби олимону иқтисодшиносон тарафдорӣ карда мешавад.

Нофаҳмиҳо ва номувофиқатӣ дар байни ин ё он мактабҳои илмӣ, фарқиятҳо дар мавқеъҳои гуногуни иқтисодшиносон танҳо дар он масъалаҳое ба миён меоянд, ки бо ёрии кадом воситаҳо ва усулҳо бояд танзими иқтисодиёт ба роҳ монда шавад. Аксар иқтисодшиносони муосир аввалин кӯшиши танзими молиявии иқтисодиётро ба даврaи ташаккулёбии муносибатҳои бозорӣ дар асрҳои XVII-XVIII нисбат медиҳанд»[74, с.16].

Барои дарки дуруст назарияҳои танзими давлатии молиявии иқтисодиёт аз нуқтаи назари мактабҳои иқтисодӣ дар ҷадвали 1.2 нишон дода шудааст.

Ҷадвали 1.2. - Назарияҳои танзими молиявии иқтисодиёт

Олимони соҳа	Нуқтаи назар
Адам Смит (1723-1790)	«...бозори озод ва рақобати озод метавонанд ба таври беҳтарин захираҳои иқтисодиро тақсим кунанд, яъне танзими ҳадди ақали давлатӣ барои таъмини қонун, тартибот ва ҳифзи ҳуқуқи моликият кофӣ мебошад»[50].
Ҷон Мейнард Кейнс (1883-1946)	«...давлат бояд ба сиёсати фискалӣ ва пули фаъол ба иқтисодиёт дахолат кунад ва ҳамзамон қайд намудааст, ки бо истифода аз хароҷоти давлатӣ ва назорати сатҳи фоизҳо давлат метавонад талаботи умумиро ба роҳ монда, ба таъмини шуғл ва рушди иқтисодӣ мусоидат намояд»[47].
Милтон Фридман (1912-2006), А. Лаффер ва Дж. Гильдер	«...танзими сиёсати пулии устувор ва пешгӯинашаванда бояд нақши асосиро дар танзими давлатии иқтисодиёт дошта бошад, ки тағйироти ғайринақшавӣ дар пешниҳоди пул боиси ноустуворӣ ва таваррум мешавад»[46].
Фридрих Ҳейек (1899-1992)	«...бозорҳо воситаи самараноки иттилоотиро барои тақсимоти захираҳо пешниҳод мекунанд ва дахолати давлатӣ боиси каҷравӣ дар ин раванд мегардад ва нақши давлат бояд ба ҳифзи қонун, ҳуқуқи моликият ва рақобати озод маҳдуд шавад»[43].
Джозеф Стиглиц	«…танзими давлатӣ барои пешгирӣ аз номукаммалиҳои бозор, монанди нобаробарии иқтисодӣ хело муҳим мебошад, ки дар ҳолати танзими самаранок давлат метавонад ба рушди устувори иқтисодӣ ва боадолат ноил гардад»[44].
Карл Маркс (1818-1883)	«...капитализм ба таври табиӣ боиси нобаробарии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мешавад, вобаста ба ин давлат бояд барои пешгирӣ аз истисмори коргарон ва таъмини адолати иҷтимоӣ, ки боиси танзими сахт ё милитаризатсияи иқтисод мегардад, чораҳои судманд андешад»[48].
П. Самуэльсон	«...рақобат ва бозор механизмҳои асосии танзими давлатии иқтисодиёт мебошанд»[49].
Э. Аткинсон ва Д. Стиглиц	«...давлат бояд баъзе вазифаҳои иқтисодиро иҷро кунад, чунки онҳо барои танзими молиявии иқтисодиёт ва нигоҳ доштани суботи макроиқтисодӣ (шуғли пурра, устувории нархҳо, рушди устувори иқтисодӣ) муҳим мебошанд»[44].
Н. Мамыров ва Ж. Ихданов	«...танзими давлатии иқтисодиёт шакли асосии дахолати маъмурию иқтисодӣ ва ташкилию ҳуқуқии давлат ба равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ бо мақсади нигоҳ доштани мувозинати оқилона ва суботи макроиқтисодии онҳо мебошад»[26].
В.П. Орешин	«...танзими давлатии иқтисодиёт – ин низоми тадбирҳои давлатӣ мебошад, ки дорои хусусияти қонунгузорӣ, иҷроия ва назоратӣ ҳастанд ва аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ бо мақсади муътадил гардонидан, рушди иқтисодиёт ва мутобиқ намудани низоми иҷтимоию иқтисодии мавҷуда ба амал бароварда мешавад» [32].
О. А. Морозова	«...танзими давлатии иқтисодиёт ин таъсири мақсадноки давлат ба рушди иқтисодии равандҳои микро ва макроиқтисодӣ бо мақсади нигоҳ доштани субот ё тағйир додани самти дилхоҳи ҷомеа мебошад»[31].

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси нуқтаи назари олимони соҳа

Дар марҳилаҳои гуногуни ташаккул ва инкишофи иқтисоди бозорӣ муносибати давлат вобаста ба танзимсозии соҳаҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ куллан тағйир ёфт. Масалан, «...дар давраи ташаккули муносибатҳои бозорӣ (асарҳои XVII - XVIII) зарурати танзими давлатии соҳаҳои савдо ва саноат ба миён омада бошад, пас дар охири асри XVIII дахолати давлат ҳамчун монеа дар инкишофи муносибатҳои бозорӣ ҳисоб мешуд. Ин ҳолат ба инкишофи тафаккури иқтисодии олимони соҳа сабаб гардид, ки боиси пайдоиши назарияҳои гуногуни танзими иқтисодиёт шуд. Дар давраи таназзули феодализм ва гузаштан ба капитализм меркантилизм ба вуҷуд омад, ки он ба таълимоти иқтисодӣ ва сиёсати иқтисодии давраи капитализми аввал (асрхои XV-XVII) табдил ёфт»[140, с.155].

Пайравони равияи меркантилизм ҷонибдори дахолати фаъолонаи давлат ба равандҳои иқтисодӣ буданд. Онҳо сиёсати иқтисодиро дастгирӣ мекарданд, ки ифодагари манфиатҳои табақаи соҳибкорони тиҷоратӣ, махсусан, ширкатҳои бузурги тиҷоратии монополистӣ ба ҳисоб мерафт. Ҳамзамон, ин раванд ба тавсеаи савдои хориҷӣ ва рушди соҳаҳои саноатие, ки маҳсулоти худро барои содирот истеҳсол менамуданд, равона карда шуда буд. Мақсади асосии сиёсати меркантилистӣ аз он иборат буд, ки ба мамлакат ҳарчи бештар тилло ва нуқра ворид карда шавад.

«Дар инкишофи меркантилизм ду марҳила вуҷуд дорад:

• марҳилаи ибтидоӣ, ки бо сиёсати тавозуни пулию қарзӣ тавсиф карда мешавад ва мақсади он нигоҳ доштани қурби пул дар мамлакат аст;

• марҳилаи дуюм, ки дар рафти он сиёсати мувозинати савдо пеш гирифта шуда буд, ба зиёд кардани пешниҳоди тилло ва нуқра аз ҳисоби барзиёдии (профисит) савдо (яъне, зиёда будани ҳаҷми содирот аз воридот) нигаронида шудааст.

Меркантилизм аввалин мактаби иқтисоди сиёсӣ мебошад, ки сиёсати давлатии протексионизмро асоснок мекунад. Аммо, ба андешаи мо, танзими давлатӣ аз лаҳзаи пайдоиши давлат ба татбиқи он оғоз кардааст. Дар ҳақиқат, ин аввалин вазифаи идоракунии давлатӣ барои рушди тамоми соҳаҳо

мебошад. Баъзе мушкилотҳои мавқеъ, нақш, аҳаммият ва вазифаҳои давлат дар танзими молиявии иқтисодиётро олимони соҳаи мазкур аз асрҳои пеш муайян карда буданд. Дар ибтидои асрҳои XV-XVII ҳангоми ҷамъоварии сармояи аввалин намояндагони мактаби меркантилизм зарурат ва аҳаммияти сиёсати фаъоли танзими иқтисодии давлатиро асоснок карда буданд. Кулли тадбирҳои пешниҳоднамудаи онҳо аз ҷониби аксар давлатҳои Аврупо, ки ба ташаккули низоми сармоядории бозорӣ саҳми назаррас гузошта буданд, мавриди истифода қарор гирифта буд. Ақидаҳои меркантилизм асоси назариявии сиёсати танзими молияи давлатӣ гардид, ки протексионизм номида шуда, ба ҳавасмандгардонии иқтисодиёти ватанӣ, ҳифзи он аз рақибони хориҷӣ ва густариши бозорҳои хориҷӣ нигаронида шудааст. Шуруъ аз асри XVII то имрӯз ҳеҷ давлате вуҷуд надорад, ки дар шароити муайян ба сиёсати иқтисодии протексионистӣ дучор нашуда бошад. Яке аз воситаҳои асоситарини он то ҳол боҷҳои гумрукии давлатӣ мебошанд, ки давлатҳо онро истифода менамоянд» [140, с.156-157].

«Дар давраи ташаккул ва густариши босуръати муносибатҳои капиталистӣ, махсусан дар асри XVIII, ғояҳои меркантилистӣ тадриҷан мавқеи худро ба равияи нави назариявӣ – либерализми иқтисодӣ – вогузор намуданд» [103]. Намояндагони барҷастаи ин мактаби фикри иқтисодӣ Адам Смит ва Дэвид Рикардо ба шумор мераванд. Адам Смит низоми бозориро ҳамчун механизми муассири худтанзимкунандаи фаъолияти иқтисодӣ арзёбӣ намуда, бар он назар буд, ки талоши субъектҳои хоҷагидорӣ барои қонеъ намудани манфиатҳои шахсӣ ва ба даст овардани фоида метавонад дар маҷмуъ ба ташаккули натиҷаҳои самараноки иқтисодӣ мусоидат намояд. Ба назари ӯ, рушди ҷомеа аз ҷониби қонунҳои объективии иқтисодӣ муайян мешавад ва онҳо бояд ба монанди қонунҳои табиат мустақилона амал намоянд. Аз ин рӯ, мувозинати иқтисодӣ метавонад бидуни дахолати мустақими давлат тавассути фаъолияти озоди бозор таъмин гардад.

Д. Рикардо низ ҷонибдори принсипи маҳдуд будани дахолати давлат ба равандҳои иқтисодӣ, озодии соҳибкорӣ ва рушди савдои озод буд. Ӯ

аҳаммияти тақсимоти байналмилалии меҳнатро таҳлил намуда, бартариҳои онро нишон дод ва аз ҷиҳати назариявӣ имконияту самаранокии савдои байналмилалиро асоснок намуд.

Назарияи иқтисодии классикии бозор асосан аз ҷониби А. Смит, Д. Рикардо ва пайравони онҳо таҳия гардид. «Онҳо чунин модели иқтисодиро пешниҳод намуданд, ки дар он озодии соҳибкорӣ, бартарияти моликияти хусусӣ ва рақобати озод ҳамчун принсипҳои асосии фаъолияти бозорӣ эътироф мешуданд» [38].

Намояндаи барҷастаи андешаи иқтисодии Фаронса Ж. Сэй дар оғози асри XIX «қонуни бозор»-ро таҳия кард, ки тибқи он раванди истеҳсолот ва пешниҳоди молҳо метавонад талаботи мувофиқро дар бозор ба вуҷуд оварад. Аммо дар шароити муомилоти пулӣ ин тасдиқ нагардид, зеро принсипи ба миён гузошташуда танҳо барои савдои бартерӣ дуруст буда метавонад. Пайравони Ж. Сэй, ки ҷонибдорони ҷунбиши неоклассикӣ буданд, арзишҳои анъанавии иқтисоди капиталистиро ҳимоя мекарданд ва инчунин, ба озодии иқтисодӣ, ташаббуси хусусӣ, соҳибкории хусусӣ ва дахолат накардани давлат ба низоми бозор бартарӣ медоданд. Онҳо кӯшиш мекарданд, то исбот намоянд, ки «қонуни бозор» баробарии ҳаҷми талаботу пешниҳод пеши роҳи буҳронҳои иқтисодиро мегирад, аммо ҳамаи ин гуфтаҳои назариявиро буҳрони иқтисодии солҳои 1929-1933 рад кард. Маълум шуд, ки механизмҳои бозор барои таъмини фаъолияти муътадили иқтисодиёт, мувозинати устувории нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ва дар маҷмуъ, барои танзими соҳаҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ қодир нест.

«Неоклассикҳо инкишофи истеҳсолотро ба паст кардани меъёри андозҳо пешниҳод мекунанд. Ба ақидаи онҳо, пастшавии меъёри андозҳо боиси афзоиши пасандоз, маблағгузорӣ ва Маҷмуи маҳсулоти миллӣ мегардад. Ҷон Кейнс ва пайравони ӯ барои афзоиши маблағгузорӣ зиёд кардани хароҷотҳои ҳукуматӣ ва паст кардани меъёри фоизи қарзро пешниҳод намудаанд, ки ин ҳолат ба афзоиши ҳаҷми маблағгузорӣ сабаб шуда метавонад»[38].

Новобаста аз он, ки дар назарияи иқтисодӣ аз мактаби меркантилистӣ (асри XVII) сар карда, то мактаби монетаристӣ (нимаи дуюм асри XX), бештари олимони иқтисодшинос «ба истиснои Карл Маркс ва Ҷон Кейнс» ҷонибдори маҳдуд намудани дахолати давлат ба иқтисод буданд, аммо таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон додааст, ки низоми иқтисоди бозорӣ бе дахолати давлат як қатор масъалаҳои иқтисодиро ҳал карда наметавонад ва бояд давлат дар ҳалли ин масъалаҳо иштирок намояд. Масалан, дар низоми иқтисоди бозорӣ таҳти таъсири омилҳои гуногун равандҳои рушди иқтисодӣ аксаран хусусияти даврӣ пайдо мекунанд. Илова бар ин, таъсири рақобати бозорӣ метавонад боиси муфлисшавии як қисми истеҳсолкунандагон гардад. Ҳамзамон, фаъолияти иқтисодӣ дар баъзе ҳолатҳо ба муҳити зист таъсири манфӣ расонида, мушкилоти экологиро ба вуҷуд меорад. Ғайр аз ин, гурӯҳҳои иҷтимоие, ки имконияти пурраи иштирок дар фаъолияти меҳнатиро надоранд (аз ҷумла, маъюбон, пиронсолон ва кӯдакон), метавонанд бо маҳдудиятҳои таъмини талаботи асосии худ рӯ ба рӯ шаванд. Аз ҳамин ҷиҳат, дар низоми иқтисоди бозорӣ дахолати давлат хело зарур аст, ки бе мавҷудияти он иқтисоди бозорӣ самаранок буда наметавонад.

«Низомҳои аз ҳама бештар тараққикардаи танзими молиявии иқтисодиёт дар давлатҳои Аврупои Ғарбӣ (хусусан, кишварҳои Скандинавия, Австрия, Олмон, Фаронса, Испания, Нидерландия), Ҷопон ва баъзе кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ - Сингапур, Кореяи Ҷанубӣ, Малайзия ба вуҷуд омадаанд. Дар баробари ин, ИМА, Канада ва Австралия, ки дар онҳо сармояи хусусӣ мавқеи махсусан қавӣ дорад, танзими молиявии иқтисодиёт дар нуқтаи марказии иқтисодшиносон қарор дорад»[18].

Таҳаввулоти асосӣ дар назарияи иқтисодӣ вобаста ба масъалаи танзими молиявии рушди иқтисодиёти миллӣ дар солҳои 30-юми асри XX аз ҷониби Ҷ.Кейнс ба миён омадааст. Ҷ.Кейнс чунин мешуморид, ки давлат на фақат институти сиёсӣ (авторитет), балки ҳамчун институти иқтисодие мебошад, ки ҳангоми танзимкунӣ бояд манфиатҳои миллиро ба назар гирифта, рушди иқтисодиётро таъмин намояд.

«Ҷ. Кейнс ҳамчун принсипи бунёдӣ принсипи «талаботи самарабахш»-ро низ ба миён гузоштааст, ки он боиси афзоиши даромадҳои аҳолӣ ва ҳам корхонаҳо мегардад ва ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузориро воситаи асосии рушди талабот донистааст. Давлат бо роҳи таъсир расондан ба баланд шудани дараҷаи шуғли меҳнат, паст намудани меъёри қарз, истифодаи хариди давлатӣ ва хароҷот ба мақсадҳои иҷтимоӣ метавонад рушди иқтисодиро таъмин намояд. Ӯ модели макроиқтисодиро кор карда баромад, ки дар он робитаи функсионалии байни сармоягузорӣ, шуғл, истеъмол ва даромад муқаррар карда шудааст. Дар ин модел вай дар фаъолияти иқтисодии давлат нақши калон гузошт, ки ин баҳри баланд бардоштани самаранокии ҳадди маблағгузориҳои асосӣ замина ба ҳисоб меравад. Бонки марказӣ бояд меъёри фоиз ва таваррумро муътадил паст намояд. Таваррум бояд мунтазам баланд шудани сатҳи нархҳоро таъмин кунад, ки ин боиси афзоиши маблағгузории асосӣ мегардад. Дар натиҷа ҷойҳои нави корӣ таъсис дода мешаванд, ки боиси ноил шудан ба шуғли пурра мегардад. Зиёд шудани маблағгузорӣ ба афзоиши шуғли аҳолӣ, даромади ҷамъият ва мутаносибан зиёд шудани талаботи истеъмолкунандагон мегардад.

Ин принсипҳои нави кейнсивиро мамлакатҳои пешқадами Ғарб дар сиёсати иҷтимоию иқтисодии худ баъди ҷанги дуюми ҷаҳон истифода бурданд. Махсусан дар соҳаҳои иҷтимоӣ натиҷаҳои хуб доданд. Дар натиҷа шакли нави иқтисоди бозорӣ - иқтисодиёти иҷтимоӣ ба вуҷуд омад. Хусусиятҳои асосии фарқкунандаи иқтисодиёти ба иҷтимоӣ нигаронидашуда инҳоянд:

• гуногунандешии шаклҳои моликият;

• зарурати давлатии соҳаҳои иқтисодӣ;

• қонеъ гардонидани талаботи муҳимтарин ва афзалиятноки тамоми аҳолӣ тавассути тақсимоти даромад;

• мавҷудияти синфи миёна (70-80%), таъмини суботи иҷтимоии ҷомеа»[140, с.157-158].

Азнавтақсимоти даромадҳои субъектҳои хоҷагидор заминаи моддӣ ва манфиатдории молистеҳсолкунандагон ва соҳибкоронро паст карда, дар натиҷа касри буҷети давлатӣ, ки аз ҳисоби эмиссияҳои пулӣ қисман пӯшонида мешавад, меъёри таваррумро афзоиш медиҳад ва ин ҳолат боиси нигаронии шадид дар иқтисодиёт мегардад.

Таъсири омилҳои зикршуда сабаб гардид, ки дар илми иқтисод равияҳои алтернативии зидди назарияи кейнсиавӣ пайдо шаванд. Ин равияҳо аз ҷониби намояндагони неоконсерватизм таҳия гардида, минбаъд ба ташаккули се самти асосии таҳлили иқтисодӣ мусоидат карданд: монетаризм, назарияи иқтисодиёти таъминот ва назарияи интизориҳои оқилона.

Тибқи ақидаи монетаризмҳо танзими давлатии иқтисодиёт ин дар назорат аз болои муомилоти пулӣ асос меёбад, чунки пул моли асосиест, ки тараққиёти истеҳсолотро муайян мекунад.

Асоси назариявии ҳар се мактаби неоконсервативӣ аз зарурати тақвияти механизмҳои бозорӣ, эҳёи худтанзимкунии иқтисодӣ ва дастгирии фаъолияти соҳибкории хусусӣ иборат буд. «Аз нимаи солҳои 70-уми асри гузашта пешниҳодҳои ин мактабҳо дар таҷрибаи иқтисодии баъзе кишварҳои пешрафта, аз қабили ИМА, Британияи Кабир ва Олмон татбиқ гардиданд»[18]. Хусусияти асосии ин сиёсатҳо коҳиш додани иштироки давлат дар танзими мустақими иқтисодиёт ва васеъ намудани имкониятҳои фаъолияти озоди бозорӣ ба ҳисоб мерафт.

Аммо буҳрони ҷаҳонии охири солҳои 70-ум ва ибтидои солҳои 80-ум боз саволеро ба миён овард, ки кадом субъект дар танзими молиявии иқтисодиёт нақши беҳтар дорад: давлат ё бозор? Саволи ба миён омадаро П. Самуэлсон намояндаи мактаби назарияи иқтисодии омехта посух дод. Пайравони ин назария танзими давлатӣ ва механизмҳои бозорро бо ақидаҳои илмии хеш ҷонибдорӣ намудаанд. Ҳаҷми дахолати давлат ба иқтисодиёт бояд вобаста ба хусусиятҳои вазъи иқтисодӣ муайян карда шавад. Танҳо дар асоси муттаҳид намудани имкониятҳои бозор ва воситаҳои танзими давлатӣ метавон ба тавозуни байни талаботи маҷмуӣ ва пешниҳоди умумӣ ноил

гардид. Чунин ҳамкорӣ дар баланд бардоштани самаранокии иқтисодӣ, таъмини ҳадафҳои иҷтимоӣ ва фароҳам овардани заминаҳои рушди иқтисодӣ мусоидат менамояд.

То охири асри XX дар илми иқтисод ақидаи устувор ташаккул ёфт, ки давлат бояд дар низоми бозорӣ нақши муайян дошта бошад. Дахолати давлат ба равандҳои иқтисодӣ на ҳамчун воситаи ҷойгузинии механизмҳои бозорӣ, балки ҳамчун шарти зарурии таъмини фаъолияти самараноки онҳо ва коҳиш додани маҳдудиятҳои мавҷудаи бозор пазируфта шуд. Аз ин рӯ, аксари давлатҳои ҷаҳон имрӯз моделҳои гуногуни иқтисодиёти омехтаро татбиқ менамоянд.

Низоми иқтисодии ҳар як мамлакат яке аз қисмҳои таркибии сохтори конститутсионии онро ташкил медиҳад. Дар марҳилаи муайяни инкишофи ҳар як мамлакат ба сохтори конститутсионии он дараҷаи муайяни тараққиёти иқтисодӣ мувофиқ мебошад[42, с.25]. Маҳз дар сохтори низоми иқтисодии давлат муносибатҳои истеҳсолӣ мавқеи муҳим доранд. Ин муносибатҳо дар натиҷаи фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ дар марҳилаҳои истеҳсол, тақсим, мубодила ва истеъмоли маҳсулот ташаккул ёфта, хусусияти ташкилию иҷтимоии иқтисодиётро муайян менамоянд. Вобаста ба ин дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардидааст, ки: «Асоси иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистонро шаклҳои гуногуни моликият ташкил медиҳад. Давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат медиҳад»[3, м.12]. Нақши иқтисодиёт дар ҳаёти ҷомеа аз он иборат аст, ки он ҳамчун омили муайянкунандаи ташаккули бисёр муносибатҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла муносибатҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва фарҳангӣ хизмат мекунад. Сатҳи рушди иқтисодӣ ба хусусиятҳои идоракунии ҷомеа, шаклгирии андешаҳои ҳуқуқӣ, рушди маданият, санъат ва ҳатто ба ташаккули дидгоҳҳои сиёсиву эътиқодии аъзои ҷомеа таъсири назаррас мерасонад. Мақсади ҳама гуна иқтисодиёт дар ҷамъият харчи пурратар қонеъ гардонидани талаботи моддӣ ва маънавии аҳолӣ мебошад.

Дар ин замина, танзими давлатии рушди иқтисодӣ пеш аз ҳама ба ташаккули шароити зарурӣ барои таъмини рушди устувори иқтисодиёт равона гардида, афзоиши ҳаҷми маблағгузорӣ танҳо яке аз унсурҳои татбиқи ин вазифаи муҳим ба ҳисоб меравад. Дар ин самт назарияи иқтисодӣ аз равишҳои пешниҳоднамудаи мактабҳои неоклассикӣ ва кейнсианӣ истифода менамояд. Дар шароити мураккаб ва тағйирёбандаи иқтисоди ҷаҳонӣ давлат бояд ба таъмини рушди босуботи иқтисодӣ, таҳкими иқтидори истеҳсолӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ ҳамчун самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодӣ таваҷҷуҳ зоҳир намояд.

Дар шароити имрӯза густариши равандҳои ҷаҳонишавии иқтисодӣ ва амиқ гардидани ҳамгироии байналмилалии иқтисодӣ боиси тағйир ёфтани вазифа ва самтҳои фаъолияти давлат дар соҳаи танзими молиявӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мегардад. Ҳамзамон, раванди ҳимояи манфиатҳои миллии иқтисодӣ дар муҳити ҷаҳонии рақобат торафт мураккабтар мешавад. Рақобати муосири ҷаҳонӣ на танҳо байни давлатҳои алоҳида, балки миёни низомҳои калони такрористеҳсоли фаромиллӣ низ ба амал меояд.

Маврид ба зикр аст, ки назарияи классикии иқтисодӣ дахолати ҳадди ақали давлатро ба иқтисодиёт, аз ҷумла бахши молиявӣ, пешбинӣ мекард. Чуноне қайд кардем, ба ақидаи А.Смит ва Д.Рикардо механизми бозорӣ қобилияти мустақилона таъмин намудани мувозинат ва самаранокии тақсимоти захираҳоро дорад. Аммо буҳронҳои асрҳои XIX – XX ва буҳрони бузург маҳдудиятҳои ин равишро нишон доданд.

Назарияи кейнсионӣ бошад, иштироки фаъолонаи давлатро дар танзими иктисодиёт тавассути сиёсати буҷет ва андоз пешниҳод кард. Танзими молиявӣ дар парадигмаи Кейнс шарти зарурии ҳамвор кардани тағйирёбии давравӣ ва таъмини шуғли пурра мебошад. Назарияи монетаризм, ки онро М.Фридман таҳия кардааст, ба танзими муомилоти пул ва таваррум ҳамчун вазифаҳои асосии сиёсати молиявӣ нигаронида шудааст. Дар доираи ин консепсия танзими молиявӣ барои назорат аз болои ҳаҷми пул ва меъёрҳои фоизӣ кам карда мешавад. Дар ин радиф мо модели консептуалии низоми танзими молиявиро дар расми 1.1 пешниҳод намудем (нигаред ба расми 1.1.).



Расми 1.1. – Сохтори модели консептуалии ташаккули низоми танзими молиявӣ
Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Ҳамин тариқ, ҳар як назария нақши давлат ва механизми танзимро ба таври худ муайян месозад, ки ҳангоми сохтани модели муосири танзими молиявӣ таҳлили системавиро талаб мекунад. Ҳамзамон, дар асоси тадқиқ маълум гардид, ки танзими молиявӣ ҷузъи ҷудонашавандаи сиёсати иқтисодии давлат, таъмини устувории низоми молиявӣ, пешгирии буҳронҳо ва тақсимоти самараноки захираҳо мебошад. Натиҷаҳои тадқиқот собит месозанд, ки ҷаҳонишавии иқтисодӣ боиси амиқ гардидани робитаҳои байни низомҳои молиявии миллӣ мегарданд. Ба андешаи мо, асоси назариявии танзими молиявӣ бояд пайваста ба навгониҳо, яъне рақамикунонӣ, пайдоиши асъори криптовалютӣ, хатарҳои фаромиллӣ ва ноустувории иқтисоди ҷаҳонӣ мутобиқ шавад.

1.2. Тадқиқи заминаҳои методологӣ ва принсипҳои танзими молиявии рушди иқтисодиёт

Танзими молиявӣ ҳамчун унсури муҳимми идоракунии давлатӣ танҳо ба назорати даромад ва хароҷоти буҷет маҳдуд намешавад, балки маҷмуи механизмҳоеро дар бар мегирад, ки ба таъмини устувории иқтисодӣ, самаранокии тақсимоти захираҳо ва адолати иҷтимоӣ равона шудаанд. Дар шароити муосири иқтисодӣ буҳронҳои иқтисодӣ, рақамикунонии молия ва тағйирёбии бозорҳои байналмилалӣ нақши танзими молиявӣ дар таъмини рушди устувори давлатҳо пайваста меафзояд. Ҳамчунон, мавҷудияти чунин чолишҳои муосир, аз ҷумла афзоиши таваррум, тағйирёбии қурби асъор, таъсири таҳримҳои иқтисодӣ ва дигаргуншавии сохтори бозорҳои молиявӣ, зарурати такмили пайвастаи равишҳои танзими молиявиро ба миён оварда, татбиқи механизмҳо ва усулҳои самараноки идоракуниро тақозо менамояд.

Дар ин замина, чуноне, ки Т.Г. Илина қайд менамояд, «Тағйироти сохтори технологии иқтисоди ҷаҳонӣ, гузариши тадриҷан ба ҷомеаи иттилоотӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои нав, табдили ҷаҳонии бозорҳо ва иттиҳодияҳои ҳамгироии иқтисодии кишварҳо ва дар робита ба ин, шиддат гирифтани рақобати шадиди молиявию иқтисодӣ, талаб мекунанд, ки

механизми нави танзими пулию молиявии иқтисодиёт дар ҳамаи сатҳҳо, ҷорӣ намудани усулу воситаҳои наву самарабахш лозим аст»[77, с.43].

Дар шароити иқтисоди бозорӣ танзими молиявӣ тавассути низоми тағйирпазирии тақсимоти захираҳои молиявӣ таъмин карда мешавад. Танҳо бо роҳи усулҳои одилона ва принсипҳои асосӣ, инчунин тақсимоти мутаносиб барои ба амал баровардани дигаргуниҳои мусбати сохторӣ заминаҳои зарурии молиявӣ ба вуҷуд меоянд. Интихоби дуруст ва самараноки воситаҳои танзими молиявии иқтисодиёт метавонад ба ташаккули сохтори истеҳсолоти ҷамъиятӣ ва рушди бахши давлатӣ таъсири назаррас расонад. Зарурати дахолати давлат ба равандҳои иқтисодӣ аз маҳдудиятҳои механизми бозорӣ сарчашма гирифта, пеш аз ҳама ба он вобаста аст, ки бозор на дар ҳама ҳолатҳо қодир аст маҷмуи масъалаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷомеаро ба таври комил ҳал намояд. «Аз ин рӯ, давлат тавассути воситаҳои танзимкунанда ба дастгирии самтҳои афзалиятноки рушди иқтисодӣ, таъмини тағйироти сохторӣ, ташаккули инфрасохтори муосири истеҳсолию иҷтимоӣ ва фароҳам овардани шароити зарурӣ баҳри рушди устувор таъсир мерасонад» [77]. Бесабаб нест, ки дар давлатҳои аз ҷиҳати иқтисоди тараққикарда усулҳо ва принсипҳои муоссири танзими молиявии давлатӣ дар амалияи истеҳсолот васеъ истифода мешаванд.

Новобаста аз ин, қобили тазаккур аст, ки усулҳо, воситаҳо, принсипҳо ва фишангҳои танзими давлатии молиявӣ то имрӯз пурра омӯхта нашудаанд, аз ин рӯ доир ба дахолати давлат ба иқтисодиёт бисёр масъалаҳои ҳалнашуда боқӣ мондаанд. Барои ба самти дуруст равона кардани ин раванд танзими механизмҳои рушди иқтисодиёт ва истеҳсолоти ҷамъиятӣ танзими молиявии давлатӣ аз истифодаи мақсаднок ва пайгиронаи шаклу усулҳои таъсири молиявӣ ба субъектҳои хоҷагидорӣ, ки ба рушди прогрессивии иқтисодиёт ва мувозинати макроиктисодӣ дар ҳар як давраи мушаххаси фаъолияти он таъсир мерасонад, иборат мебошад.

Механизми танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷмуи принсипу шаклҳо ва абзорҳои молиявиро дар бар

гирифта, тавассути онҳо таъмини устувории иқтисодӣ, самаранокии рушди иқтисодӣ, пешгирии номувозиниҳои молиявӣ ва таҳкими имкониятҳои иқтисодии кишвар таъмин карда мешавад. Дар марҳилаи муосир танзими молиявӣ ҳамчун унсури муҳимми сиёсати иқтисодии давлат баромад намуда, дар идоракунии равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва танзими самтҳои асосии рушди мамлакат нақши назаррас дорад. Самаранокии он дар ташаккули муҳити мусоид барои рушди дарозмуддат, истифодаи мақсадноки имкониятҳои молиявӣ ва таъмини тавозуни манфиатҳои иқтисодию иҷтимоии ҷомеа таҷассум меёбад. Дар шароити иқтисоди бозорӣ норасоии захираҳои дохилӣ ва вобастагии зиёди буҷет аз манбаъҳои хориҷӣ нақши самараноки танзими молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон махсусан муҳим аст. Вобаста ба ин, бояд қайд намуд, ки пеш аз оне, ки мо усулҳо ва принсипҳои танзими молиявиро таҳлил намоем, бояд принсипҳои умумии танзими давлатиро мавриди баррасӣ қарор диҳем. Дар ин ҳошия, зикр бояд кард, ки принсипҳои асосии танзими давлатӣ дар шароити имрӯза аз инҳо иборат мебошанд:

- дар сатҳи илмӣ муайян намудани моҳияти иқтисодӣ, мазмун ва аҳаммияти фаъолияти соҳибкорӣ дар раванди рушди иқтисодиёт ва таъмини шароити моддии зиндагии ҷомеа;

- таъмини ҳамоҳангӣ ва тавозуни байни ҳадафҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии давлат;

- татбиқи танзими иқтисодӣ дар асоси барномаҳо ва ҳадафҳои мушаххас;

- фароҳам овардани кафолатҳои зарурии давлатии дастгирӣ ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ;

- истифодаи муносибати тафриқавӣ бо дарназардошти хусусият ва сатҳи рушди субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ.

- самти далелноки дастгирии давлатӣ;

- гуногунии шаклҳои фаъолияти соҳибкорӣ;

- тақсими меҳнат ва кооператсия дар байни хизмати давлатӣ ва маҳаллӣ.

Барои татбиқи ҳадафҳои иқтисодии рушди миллӣ дар низоми танзими давлатии иқтисодиёт маҷмуи васеи шаклҳо ва усулҳои идоракунӣ истифода мегардад. Онҳо имконият медиҳанд, ки самтҳои афзалиятнок муайян карда шуда, роҳҳои самараноки расидан ба натиҷаҳои пешбинишуда интихоб ва амалӣ гарданд. Дар рушди иқтисодиву иҷтимоии ҷорӣ намудани барномаҳои давлатӣ, аз қабили паст намудани сатҳи камбизоатӣ, боло бурдани сатҳи сифати зиндагии аҳолӣ, истифодаи васеи дастовардҳои илмию техникӣ, таҳкими истиқлолияти энергетикӣ, нақлиётӣ ва озуқаворӣ, инчунин таъсиси ҷойҳои нави корӣ, ба самаранокии сиёсати молиявии давлат ва имкониятҳои ташаккули захираҳои молиявии он вобастагии мустақим дорад.

Дар низоми иқтисодии пӯшида, ки иштироки давлат дар танзими муносибатҳои иқтисодӣ васеъ мебошад, идоракунии давлатӣ ба тамоми самтҳои калидии истеҳсолот паҳн гардида, ташкили низоми фарогири мақомоти давлатӣ ва сохторҳои назоратиро зарур мегардонад.

Таҳаввули усулҳои танзим дар иқтисоди кушод аз бартарии усулҳои мустақими микроиқтисодӣ ба бартарии усулҳои ғайримустақими макроиқтисодӣ оварда мерасонад. Дар модели макроиқтисодии иқтисоди кушод ба ғайр аз сиёсати фискалӣ ва пулию қарзӣ, низоми сиёсати иқтисодии давлатӣ ва сиёсати иқтисодии беруниро дар бар мегирад.

Дар шароити ҳозираи тараққиёти сармоядорӣ (капиталистӣ) миқёси танзими давлатии соҳаи иқтисодиёт дар мамлакатҳои мутамаддин хеле гуногун буда, худи шаклу усулҳои танзим низ фарқ карда мешаванд. Ин ҳолат, ба мо имкон медиҳад, то дар мавриди таснифи намудҳои танзими мувофиқ ба моделҳои гуногуни иқтисодӣ сухан гуфта бошем.

Модели амрикоии танзими иқтисодӣ, аз як тараф, «модели соҳибкории озод» мебошад (дар ИМА, Англия ва дигар кишварҳо амал мекунад). Дахолати давлат ба ҷиҳати воқеии иқтисодии ҳалли ҳар як масъалаи иқтисодӣ хеле кам аст. Нархҳо дар фаъолияти иқтисодии

субъектҳои бозор ҳамчун дастур ва роҳнамо хизмат мекунанд. Мазмуни иқтисодии ин модел чунин аст: Ҳамаи масъалаҳои иқтисодиро бозор тавассути низомҳои рақобат ва нархҳои озод ҳал мекунад. Олимони амрикоӣ Р. Макен ва М. Перлмай асосҳои ин низомро тадқиқ намуда, онро чунин тавсиф мекунанд: «Дар ин низом вақте, ки ҳамаи механизмҳо озодона амал мекунанд, талабот ва пешниҳод нархи мол ва хизматро муайян менамоянд. Соҳибкорон метавонанд озодона тиҷорати худро инкишоф диҳанд. Аз ҷиҳати назариявӣ, агар онҳо натавонанд бо ин сифат ва бо ин нарх молу хизматрасонӣ истеҳсол кунанд, пас маҷбуран аз бозор хориҷ мешаванд. Дар тиҷорат танҳо онҳое муваффақ мешаванд, ки самараноктар фаъолият мекунанд ва ба ҷомеа босифаттар хизмат мекунанд»[25, с.23].

Дар доираи чунин низоми иқтисодӣ, дахолат ва танзими давлатии равандҳои иқтисодӣ пеш аз ҳама ба ташаккули шароити мусоид барои пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ ва истифодаи самараноки иқтидори иқтисодии ҷомеа равона карда мешавад. Давлат тавассути механизмҳои танзимкунанда ба ташаккули шароите мусоидат менамояд, ки дар он ташаббуси хусусӣ, ҷамъшавии сармоя ва фаъолияти самараноки субъектҳои иқтисодӣ ҳамчун унсурҳои муҳимми рушди иқтисодӣ таъмин мегарданд ва аз тарафи дигар, барои паст кардани шиддати иҷтимоӣ давлат:

– бо роҳи қисман аз нав тақсим кардани даромади миллӣ сатҳи қобили зиндагии гуруҳҳои камдаромади аҳолиро кафолат медиҳад [21];

– дар баъзе мавридҳо ба бунёди соҳаҳои нави истеҳсолӣ дар соҳаи соҳибкории хурду миёна камар баста, ба пайдоиши онҳо тавассути имкони шаклҳои гуногуни шарикии давлат ва бахши хусусӣ бо шарти мустақилияти фаъолияти минбаъдаи иқтисодии онҳо шуруъ менамояд[45, с.11].

Модели иқтисодиёти ба иҷтимоӣ нигаронидашуда, ки ҳоло ба чунин давлатҳои Скандинавия, аз қабили Шветсия, Норвегия, Финландия хос аст ва онро маъмулан «модели шведӣ» меноманд, ба навъи танзими худ мувофиқ аст. «Хусусияти фарқкунандаи ин низом ва мақсади он сиёсати сатҳи иҷтимоӣ мебошад, ки ба паст кардани нобаробарии сарватҳо бо роҳи аз нав

тақсим кардани даромади миллӣ ба нафъи табақаҳои камтаъсири аҳолӣ нигаронида шудааст. Принсипи танзим дар ин маврид ба истиснои аз сармояи он барои пурра ихтиёрдории даромади худ, ки тавассути меъёри баланди андоз амалӣ карда мешавад, асос ёфтааст. Ин навъи танзим ба Шветсия имкон дод, ки то охири солҳои 80-ум ба сатҳи некуаҳволӣ ноил шавад, ки бо нуқтаи баландтарин ММД ба ҳар сари аҳолӣ тавсиф мешавад»[20, с.6]. Ба хусусиятҳои асосии модели мазкури иқтисодӣ, ки унсурҳои хосро доро мебошанд, чунинанд:

1) Маҷмуи муносибатҳои бозорӣ ва танзими давлатӣ дар он зоҳир мешавад, ки дар соҳаи истеҳсолот бартарияти моликияти хусусӣ боқӣ мемонад ва азбаски дараҷаи ҷамъиятикунонӣ дар соҳаи истеъмол хеле баланд аст, бинобар он мувофиқи принсипҳои баробарии иҷтимоӣ дар азнавтақсимкунии даромад зуҳур мекунад;


2) Бо фаъолияти ташкилотҳои пуриқтидори иттифоқҳои касаба дар асоси шартномаҳои коллективие, ки соҳаи меҳнат ва музди корро ба тартиб медароранд, таъмин карда мешавад. Ба гуфтаи муҳаққиқ И.А.Асроров, дар чунин ҳолат «Шуғли баланд ва баробаршавии даромадро таъмин мекунад, ки боиси беэътиноии нисбии иҷтимоӣ дар ин кишвар мегардад»[58, с.35].

3) Дар ташаккули ягонагии институтсионалии низоми ҳифзи иҷтимоӣ баҳри фароҳам овардани муҳити устувори равонӣ ва эҳсоси эътимод ба кафолатҳои иҷтимоӣ мусоидат менамояд.

Навъи дигари муосири танзими иқтисодиро бояд навъи танзими мувофиқ ба модели танзимшавандаи бозории рушди иқтисодӣ, ки асоси он навоварии истеҳсолот, саноати иттилоотӣ ва хизматрасонӣ ба иқтисодиёт мебошад, донистан лозим аст. Ин модели иқтисодӣ ва ин навъи танзим барои Ҷопон ва кишварҳои навбунёди саноатии Осиё (Кореяи Ҷанубӣ, Таиланд, Малайзия, Тайван) хос аст.

Ба андешаи мо, самаранокии танзими молиявӣ асосан бо риояи принсипҳои бунёдие, ки дар ташкил ва татбиқи он қарор доранд, муайян карда мешавад. Бояд қайд намуд, ки принсипҳои асосии танзими молиявӣ

асоси сиёсати самаранок ва одилонаи молиявиро ташкил медиҳанд (расми 1.2.)



Расми 1.2. - Принсипҳои асосии танзими молиявӣ
Сарчашма: Тибқи [79], [101], [103], [132], [133] таҳия шудааст.

Таҳлили расми 1.2 нишон медиҳад, ки то чӣ андоза принсипҳои дар боло зикр шуда барои танзими рушди иқтисодиёти устувор муҳим мебошанд.

Яке аз принсипҳои асосии танзими молиявӣ қонуният аст. Ин маънои онро дорад, ки тамоми равандҳои молиявию иқтисодӣ, ки аз ҷониби давлат танзим карда мешаванд, бояд тибқи қонунгузории ҷорӣ ва амалӣ гарданд. Ҳуқуқи молиявӣ заминаи ҳуқуқии фаъолияти низоми буҷетӣ, мақомоти андоз ва муассисаҳои молиявиро ташкил медиҳад. Риояи принсипи қонуният заминаи ҳуқуқии танзими муносибатҳои молиявиро таҳким бахшида, аз амалҳои худсарона дар ҷараёни фаъолияти иқтисодӣ ҷилавгирӣ менамояд ва

барои ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои иштирокдорони муносибатҳои молиявӣ шароити зарурӣ фароҳам месозад.

Принсипи муҳимми навбатӣ ин шаффофият ва ошкорбаёнӣ мебошад. Шароити муосир шаффоф будани иттилооти молиявиро, махсусан аз нуқтаи назари буҷети давлатӣ, тақсимоти андоз ва сохтори хароҷоти давлатро талаб мекунад. Дастрасӣ ба ин маълумот ба афзоиши боварии шаҳрвандон ва соҳибкорон мусоидат мекунад, хатарҳои коррупсиониро коҳиш медиҳад ва ба ҷомеа имкон медиҳад, ки фаъолияти сохторҳои давлатиро назорат намояд.

Принсипи истифодаи мақсаднок ва самараноки захираҳо пешбинӣ мекунад, ки захираҳои молиявӣ, хусусан маблағҳои буҷетӣ, бояд қатъиян мувофиқи мақсад истифода гардида, боздеҳи бештари иҷтимоию иқтисодӣ оваранд. Ин принсип махсусан, дар шароити маҳдуд будани захираҳо ва зарурати баланд бардоштани самаранокии хароҷоти давлатӣ нақши ҳалкунанда дорад. Истифодаи ғайрисамараноки маблағҳои буҷет боиси талафоти иқтисодӣ ва шиддати иҷтимоӣ мегардад.

Принсипи низомнокӣ принсипест, ки мутобиқати тамоми сатҳҳо ва воситаҳои танзими молиявиро таъмин мекунад. Буҷети давлатӣ, қарзи давлатӣ, андозҳо, муносибатҳои байнибуҷетӣ, назорати молиявӣ, сармоягузории давлатӣ ва ғайраҳо қисматҳои асосии низоми молиявии ҳар як кишвар ба шумор мераванд. Ҳамаи ҷузъҳои мазкур бояд дар доираи низоми ягонаи ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилӣ ба ҳамоҳангӣ амал намуда, барои ташаккули механизми ҳамаҷониба ва мутавозини танзим замина фароҳам оваранд.

Ҷанбаи иҷтимоии сиёсати молиявӣ дар асоси принсипи адолат ташаккул ёфта, ба таъмини тақсимоти нисбатан баробари захираҳои иқтисодӣ ва фароҳамсозии имкониятҳои зарурӣ барои табақаҳои мухталифи аҳолӣ нигаронида мешавад. Дар доираи ин раванд сиёсати молиявӣ ба паст намудани нобаробарии иҷтимоию иқтисодӣ, дастгирии табақаҳои ниёзманди ҷомеа ва ҳифзи манфиатҳои ҷамъиятӣ равона мегардад. Механизмҳои андозбандии прогрессивӣ, пардохтҳои иҷтимоӣ ва субсидияҳои давлатӣ

ҳамчун воситаҳои муҳимми татбиқи адолати иҷтимоӣ дар иқтисодиёт истифода мешаванд. Дар шароити муосир ин принсип дар пасманзари афзоиши табақабандии иҷтимоӣ ва зарурати таҳкими суботи иҷтимоӣ аҳаммияти хос пайдо мекунад.

Принсипи устуворӣ ва пешгӯишаванда дар шароити имрӯза нақши калидӣ мебозад. Танзими молиявӣ бояд бо мурури замон устувор бошад ва ба тағйирот зуд-зуд ва ногаҳонӣ дучор нашавад. Ин барои банақшагирии фаъолияти соҳибкорӣ, ҷалби сармоягузорӣ ва рушди дарозмуддати иқтисодӣ шароити мусоид фароҳам меорад. Муҳим аст, ки тавозуни байни устуворӣ ва қобилияти тағйирёбӣ, ки ба принсипи навбатӣ - мутобиқшавӣ оварда мерасонад.

Принсипи мувозинатӣ, пеш аз ҳама маънои ба инобат гирифтани манфиатҳои ҳамаи иштироккунандагони муносибатҳои молиявиро барои рушди устувор дар назар дорад.

Принсипи масъулият маънои онро дорад, ки танзимгарон ва иштирокчиён барои таъмини риояи қоидаҳои молиявӣ масъуланд.

Принсипи суботи молиявӣ, қабл аз ҳама маънои нигоҳ доштани ҳолати устувори низоми молиявиро дорад.

Принсипи мутобиқшавӣ муҳиммияти танзими молиявиро дар шароити тағйирёбии иқтисодӣ мефаҳмонад. Ин махсусан, дар даврaҳои таҳаввулоти иқтисодӣ, яъне: буҳронҳои ҷаҳонӣ, фишори таҳримҳо, пандемия ва дигар ҳолатҳои ғайримуқаррарӣ ба вуқуъ меояд.

Дар маҷмуъ, ҳамаи принсипҳои танзими молиявӣ роҳнамоии бунёдии сиёсати молиявии давлатро ифода мекунанд. Риояи онҳо самаранокӣ, адолат ва устувории низоми молиявиро таъмин намуда, ба рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар мусоидат мекунад. Дар шароити бархӯрдҳои ҷаҳонӣ ва дигаргунсозиҳои дохилии иқтисодӣ риояи ин принсипҳо махсусан муҳим мегардад, зеро на танҳо вазъи молиявии давлат, балки сатҳи зиндагии шаҳрвандони он бевосита аз риояи ин принсипҳо вобаста мебошанд.

Дигар масъалаи муҳим дар қатори принсипҳои танзими молиявӣ - ин усулҳои танзими молиявӣ ба шумор мераванд. Қобили тазаккур аст, ки дар амалияи ҷаҳонӣ вобаста ба бартарияти ин ё он гурӯҳи танзимгарон ду модели танзимро ҷудо мекунанд: Модели кейнсионӣ ва неоклассикӣ. Варианти паҳншавии тадбирҳои молиявиро одатан сиёсати иқтисодии кейнсионӣ меноманд. Чуноне ки олимон қайд менамоянд, сиёсате, ки ба механизми пулию қарзӣ бахшида шудааст, дар илми иқтисодӣ номи «монетаризм»-ро гирифтааст[87, с.29].

Ҳамзамон, тавре як қатор иқтисоддонҳо пешниҳод мекунанд, амалияи татбиқи танзими иқтисодӣ дар кишварҳои ғарбӣ нишон дод, ки аз ҳама роҳи оқилонаи танзим омезиши ҳарду самт мебошад. Вобаста ба хусусиятҳои хоси давраи муайян ва вазифаҳое, ки дар назди давлат истодаанд, асосан (аниқтараш, дар асоси танзими монетаризм ё дигар назарияҳои неоклассикӣ) ё усулҳои кейнсӣ ичро ва танзим мешаванд. Гурӯҳи дигари иқтисоддонҳо бар он назаранд, ки идомаи тулонии таназзули иқтисодӣ, ки бо коҳиши суръати рушди иқтисодӣ, афзоиши бекорӣ ва шиддат гирифтани мушкилоти иҷтимоӣ ҳамроҳ мегардад, зарурати гузаронидани ислоҳоти сохториро ба миён меорад. Дар чунин вазъият истифодаи абзорҳо ва усулҳои танзими иқтисодӣ, ки ба равиши кейнсионӣ асос меёбанд, аҳаммияти бештар пайдо мекунад. Агар иқтисодиёт дучори таваррум ё стагфлятсия, номутаносибии гардиши пул, ноустувории пули миллӣ, касри музмини буҷет бошад, он гоҳ усулҳои неоклассикии танзим бартарӣ доранд.

Моделҳои танзимкунанда бо ивазшавандагии даврӣ тавсиф мешаванд. Буҳрони иқтисодӣ ҳамеша ба тағйир додани модели танзими давлатии молиявӣ оварда мерасонад. Аз ин рӯ, танзими давлатии молиявӣ як низоми динамикӣ мебошад, ки аз тағйирёбии бозор вобаста аст. Чуноне маълум аст, танзими молиявӣ дар асоси усулҳои гуногун анҷом дода мешавад, ки асоситаринашон дар расми 1.3 ба таври возеҳ нишон дода шудаанд.



Расми 1.3. - Усулҳои асосии танзими молиявии рушди иқтисоди миллӣ
Сарчашма: Таҳияи муаллиф тибқи адабиёти дар тадқиқотҳои дар боло омӯхташуда

Қайд кардан зарур аст, ки дар шароити иқтисодии муосир барои танзими молиявӣ усулҳои гуногун мавриди истифода қарор мегиранд, ки ҳар яке вобаста ба хусусияти худ бо абзорҳои муайян ва ҳадафҳои мушаххас фарқ мекунад. Ин воситаҳо ҳамчун унсурҳои муҳимми сиёсати иқтисодии давлат барои таъмини суботи макроиқтисодӣ ва идоракунии самараноки равандҳои иқтисодӣ хизмат менамоянд.

Танзими фискалӣ яке аз самтҳои муҳимми сиёсати иқтисодии давлат буда, тавассути ташаккул ва татбиқи сиёсати буҷетӣ ба равандҳои иқтисодӣ таъсир мерасонад. Моҳияти он асосан дар идоракунии ҳаҷми даромадҳо ва хароҷоти давлатӣ, инчунин танзими муносибатҳои андозӣ зоҳир мегардад. Ба воситаҳои калидии сиёсати фискалӣ андозбандӣ, хароҷоти давлатӣ, пардохтҳои интиқолӣ ва пешниҳоди субсидияҳо дохил мешаванд. Бо зиёд ё кам кардани андозҳо, ҳукумат метавонад фаъолияти иқтисодиро ҳавасманд ё боз дорад. Масалан, паст намудани меъёрҳои андозӣ метавонад ба афзоиши фаъолияти истеъмолӣ ва ҳавасманд гардидани сармоягузорӣ мусоидат намояд. Баръакс, баланд бардоштани сатҳи андозбандӣ ҳамчун воситаи маҳдуд намудани фишори таваррумӣ ва зиёд намудани ҳаҷми воридоти маблағ ба буҷети давлатӣ истифода мешавад. Ғайр аз ин, хароҷоти давлат барои аз нав тақсим кардани захираҳо дар байни соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ имконият медиҳад. Дар шароити таназзули иқтисодӣ афзоиши сармоягузории давлатӣ ба инфрасохтор ва барномаҳои иҷтимоӣ метавонад, василаи муассири идоракунии зиддибуҳронӣ гардад. Сиёсати фискалӣ, инчунин ба касри буҷет таъсир мерасонад, ки барои устувории қарзи кишвар муҳим аст.

Усули танзими монетарӣ, дар навбати худ, тавассути сиёсати пулию қарзӣ, ки аз ҷониби бонки марказӣ ё миллӣ дар давлатҳо гузаронида мешавад, амалӣ карда мешавад. Ин усул ба назорат кардани ҳаҷми муомилоти пул, мавҷудияти қарз ва сатҳи фоизҳо равона гардидааст. Воситаҳои асосии сиёсати пулию қарзӣ муқаррар намудани меъёри асосии фоиз, амалиёти бозори озод, танзими захираҳои ҳатмӣ барои бонкҳои

тиҷоратӣ ва тадбирҳои меъёри бозтамвилро дар бар мегиранд. Тағйирёбии меъёрҳои фоизӣ ба арзиши қарзҳо таъсир мерасонад, яъне вақте онҳо паст мешаванд, қарзҳо дастрастар мешаванд, ки ин фаъолияти иқтисодиро ҳавасманд месозад ва ҳангоми афзоиш онҳо афзоиши таваррумро бозмедорад. Илова бар ин, бонки марказӣ ё миллӣ тавассути амалиёти бозори озод (масалан, хариду фурӯши вомбаргҳои давлатӣ) пардохтпазирии низоми бонкиро танзим мекунад.

Танзими пулию қарзӣ дар низоми сиёсати иқтисодии давлат мавқеи муҳим дошта, тавассути истифодаи воситаҳои дахлдор барои нигоҳ доштани суботи молиявӣ, муътадил гардонидани равандҳои пулӣ ва таъмини устувории низоми қарзӣ амалӣ карда мешавад. Самаранокии истифодаи ин механизм дар таъмини мувозинати нархҳо, идоракунии сатҳи таваррум, таҳкими мавқеи пули миллӣ ва фароҳам овардани фазои устувори молиявӣ барои соҳибкорӣ ва аҳолӣ зоҳир мегардад.

Усули танзими асъор тадбирҳоеро дар бар мегирад, ки ба идоракунии қурби пули миллӣ ва гардиши байналмилалии молиявӣ нигаронида шудаанд. Ин усул дахолати бонки марказӣ дар бозори асъор, танзими муомилоти фаромарзӣ ва назорати сармояро дар бар мегирад. Мақсади танзими асъор нигоҳ доштани муътадили қурби пули миллӣ, пешгирӣ аз тағйирёбии шадид ва ҳифзи иқтисодиёт аз зарбаҳои беруна мебошад. Дар иқтисодиёти кушод тағйирёбии қурби асъор метавонад ба содирот, воридот ва таваррум таъсири ҷиддӣ расонад. Аз ин рӯ, бонкҳои марказии бисёр кишварҳо барои ба эътидол овардани қурби асъор ба хариду фурӯши асъори хориҷӣ муроҷиат мекунанд. Бо мақсади ҳифзи бозори дохилӣ ва пешгирии хуруҷи захираҳо ба хориҷа маҳдудиятҳо дар ҳаракати сармоя низ ҷорӣ карда мешаванд.

Механизми танзими бозорҳои молиявӣ маҷмуи воситаҳо ва тадбирҳои назоративу меъёриро дар бар мегирад, ки барои ба низом даровардани фаъолияти субъектҳои молиявӣ истифода мешаванд. Ин раванд фаъолияти бонкҳо, ташкилотҳои суғуртавӣ, фондҳои сармоягузорӣ, биржаҳои фондӣ ва дигар иштирокдорони бозори молиявиро фаро мегирад. Ҳадафи ин самт

таъмини шаффофият, эътимоднокӣ ва устувории бахши молиявӣ мебошад. Мақомоти танзимкунанда стандартҳои ҳисоботӣ, талаботи сармоя ва пардохтпазириро муқаррар мекунанд, риояи қонунҳоро назорат мебаранд ва сӯистифодаи молиявиро пешгирӣ менамоянд. Муҳиммияти хос ин ҳифзи ҳуқуқҳои сармоягузор, мубориза бар зидди манипулятсияи бозор ва пешгирии хатарҳои системавӣ мебошад. Танзими самараноки бозорҳои молиявӣ ба таҳкими эътимод ба низоми молиявӣ, ҷалби сармоягузорӣ ва мусоидат ба рушди дарозмуддати иқтисодӣ мусоидат мекунад.

Усулҳои маъмурии танзим дахолати бевоситаи давлатро ба равандҳои иқтисодӣ тавассути санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, квотаҳо, иҷозатномаҳо, муқаррар намудани нархҳои ҳадди аксар ва меъёрҳои ҳатмӣ ифода мекунанд. Ин тадбирҳо одатан дар ҳолатҳои буҳронӣ ё дар соҳаҳои муҳимми стратегӣ татбиқ мешаванд, ки механизмҳои бозор ба қадри кофӣ самаранок нестанд. Масалан, давлат метавонад бо мақсади танзими вазъи иқтисодӣ барои як давраи муайян нархи баъзе молҳои ҳаётан муҳимро маҳдуд намояд, нисбат ба ҳаҷми захираҳои ҳатмии муассисаҳои бонкӣ меъёрҳои муайян муқаррар кунад ё ҳаракати сармояро ба хориҷ тавассути ҷорӣ намудани маҳдудиятҳои дахлдор танзим намояд. Усулҳои маъмурӣ аксар вақт дар якҷоягӣ бо воситаҳои иқтисодӣ истифода мешаванд, таъсири онҳоро баланд мебардоранд. Аммо, аз ҳад зиёд истифода бурдани чораҳои маъмурӣ метавонад боиси аз байн рафтани бозор, коҳиши рақобат ва ҳамзамон, нестшавии ҳавасмандии корхонаҳо гардад.

Усулҳои барномавии танзими мақсаднок ба татбиқи афзалиятҳои дарозмуддати рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ нигаронида шудаанд. Дар чаҳорчӯби онҳо давлат лоиҳаҳои миллӣ, барномаҳои соҳавӣ, стратегияҳои рушди устувор ва модернизатсияро таҳия ва амалӣ менамояд. Маблағгузории чунин барномаҳо аз ҳисоби буҷет, маблағҳои мақсаднок, қарзи беруна ё сармоягузории хусусӣ дар доираи шарикии давлат ва бахши хусусӣ амалӣ карда мешавад. Ин усулҳо имкон медиҳанд, ки захираҳои молиявӣ дар

соҳаҳои асосӣ ҷамъоварӣ карда шаванд. Муносибати барномавии мақсаднок мунтазам ва мувофиқати сиёсати молиявиро бо ҳадафҳои умумии стратегии кишвар таъмин менамояд.

Хулоса, метавон гуфт, ки танзими муассири молиявиро бидуни равиши ҳамаҷониба, ки усулу принсипҳои гуногунро вобаста ба вазъи кунунии иқтисодӣ, таъсирҳои беруна ва афзалиятҳои дохилӣ муттаҳид мекунанд, ғайриимкон аст. Танҳо истифодаи мутаносиби механизмҳои фискалӣ, пулию қарзӣ, бозорӣ ва маъмурӣ ба давлат имкон медиҳад, ки устувории низоми молиявиро таъмин, рушди иқтисодиро ҳавасманд ва мушкилоти иҷтимоиро ҳал намояд.

Ҳамин тариқ, танзими молиявӣ дар таъмини рушди муътадил ва устувори иқтисодии ҳар як кишвар нақши асосиро мебозад. Ин восита ба давлат имкон медиҳад, ки ҳаракати воситаҳои пулиро ба танзим дароварда, муносибатҳои молиявиро таҳти назорат қарор диҳад ва барои фароҳамсозии заминаҳои мусоиди рушди иқтисодӣ мусоидат намояд. Илова бар ин, ҳамкориҳои байналмилалӣ дар бахши молиявӣ ба унсури муҳимми таъмини субот дар шароити вобастагии мутақобилаи ҷаҳонӣ табдил меёбанд. Тадқиқи зерсаволи мазкур нишон дод, ки танзими молиявӣ як раванди мураккаби бисёрсатҳӣ мебошад ва ба нигоҳ доштани суботи иқтисодӣ ва рушди устувор нигаронида шудааст.

1.3. Таҷрибаи хориҷӣ оид ба танзими молиявии иқтисодиёт дар шароити муосир

Тағйироти босуръат ва ислоҳоти пайвастаи низомҳои танзими бозорҳои молиявӣ, ки дар кишварҳои гуногуни ҷаҳон ба назар мерасанд, пеш аз ҳама, ба зарурати мутобиқ намудани механизмҳои танзимкунӣ ба равандҳои нави ташаккул ва рушди иқтисоди ҷаҳонӣ алоқаманд мебошанд. Дар ин замина, ҷаҳонишавии молиявӣ ва таъсири гуногунҷанбаи он яке аз омилҳои калидии бознигарии низомҳои муосири танзими молиявӣ дар

кишварҳои алоҳида ба ҳисоб меравад. Таъсири мазкур ба низоми танзими бозори молиявӣ дар якчанд самт зоҳир мегардад. Якум, густариши технологияҳои нав ва афзоиши суръати навовариҳо дар соҳаи молия мақомоти масъули танзими бозори молиявиро водор месозад, ки сохтори идоракунӣ, доираи салоҳиятҳо ва механизмҳои амалии фаъолияти худро мутобиқ ба талаботи шароити муосир такмил диҳанд. Дуюм, тағйирёбии самтҳои сиёсати иқтисодӣ барои ташаккул ва густариши намудҳои нави маҳсулот ва воситаҳои молиявӣ замина фароҳам оварда, зарурати мутобиқсозии механизмҳои танзими бозори молиявиро ба миён меорад, ки ба танзими бахши бонкӣ, суғурта ва бозори коғазҳои қиматнок монеъ шуда метавонанд. Сеюм, норавшан будани фарқияти байни суғурта, маҳсулоти бонкӣ ва коғазҳои қиматнок, ки тақсимоти анъанавии соҳаҳои назоратро байни танзимгарони гуногун зери суол мебарад ва дар натиҷа танзими мураккабро ба вуҷуд меорад.

Дар баробари ин, чуноне, ки Шевченко Л. М. қайд менамояд: «...рушди равандҳои ҷаҳонишавӣ дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ боиси тағйироти куллӣ дар соҳаи танзими давлатӣ гардид, ки дар маҷмуъ ба иқтисодиёти миллӣ, аз ҷумла ба низоми молиявии миллӣ таъсир расониданд»[145, с.49].

Таҷрибаи кишварҳои гуногун дар соҳаи танзими молиявӣ бо хусусиятҳои хоси худ хеле фарқ мекунанд ва дар зери таъсири ҷаҳонишавӣ, сохтори бозори молиявӣ, инчунин анъанаҳои таърихию ҳуқуқӣ ташаккул меёбанд. Дар доираи ин зерсавол таҳлили таҷрибаи хориҷӣ оид ба ташкили низоми танзими молиявӣ бо назардошти сохтори институтсионалӣ, механизмҳои татбиқшаванда, равишҳои методологӣ, принсипҳои калидӣ ва тамоюлҳои муосир анҷом дода мешавад. Таҳлили таҷрибаи байналмилалӣ замина фароҳам меорад, ки имкониятҳои такмили низоми танзими молиявӣ муайян ва шаклҳои самараноки идоракунии он коркард карда шаванд. Дар баробари ин, истифодаи таҷрибаи пешрафта бо дарназардошти хусусиятҳои иқтисоди миллӣ метавонад ба ташаккули механизмҳои мутобиқшаванда ва

ҳалли масъалаҳое, ки дар натиҷаи тағйироти иқтисодии ҷаҳонӣ ба миён меоянд, мусоидат намояд.

Маврид ба зикр аст, ки ҷаҳонишавӣ робитаи мутақобилаи иқтисодиёти миллиро афзоиш дода, барои танзими молиявӣ ҳам имкониятҳо ва ҳам мушкилотро метавонад ба вуҷуд оварад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии бозорҳои молиявии ҷаҳонӣ табодули таҷриба ва омӯзиши таҷрибаи байналмилалӣ махсусан муҳим мегардад. Таҳлили чунин таҷрибаҳо ба мо имкон медиҳад, ки воситаҳои муассиреро муайян кунем, ки онҳоро дар кишварҳои дигар аз он ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ намудан мумкин бошад. Дар баробари ин, бояд қайд кард, ки моделҳои асосии танзими молиявӣ дар мамлакатҳои хориҷӣ гуногунанд.

1. Модели англосаксонии танзим - барои кишварҳои ИМА ва Британияи Кабир хос буда, ба бозори озод ва дахолати ҳадди ақали давлат нигаронида шудааст. Бояд қайд кард, ки танзими молиявӣ дар ИМА баҳри таъмини устувории низоми молиявӣ, ҳифзи истеъмолкунандагон ва пешгирии буҳронҳо нақши калидӣ мебозад. Низоми молиявии ИМА аз ҷумлаи низомҳои калонтарин ва бисёрсатҳаи ҷаҳон ба ҳисоб меравад.

Танзими молиявӣ дар ИМА маҷмуи тадбирҳоеро дар бар мегирад, ки ба таъмини устувории низоми молиявии кишвар нигаронида шудаанд. Низомномаи танзими давлатии молиявии ИМА доираи васеи муассисаҳои молиявӣ ва бозорҳоро, аз бонкҳо ва ширкатҳои суғурта то бозорҳои коғазҳои қиматнок фаро мегирад. Бо назардошти андозаи иқтисоди ИМА ва таъсири он ба иқтисоди ҷаҳонӣ, танзими молиявӣ дар ин ҷо дар пешгирии буҳронҳои системавӣ, ҳифзи истеъмолкунандагон ва таъмини шаффофияти муомилоти молиявӣ нақши муҳим мебозад. Таърихан, танзим дар вокуниш ба зарбаҳои иқтисодӣ ва буҳронҳо ташаккул ёфтааст, ки низоми нисбатан устуворро бо назорати тағйиротҳои муассир ба вуҷуд овард. Яке аз ҳадафҳои асосии танзими молиявӣ дар ИМА таъмини устувории тамоми низоми молиявӣ мебошад. Дар ИМА ин вазифа махсусан тезу тунд аст, зеро сектори молиявии мамлакат яке аз калонтарин ва бо ҳам алоқамандтарин дар ҷаҳон мебошад. Бе

танзими дуруст, хатари буҳронҳои системавӣ ба таври назаррас афзоиш меёбад. Ба сифати мисоли таъсири равандҳои молиявӣ метавон буҳрони ҷаҳонии соли 2008-ро ном бурд. Фурӯпошии бозори қарздиҳии ипотекӣ дар ИМА боиси паҳн гардидани оқибатҳои манфӣ дар сатҳи байналмилалӣ шуда, ба фаъолияти низомҳои молиявӣ ва рушди иқтисодии кишварҳои гуногун таъсири назаррас расонид. Танзимгарон дарк карданд, ки барои коҳиш додани чунин хатарҳо назоратро аз болои муассисаҳои бузурги молиявӣ пурзӯр кардан ва чораҳоеро ҷорӣ кардан лозим аст, ки ба шаффофият ва эътимоднокии муомилоти молиявӣ мусоидат мекунанд.

Ҳимояи истеъмолкунандагон вазифаи дигари муҳимми танзими молиявӣ дар ИМА мебошад. Бо ин мақсад санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва мақомоти танзимкунанда таъсис дода мешаванд, ки якпорчагии муассисаҳои молиявиро назорат мебаранд ва аз қаллобӣ, фиребгарӣ ва таблиғоти гумроҳкунанда пешгирӣ мекунанд. Хусусан, пас аз буҳрони соли 2008, Бюрои ҳифзи молиявии истеъмолкунандагон (Consumer Financial Protection Bureau) дар ИМА таъсис дода шуд, ки махсусан бо ҳифзи манфиатҳои истеъмолкунандагони хидматҳои молиявӣ сарукор дорад.

Мураккабии низоми танзими молиявӣ дар ИМА аз он иборат аст, ки ғайримарказонидашуда ва бисёрзинагӣ мебошад. Асоси ин низомро мақомоти федералӣ ташкил медиҳанд, ки ҳар яки онҳо салоҳият ва самтҳои масъулияти худро доранд. Бонки марказӣ ва танзимгари асосии низоми бонкӣ Системаи федералии захиравӣ (Federal Reserve System) мебошад. Системаи федералии захиравӣ дар низоми молиявӣ нақши муҳим дошта, ба ғайр аз татбиқи сиёсати пулию қарзӣ ва таъмини назорати таваррум, фаъолияти бонкҳои бузург ва муассисаҳои молиявии дорои аҳаммияти системавиро низ назорат ва танзим менамояд. Ин имкон медиҳад, ки хатарҳои эҳтимолиро пешгирӣ кунад ва суботро дар бозори молиявӣ нигоҳ дорад.

Системаи федералии захиравии ИМА соли 1913 бо мақсади таъмини низоми бехатар, чандир ва устувори пулию молиявӣ таъсис дода шудааст, ки дар айни замон чор самти асосии масъулиятҳои он вуҷуд дорад:

- таҳия ва татбиқи сиёсати миллии пулию қарзӣ тавассути танзими ҳаҷми пешниҳоди пул бо мақсади нигоҳ доштани сатҳи баланди шуғл, таъмини суботи нархҳо ва мусоидат ба устувории меъёрҳои фоизии дарозмуддат;

- амалӣ намудани назорат ва танзими фаъолияти муассисаҳои бонкӣ бо мақсади таҳкими устувории низоми молиявию бонкии миллӣ, инчунин таъмини ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қарзгирандагон;

- нигоҳдории устувории низоми молиявӣ ва маҳдуд кардани хавфи системавӣ дар бозорҳои молиявӣ;

- расонидани хидматҳои молиявӣ ба муассисаҳои депозитарӣ, ҳукумати ИМА, институтҳои молиявии хориҷӣ, аз ҷумла нақши муҳим дар фаъолияти низоми миллии пардохт ва ғайра.

Барои танзими бозори коғазҳои қиматнок дар ИМА Комиссияи коғазҳои қиматнок ва биржа (Securities and Exchange Commission) мавҷуд аст, ки фаъолияти ширкатҳои оммавӣ ва муомилоти биржаро назорат мекунад. Комиссияи коғазҳои қиматнок ва биржа риояи қоидаҳои ифшоро таъмин мекунад, қаллобӣ ва тиҷорати инсайдериро пешгирӣ менамояд ва шаффофиятро дар бозори саҳҳомӣ нигоҳ медорад. Ба шарофати фаъолияти ин комиссия сармоягузорон маълумоти боэътимодро барои қабули қарорҳо ва эътимод ба адолати савдо мегиранд.

Ҷузъи дигари муҳимми низоми танзим ва назорати бахши бонкӣ Корпоратсияи федералии суғуртаи пасандозҳо (Federal Deposit Insurance Corporation – FDIC) ба ҳисоб меравад. Вазифаи асосии ин ниҳод аз ҳимояи пасандозҳои шахсони воқеӣ ва субъектҳои соҳибкории хурд тавассути низоми суғуртаи пасандозҳои бонкӣ иборат мебошад. Ин суғурта барои нигоҳ доштани эътимод ба низоми бонкӣ, махсусан дар давраи ноустувории иқтисодӣ мусоидат мекунад. Инчунин, дар мониторинги вазъи молиявии

бонкҳо нақш мебозад ва метавонад дар сурати таҳдиди муфлисшавии онҳо дахолат карда, зарар ба амонатгузорон ва умуман, иқтисодиётро кам кунад. Пас аз буҳрони бузурги солҳои 1930, санади “Glass-Stegall” қабул карда шуд, ки бонкҳои тиҷоратӣ ва сармоягузориро аз ҳам ҷудо карда, низоми суғуртаи пасандозҳоро ба вуҷуд овард. Ин тадбирҳо барои барқарор кардани эътимод ба низоми бонкӣ ва коҳиш додани хатари такрори буҳрон мусоидат карданд.

Пас аз буҳрони соли 2008 танзими молиявӣ аз ҷониби санади “Dodd-Frank” мустаҳкам карда шуд, ки ваколатҳои танзимгаронро васеъ намуд, мақомоти нави назоратӣ таъсис дод ва маҷмуи чораҳоро барои коҳиш додани хатарҳои системавӣ ҷорӣ кард. Бо вуҷуди ин, сарфи назар аз рушд ва мураккабии низом, танзими молиявӣ дар ИМА ба мушкилоти нав дучор меояд. Дар солҳои охир, рушди босуръати технологияҳои молиявӣ, пайдоиши асъорҳои криптовалютӣ ва дороиҳои рақамӣ ба танзимгарон масъалаҳои мураккаби мутобиқсозии қонунгузорӣ ва усулҳои назорат ба технологияҳо ва маҳсулоти навро пешниҳод карданд. Илова бар ин, мувозинати байни танзим ва рушди инноватсия вазифаи муҳим боқӣ мемонад: назорати аз ҳад зиёд метавонад пешрафтро суст кунад, дар ҳоле ки танзими нокифоя боиси хатарҳо ва буҳронҳои эҳтимолӣ мегардад. Ҳамин тариқ, танзими молиявӣ дар ИМА як низоми доимо инкишофёбанда мебошад, ки ба нигоҳ доштани субот ва эътимоднокии бахши молиявӣ нигаронида шудааст. Он ба маҷмуи назорати федералӣ, қонунгузории ҳамаҷониба ва таҷрибаи дар тули даҳсолаҳои идоракунии буҳрон ҷамъшуда асос ёфтааст.

Танзими молиявӣ дар Британияи Кабир бошад, ба таъмини устуворii низоми молиявӣ, ҳифзи истеъмолкунандагон ва нигоҳ доштани эътимод ба бозорҳо нигаронида шудааст. Пас аз буҳрони молиявии солҳои 2007-2008 дар кишвар тағйироти ҷиддии институтсионалӣ ва меъёрӣ ба амал омад, ки дар натиҷа аз модели худтанзимкунӣ ба назорати мутамарказ ва фаъолтари давлатӣ гузашт. Мавриди зикр аст, ки низоми муосири танзими молиявӣ дар

Британияи Кабир дар модели «танзимгари сегона» сохта шудааст, ки инҳоро дар бар мегирад:

Аввалан, дар низоми танзими молиявии Британияи Кабир Бонки Англия нақши муҳим дошта, ба татбиқи сиёсати макропруденсиалӣ масъул мебошад ва барои ҳифзу таҳкими суботи молиявӣ тадбирҳои дахлдорро амалӣ менамояд. Ин бонк тавассути Кумитаи сиёсати молиявӣ (Financial Policy Committee) хатарҳои системавиро муайян мекунад ва барои коҳиш додани онҳо чораҳо таҳия менамояд.

Дуюм, мақомотҳои танзими пруденсиалӣ Бонки Англия, ки бонкҳои калон, ширкатҳои суғурта ва ширкатҳои муҳимми сармоягузориро назорат мекунад. Ин усули танзим дар Британияи Кабир бештар ба устуворii муассисаҳои молиявӣ нигаронида шудааст.

Қобили тазаккур аст, ки дар Британияи Кабир ислоҳотҳои қонунӣ дар самти танзими молиявӣ солҳои охир хеле такмил ёфтаанд. Масалан, санади хизматрасониҳои молиявӣ дар соли 2012 ба низоми танзим таъсири назаррас расонд, ислоҳоти сохтори куҳнаи он тавассути барҳам додани мақомоти хизматрасонии молиявӣ (Financial Service Authority) ва тақсими вазифаҳои он байни ду ниҳоди дигар мақомоти танзими иқтисодӣ (Prudential Regulation Authority) ва мақомоти назорати молиявӣ (Financial Conduct Authority) оварда расонид. Бо вуҷуди ин, пас аз он ки Британияи Кабир аз Иттиҳоди Аврупо хориҷ шуд, танзими молиявӣ зери фишори нав қарор гирифт. Зарурати иваз кардани муқаррароти Иттиҳодияи Аврупо бо қоидаҳои миллӣ ва хоҳиши нигоҳ доштани мақоми Англияро ҳамчун як маркази молиявии ҷаҳонӣ ба вуҷуд овард.

Ҳамин тавр, танзими молиявӣ дар Британияи Кабир натиҷаи таҳаввулоти дарозмуддатест, ки аз мустақилияти бозор то назорати пурзӯри давлат тавсиф мешавад. Дар шароити табдили ҷаҳонии низомҳои молиявӣ чандирии танзим, ҳамкории байналмилалӣ ва мутобиқшавии технологӣ муҳим боқӣ мемонад.

2.Модели континенталии танзим - дар кишварҳои аврупоӣ маъмул аст (масалан, Олмон, Фаронса), нақши бештари давлатро дар танзими низоми молиявӣ, аз ҷумла назорат аз болои бахши бонкӣ ва суғурта ба уҳда мегирад.

Тавре ки маълум аст, Фаронса яке аз низомҳои молиявии пешрафтатарин ва ба таври қатъӣ танзимшаванда дар Аврупо аст. Суботи молиявӣ ин асоси рушди иқтисодии ҳар кишвар аст. Фаронса яке аз давлатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафтаи Иттиҳоди Аврупо буда, як низоми махсуси танзими молиявиро таҳия кардааст, ки назорати қатъӣ, навоварӣ ва ҳифзи манфиатҳои истеъмолкунандагонро муттаҳид мекунад. Яке аз унсурҳои асосии низоми молиявии Фаронса мавҷудияти сохтори васеъ ва хуб ҳамоҳангшудаи мақомоти назоратӣ мебошад. Дар ин раванд нақши марказиро Бонки Фаронса (Banque de France) мебозад, ки дар баробари вазифаҳои бонки марказӣ вазифаҳоро дар соҳаи назорат ва таъмини суботи молиявӣ иҷро менамояд. Аммо назорати бевоситаи бонкҳо ва ширкатҳои суғурта аз ҷониби мақомоти махсусгардонидашуда амалӣ карда мешавад. Ин ниҳод риояи меъёрҳои танзими мақбул, аз ҷумла кофӣ будани сармоя, идоракунии хавфҳо ва пардохтпазириро назорат мекунад. Ба танзими бозорҳои молия диққати махсус дода мешавад, ки барои он (Autorité des Marchés Financiers) - Мақомоти бозорҳои молиявӣ масъул аст. Мақомоти мазкур шаффофияти муомилоту манфиатҳои сармоягузоронро ҳимоя мекунад ва фаъолияти ширкатҳо ва фондҳои сармоягузориро назорат мекунад. Фаъолияти ин ниҳод ба ташаккули эътимод ба бозорҳо мусоидат мекунад, ки ин дар шароити ноустувории ҷаҳонӣ махсусан муҳим аст. Фаронса равишеро, ки ба принсипи танзими ба таваккал нигаронидашуда асос ёфтааст, фаъолона амалӣ карда истодааст, ки ин имкон медиҳад, то захираҳои мақомотҳои назоратӣ самаранок тақсим карда шуда, ба соҳаҳои осебпазири низоми молиявӣ мақсаднок сарф намояд. Яке аз мушкилоти муосир рушди технологияҳои молиявӣ (fintech) ва дороиҳои рақамӣ, аз ҷумла асъорҳои криптовалютӣ мебошад. Илова бар ин, Фаронса ба ҳифзи истеъмолкунандагони молиявӣ диққати махсус медиҳад. Ин ҳам дар назорати

қатъӣ оид ба ифшо ва ҳам таҳияи барномаҳои саводнокии молиявӣ инъикос ёфтааст. Танзимгарон бо қаллобии молиявӣ фаъолона мубориза мебаранд, каналҳои шикоятиро дастгирӣ мекунанд ва назоратро аз болои таблиғи маҳсулоти молиявӣ пурзӯр мекунанд.

Хулоса, модели фаронсавии танзими молиявӣ хеле хуб ба назар мерасад. Он нишон медиҳад, ки танзими муассир танҳо дар сурати институтҳои қавӣ, сатҳи баланди ҳамоҳангсозӣ ва омодагӣ ба мутобиқшавӣ ба тағйирот имконпазир аст. Ин таҷриба метавонад барои кишварҳое, ки мехоҳанд устувории низомҳои молиявии худро дар муҳити зудтағйирёбандаи ҷаҳонӣ таъмин кунанд, намуна бошад.

Ҳамзамон, таҷрибаи Олмон низ дар самти танзими молиявӣ аз аҳаммият холӣ нест. Мусаллам аст, ки Олмон яке аз давлатҳои бузургтарини рушди иқтисодидошта дар Иттиҳоди Аврупо ва яке аз устувортарин низомҳои молиявии ҷаҳон аст. Омӯзиши таҷрибаи Олмон барои кишварҳое, ки мехоҳанд меъмории муассир ва мутавозини молиявӣ бунёд кунанд, аҳаммияти хоса дорад.

Мақомоти марказии назорати молиявӣ дар Олмон ин мақоми федералии назорати молиявӣ мебошад. Ин созмон соли 2002 дар натиҷаи муттаҳид шудани се ниҳоди мустақили назоратӣ – бонкӣ, суғурта ва назорати бозори саҳомӣ таъсис ёфтааст. Имрӯз, танзими ҳамаҷонибаи бонкҳо, ширкатҳои суғурта, фондҳои сармоягузорӣ, низомҳои пардохт ва технологияҳои молиявии рақамиро амалӣ мекунад. Инчунин, Бундесбанк (Deutsche Bundesbank) бонки марказии Олмон низ дар танзим нақши муҳим дорад. Дар ин чаҳорчӯба Бонки марказии Аврупо барои назорати бузургтарин муассисаҳои молиявӣ ва барои бонкҳои хурд ва миёна масъуланд. Модели олмонӣ нишон медиҳад, ки дараҷаи баланди интизоми молиявӣ ва эътимоди институтсионалӣ метавонад хатарҳоро дар сатҳи макро кам кунад. Ҳамзамон, Олмон танзими худро ба мушкилоти замон фаъолона мутобиқ мекунад. Ҳамин тариқ, таҷрибаи Олмон нишон медиҳад, ки танзими самараноки молиявӣ аз равиши ҳамаҷониба - маҷмуи назорати қавӣ,

шаффофияти институтсионалӣ, ҳамоҳангсозии байналмилалӣ ва қобилияти ислоҳот вобаста аст. Модели олмонӣ метавонад барои кишварҳое намуна бошад, ки мехоҳанд бахши молиявии худро дар баробари чолишҳои ҷаҳонӣ ва табдили рақамӣ устуворона рушд диҳанд.

3.Модели танзими осиёӣ - дар кишварҳои Осиё, аз қабили Ҷопон, Кореяи Ҷанубӣ ва ҶХЧ машҳур аст, ки давлат дар роҳнамоии рушди бахши молиявӣ ва таъмини назорат аз болои хатарҳои системавӣ нақши калидӣ мебозад. Дар Чин танзими молиявӣ бо нақши қавии давлат тавсиф мешавад, ки бонкҳо ва ширкатҳои суғуртавиро назорат мекунад ва қарздиҳӣ ба иқтисодиётро афзалият медиҳад. Дар баробари ин, низоми молиявии ҶХЧ яке аз низомҳои бузургтарини ҷаҳон пазируфта шудааст. Исботи ин гуфтаҳоро воқеияти ҷомеаи ҷаҳонӣ аз нуқтаи назари иқтисодӣ собит месозад. Модели нодири танзимкунанда, ки назорати мутамарказро муттаҳид мекунад, ба ҶХЧ имкон дод, ки хатарҳоро самаранок идора кунад, рушди иқтисодро ҳавасманд кунад ва суботро дар бахши молиявӣ таъмин намояд. Таҷрибаи ҶХЧ барои кишварҳое ҷолиб аст, ки мехоҳанд танзими давлатиро бо механизмҳои бозорӣ дар иқтисоди давраи гузариш муттаҳид кунанд.

Яке аз хусусиятҳои хоси низоми молиявии ҶХЧ нақши пуркуввати мақомоти давлатӣ ва танзимкунанда мебошад. Дар ҶХЧ танзимгарони асосии бахши молиявӣ ин Бонки мардумии Чин, (ҳамзамон, бонки марказии кишвар ном мебаранд) ва инчунин, се агентии асосӣ, яъне: Комиссияи танзими бонкии ҶХЧ, Комиссияи танзими суғуртаи ҶХЧ ва Комиссияи танзими коғазҳои қиматноки ҶХЧ мебошанд. Ин мақомотҳо мутаносибан назорати пруденсиалӣ, назорати соҳаи суғурта ва танзими бозори фондиро ба дӯш доранд. Дар баробари ин модели танзими чинӣ ба принсипи назорати қатъии давлатӣ бо унсурҳои иқтисодӣ бозор асос ёфтааст. Бонки марказӣ ва мақомоти назоратӣ дорои ваколатҳои васеъ оид ба назорати пардохтпазирӣ, қарздиҳӣ ва гардиши сармоя мебошанд. Дар солҳои охир ҶХЧ фаъолона механизмҳои нави идоракунии хавфҳоро ҷорӣ мекунад, ки қаблан ба суботи молиявӣ таҳдид мекарданд.

Хулоса, таҷрибаи ҶХЧ дар танзими молиявӣ бо омезиши назорати қавии давлатӣ, либерализатсияи тадриҷӣ ва мутобиқ шудан ба воқеияти нави иқтисодӣ хос аст. Ҳифзи ин мувозинат барои кишвар замина фароҳам месозад, ки устувории низоми молиявиро таъмин намуда, ба рушди пайвастаи иқтисоди миллӣ мусоидат кунад ва ҳамзамон иштироки худро дар низоми иқтисодии ҷаҳонӣ ба таври самаранок густариш диҳад. Аз ин нуқтаи назар, таҷрибаи Чин метавонад барои давлатҳои рӯ ба рушд ҳамчун намунаи қобили истифода хизмат кунад, зеро татбиқи чунин равиш ба таҳкими суботи молиявӣ ва баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии бахши молиявӣ мусоидат менамояд.

Дар баробари таҷрибаи кишварҳои дар боло зикргардида таҷрибаи мамлакатҳои ИДМ низ дар танзими молиявӣ аҳаммияти хоса дорад. Дар натиҷаи таҳлил муайян менамоем, ки таҷрибаи кадоме аз мамлакатҳои ИДМ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон муфид аст. Танзими молиявӣ воситаи муҳимтарини таъмини субот ва рушди устувори иқтисоди ҳар як кишвар мебошад. Барои кишварҳои ИДМ, ки пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ дигаргуниҳои назарраси иқтисодиро аз сар гузаронидаанд, масъалаҳои танзими молиявӣ аҳаммияти махсус пайдо карданд. Фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ дар ибтидои солҳои 90-уми асри ХХ кишварҳои узви ИДМ-ро дар назди зарурати ташаккул додани низомҳои мустақили молиявӣ ва таъсиси ниҳодҳои нави танзими иқтисодӣ қарор дод. Ташаккули чунин низомҳо талаб мекард, ки заминаи меъёрӣ ва ҳуқуқии мувофиқ ба шароити нави иқтисодӣ таҳия карда шавад. Дар марҳилаи аввали ислоҳоти иқтисодӣ диққати асосӣ ба гузариш аз иқтисодиёти фармондеҳӣ-нақшавӣ ба низоми бозорӣ равона гардид. Аммо ин раванд бо як қатор мушкилот, аз ҷумла болоравии сатҳи таваррум, буҳронҳои молиявӣ ва маҳдуд будани таҷрибаи танзими иқтисоди бозорӣ ҳамроҳ гардид.

Ташаккули низоми нави институтсионалии молиявӣ дар кишварҳои ИДМ бо таъсиси бонкҳои марказии мустақил ва мақомоти танзимкунандаи фаъолияти бозорҳои молиявӣ ҳамроҳ гардид. Мақомоти мазкур дар ташаккул

ва рушди низоми муосири назорат ва танзими бозори молиявӣ саҳми назаррас гузошта, фаъолияти соҳаҳои калидии он, аз ҷумла низоми бонкӣ, ташкилотҳои суғуртавӣ ва бозори коғазҳои қиматнокро фаро мегиранд. Бо ин вуҷуд, раванди ташаккул ва тавсеаи чунин институтҳо дар кишварҳои ИДМ бо суръати якхела сурат нагирифтааст. Дар баъзе давлатҳо мақомоти танзими молиявӣ ҳанӯз ба дараҷаи зарурии мустақилият нарасида, ҳамзамон аз лиҳози кадрӣ, молиявӣ ва техникӣ бо маҳдудияти захираҳо рӯ ба рӯ ҳастанд.

Қобили тазаккур аст, ки дар байни мамлакатҳои ИДМ таҷрибаи танзими молиявии Ҷумҳурии Қазоқистон аҳаммияти хоса дорад. Қазоқистон ҳамчун кишвари дорои иқтисоди давраи гузариш дар раванди ташаккул ва такмили низоми самараноки танзими молиявӣ марҳилаҳои зиёдеро паси сар намудааст. Дар ҷараёни мазкур кишвар барои мутобиқ намудани низоми танзими молиявӣ ба талаботи муҳити иқтисодии муосир ва меъёрҳои байналмилалии амалкунанда чораҳои заруриро амалӣ намуд. Пас аз ба даст овардани истиқлолият дар соли 1991 Қазоқистон ба ҷои низоми Шуравӣ ба эҳтиёҷоти бунёди низоми нави молӣ дучор шуд. Гузариш ба иқтисоди бозорӣ таъсиси ниҳодҳои масъули назорати низоми бонкӣ, танзими бозори фондӣ, ҳифзи ҳуқуқи сармоягузорон ва мубориза бо ҷиноятҳои молиявиро тақозо мекард.

Дар марҳилаи аввал Бонки миллии Қазоқистон (БМТ) нақши муҳимро иҷро намуд, ки он ба сиёсати пулию қарзӣ ва мақомоти назорати асосӣ табдил ёфт. Дар соли 2004 дар Ҷумҳурии Қазоқистон Агентии оид ба танзим ва назорати бозори молиявӣ ва ташкилотҳои молиявӣ таъсис дода шуд. Таъсиси чунин мақомот боиси бозтақсим гардидани салоҳиятҳои танзимӣ шуда, иҷрои бархе аз вазифаҳоеро, ки қаблан дар доираи ваколатҳои Бонки миллӣ қарор доштанд, ба зиммаи Агентӣ гузошт. Яке аз марҳилаҳои асосӣ дар раванди танзим ин таъсиси Агентии танзим ва рушди бозори молиявии Қазоқистон дар соли 2020 буд. Он ба назорат ва рушди бахши бонкӣ, суғурта, маблағгузории хурд ва бозори коғазҳои қиматнок машғул аст. Дар ин ҳошия бояд қайд кард, ки Қазоқистон дар соҳаи танзими молиявӣ ба пешравиҳои

назаррас ноил гардид. Пас аз буҳрони солҳои 2008 ва 2015 ба эътидол овардани низоми бонкӣ, баланд бардоштани эътимоди аҳолӣ ба муассисаҳои молиявӣ, рушди хадамоти рақамии молиявӣ имконпазир гардид.

Дар ин замина, «ислоҳоти низоми танзими молиявӣ дар Ҷумҳурии Қазоқистон ба самтҳои афзалиятноки зерин такя намуд:

- ташкили мақоми алоҳида ва мустақили давлатӣ барои танзим ва назорати фаъолияти бозори молиявӣ;

- ҷорӣ намудани таҷриба ва талаботи байналмилалии танзими молиявӣ, аз ҷумла стандартҳои Базел II ва Базел III;

- тақвият бахшидани назорати фаъолияти ташкилотҳои бонкӣ ва баланд бардоштани самаранокии назорати пруденсиалӣ;

- фароҳам овардани заминаҳои мусоид барои рушди бозори коғазҳои қиматнок ва мустаҳкам намудани низоми ҳифзи ҳуқуқи сармоягузорон;

- рушди инфрасохтори рақамии хизматрасониҳои молиявӣ ва ба низом даровардани фаъолияти ширкатҳои соҳаи технологияҳои молиявӣ (fintech)»[161].

Тавре маълум гардид, таҷрибаи танзими молиявии Ҷумҳурии Қазоқистон барои мамлакатҳои Осиёи Марказӣ хеле муфид аст. Махсусан, Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таҷрибаи Ҷумҳурии Қазоқистон дар чунин самтҳо метавонад истифода барад.

1. Таҳкими институтсионалии танзимгари молиявӣ: Бонки миллии Тоҷикистон бояд дараҷаи бештари мустақилият аз ҳокимияти иҷроия дошта бошад ва фишангҳои воқеии назоратро зери назар гирад. Таҷрибаи Ҷумҳурии Қазоқистон нишон медиҳад, ки мустақилияти танзимкунанда имкон медиҳад, то ба буҳронҳо, ислоҳот ва эҳтимолияти эътимод ба низоми молиявӣ зудтар вокуниш нишон дода шавад.

2. Татбиқи стандартҳои байналмилалии назорати бонкӣ: Ҷумҳурии Қазоқистон пайваста стандартҳои Базел III-ро истифода менамояд, ки он устувории бонкҳоро аз зарбаҳои беруна таъмин мекунад. Барои Тоҷикистон мутобиқ намудани стандартҳои мазкур, бахусус дар самтҳои кифоягии

сармоя, таъмини пардохтпазирӣ ва идоракунии хавфҳо, аҳаммияти муҳим дошта, метавонад ба таҳкими устуворӣ ва рушди низоми бонкӣ мусоидат намояд.

3. Дастгирии технологияҳои молиявии рақамӣ: Ҷумҳурии Қазоқистон лоиҳаи “тангаи рақамӣ”-ро (Digital Tenge) оғоз кард ва барои ширкатҳои финтекӣ меъёрҳои ҳуқуқӣ таҳия карда мешавад. Таваҷҷуҳ ба пардохтҳои мобилӣ ва ҳамёнҳои электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус дар миёни муҳоҷирони корӣ ва хонаводаҳои онҳо босуръат афзоиш меёбад. Эҷоди заминаи дақиқи меъёрӣ барои маблағгузории рақамӣ метавонад фарогирии молиявиро дар кишвар суръат бахшад.

Ҳамин тариқ, таҷрибаи Ҷумҳурии Қазоқистон нишон медиҳад, ки ислоҳоти пайваста дар соҳаи танзими молиявӣ метавонад устувории низоми молиявӣ ва боварии аҳолӣ ва соҳибкоронро ба он ба таври назаррас афзоиш диҳад. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ин таҷриба, махсусан дар масъалаҳои рушди институтсионалӣ, рақамисозӣ ва татбиқи стандартҳои байналмилалӣ арзиши амалӣ дорад.

Дигар мамлакати ИДМ, ки таҷрибааш дар самти танзими молиявӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон хос аст, ин Ҷумҳурии Беларус ба шумор меравад. Дар давоми солҳои истиқлолият Ҷумҳурии Беларус ба иштироки фаъолонаи давлат дар иқтисодиёт ва мутобиқ намудани таҷрибаи байналмилалӣ ба шароити миллӣ такя карда, муносибати худро ба танзими молиявӣ мутобиқ сохтааст. Ҷумҳурии Беларус бо таҷрибаи ғании худ дар танзим ва назорати давлатӣ бар бахши молия метавонад барои Ҷумҳурии Тоҷикистон намуна бошад.

Дар Ҷумҳурии Беларус низоми молия таҳти назорати қатъии давлат қарор дорад. Бонки миллии Ҷумҳурии Беларус (БМБ) бахши бонкиро танзим менамояд, қурби асосиро муқаррар мекунад ва сиёсати асъориро пеш мебарад. Ин имкон медиҳад, ки ба буҳронҳо зуд вокуниш нишон дода, суботи макроиқтисодиро нигоҳ дорад. Дар ин ҳошия, бояд қайд кард, ки Ҷумҳурии Беларус давраҳои шиддатноки таваррум ва зарбаҳои қурби

асъорро аз сар гузаронидааст. Дар посух механизмҳои ҳадафгирии таваррум ва ба эътидол овардани қурби пули миллӣ таҳия карда шуданд. Ин ба мустаҳкам гардидани боварӣ ба низоми молиявӣ ёрӣ расонд. Модели белорусии танзими молиявӣ ба дараҷаи баланди мутамарказӣ хос аст. Дар танзим ва идоракунии низоми молиявӣ мақомоти зерин нақши калидӣ доранд:

Бонки миллии Ҷумҳурии Беларус (БМБ) - мақоми асосӣ барои татбиқи сиёсати пулию қарзӣ, назорати бонкҳо, танзими бозори асъор ва таъмини устувории рубли Беларус. Вазорати молияи Беларус барои ташаккули буҷет, сиёсати андоз ва идораи қарзи давлатӣ масъул аст. Аз ибтидои солҳои 2000-ум Ҷумҳурии Беларус кӯшиш кард, ки суботи макроиқтисодиро таъмин созад, ки ислоҳоти бахши молиявиро тақозо менамуд. Пас аз буҳрони таваррум дар соли 2011 мақомот ба сиёсати сахттари пулию қарзӣ гузаштанд, ба истифодаи ҳадафгирии таваррум ва тадриҷан вобастагии худро аз танзими маъмурии қурби асъор коҳиш доданд. Низомӣ бонкии Ҷумҳурии Беларус сохтори дузинагӣ буда, ҳамзамон, бартарӣ бахшидан ба бонкҳои давлатӣ мебошад. Давлат дар идоракунии калонтарин бонкҳо фаъолона иштирок мекунад, ки ин имкон медиҳад, то дар шароити ноустувор чораҳои фаврӣ андешида шаванд. Дар солҳои охир Ҷумҳурии Беларус барои таҳкими суботи молиявии бонкҳо, аз ҷумла тавассути баланд бардоштани сармоя, пардохтпазирӣ ва идоракунии хавфҳо мутобиқи тавсияҳои Базел III тадбирҳо меандешад. Танзими асъор дар Ҷумҳурии Беларус ба ҳифзи рубл аз тағйироти аз ҳад зиёд нигаронида шудааст. Дар ҳамин ҳол, Ҷумҳурии Беларус талош дорад, ки бозори асъорро либерализатсия кунад, то эътимоди соҳибкорон ва сармоягузоронро афзоиш диҳад. Сиёсати буҷетӣ бошад, ба мувозинат ва кам кардани каср нигаронида шудааст. Давлат барои паст кардани дараҷаи қарзи давлатӣ ва пурзӯр намудани назорат аз болои хароҷот талош ба харҷ медиҳад. Таҷрибаи Ҷумҳурии Беларус нишон медиҳад, ки бо нақши пурзӯри давлат устувориро

ба даст овардан мумкин аст. Аммо назорати аз ҳад зиёд рушди бахши хусусии молия, инноватсия ва сармоягузориро маҳдуд мекунад.

Ба назари мо, омӯзиш ва истифодаи унсурҳои таҷрибаи Ҷумҳурии Беларус дар самти танзими молиявӣ метавонад барои Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти амалӣ дошта бошад. Аз ҷумла, таҷрибаи мазкур дар масъалаҳои таъмини суботи макроиқтисодӣ, такмили механизмҳои назорат ва назорати бонкӣ, инчунин таҳкими самаранокии сиёсати асъорӣ қобили таваҷҷуҳ мебошад. Сарфи назар аз тафовути моделҳои сиёсиву иқтисодӣ, бисёр унсурҳои низоми Ҷумҳурии Беларусро бо назардошти хусусиятҳои миллӣ ва ниёзҳои рушди устувор дар амалия мутобиқ кардан мумкин аст.

Дар баробари ин, таҷрибаи яке мамлакатҳои ҳамсоя, яъне Ҷумҳурии Ӯзбекистон низ дар танзими молиявӣ хеле назаррас ва аҳаммияти хоса дорад. Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҳамчун кишвари дорои иқтисоди гузаранда дар даҳсолаҳои охир марҳалаҳои ислоҳоти амиқи низоми молиявии худро аз сар гузаронидааст. Таҷрибаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар ин замина ба далели омезиши ислоҳот, тағйироти институтсионалӣ ва хоҳиши ворид шудан ба бозорҳои молиявии ҷаҳонӣ таваҷҷуҳи хоса дорад. Баъди ба даст овардани истиқлолият дар соли 1991 низоми молиявии Ҷумҳурии Ӯзбакистон асосан аз модели мутамаркази Шӯравӣ мерос монда буд. Қадамҳои аввалин дар танзими молиявӣ таъсиси Бонки марказии Ҷумҳурии Ӯзбекистон (БМУ) ва ба муомилот баровардани пули миллӣ - сум буд. Аммо дар солҳои 1990 - 2000 танзими молиявӣ таҳти назорати қатъии давлат қарор дошт, ки ба рушди бахши хусусӣ ва дастрасӣ ба сармояи беруна монеъ мешуд. Баъд аз соли 2016 Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба татбиқи ислоҳоти васеъмиқёси либерализатсияи иқтисодиёт, аз ҷумла бахши молия шуруъ кард. Қадамҳои аввалин дар ин самт аз инҳо иборат буданд:

- бекор кардани бисёр маҳдудиятҳо оид ба табдили асъор, гузариш ба қурби бозорӣ;

- такмили низоми бонкӣ тавассути таҳкими заминаи ҳуқуқию меъёрӣ, мутобиқсозии фаъолияти бонкҳо ба стандартҳои байналмилалӣ, аз ҷумла

талаботи Базел III, инчунин фароҳам овардани шароит барои ҷалби сармоя ва иштироки муассисаҳои бонкии хориҷӣ;

- густариши бозорҳои молиявӣ бо роҳи ташкили низоми кафолати пасандозҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон, рушди механизмҳои суғуртаи хавфҳои молиявӣ ва ҷорӣ намудани абзорҳои нави молиявӣ, аз ҷумла вомбаргҳо ва фондҳои сармоягузорӣ;

- рақамикунонии иқисодиёт, яъне татбиқи технологияҳои молиявӣ, пардохтҳои электронӣ ва ҳисоботдиҳии рақамӣ бо мақсади баланд бардоштани шаффофият ва самаранокии танзим ва ғайра.

Бо вуҷуди тағйироти мусбӣ, танзими молиявӣ дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба як қатор мушкилот низ дучор аст, аз ҷумла: сатҳи пасти саводнокии молиявии аҳолӣ; дастрасии маҳдуди корхонаҳои хурду миёна ба маблағгузорӣ; саҳми баланди давлат дар бахши бонкӣ ва ғайра.

Бо вуҷуди ин, такмили минбаъдаи заминаи ҳуқуқӣ, рушди технологиҳои молиявӣ, таҳкими мустақилияти танзимгарон ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ба идомаи тамоюлҳои мусбат такон мебахшад.

Ҳамин тавр, омӯзиши таҷрибаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар самти танзими молиявӣ нишон медиҳад, ки гузаронидани ислоҳоти мунтазам, истифодаи меъёрҳои байналмилалӣ ва риояи талаботи шаффофият метавонад барои тағйироти назаррас дар низоми молиявӣ замина фароҳам оварад. Ин таҷриба махсусан барои иқтисодиёте аҳаммият дорад, ки дар гузашта бо маҳдудияти нисбатан зиёди робитаҳои иқтисодии беруна тавсиф мешуданд.

Ин роҳ, сарфи назар аз мушкилот, заминаи рушди устувори иқтисодӣ ва ҳамгироии кишварро ба низоми молиявии ҷаҳонӣ ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, таҷрибаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҳам аз ҷиҳати амалӣ ва ҳам аз ҷиҳати институтсионалӣ асоснок аст ва метавонад барои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти манфиатҳои миллӣ татбиқ карда шавад. Умуман, таҷрибаи кишварҳои ИДМ, аз қабили ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Беларус ва Ӯзбекистон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон моделҳои собитшуда ва мутобиқшавандаи танзими молиявиро пешниҳод мекунад.

ХУЛОСАИ БОБИ 1-УМ

1. Натиҷаҳои таҳқиқот собит менамоянд, ки дар марҳилаи кунунӣ доираи танзими молиявӣ ба таври назаррас васеъ гардидааст. Он дигар танҳо ба танзими даромаду хароҷоти давлатӣ маҳдуд нашуда, маҷмуи механизмҳои зиддибуҳронӣ ва чораҳои макропруденсиалиро низ дар бар мегирад.

2. Ин раванд таъсиси заминаи меъёрию ҳуқуқиеро талаб мекунад, ки на танҳо суботи буҷет, балки ҳимояи манфиатҳои сармоягузорон ва пешгирии ҷиноятҳои молиявиро дар тамоми бахшҳои иқтисод таъмин намояд.

3. Механизми фаъолияти ҷаҳонишавии молиявӣ ва фаъолияти ширкатҳои фаромиллӣ вобастагии байниҳамдигарии давлатҳоро ба дараҷае расонидааст, ки озодии интихоби сиёсати дохилии молиявӣ маҳдуд мегардад.

4. Таҳаввули усулҳои танзим нишон медиҳад, ки дар иқтисодиёти кушод бартарии усулҳои ғайримустақими макроиқтисодӣ (сиёсати пулию қарзӣ, танзими асъор ва назорати бозорҳои молиявӣ) нисбат ба усулҳои мустақими маъмурӣ зиёд мешавад. Ин имкон медиҳад, ки давлат бе дахолати дағалона ба фаъолияти соҳибкорӣ, рафтори субъектҳоро тавассути фишангҳои монетарӣ ва фискалӣ вусъат диҳад.

5. Дар раванди таҳлилу баррасии таҷрибаи хориҷӣ оид ба танзими молиявии иқтисодиёт дар шароити муосир ба мо собит гардид, ки истифодаи таҷрибаи муваффақи Қазоқистон ва Фаронса метавонад дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таҳкими мустақилияти институтсионалии танзимгари молиявӣ мусоидат намуда, гузариш ба равиши “ба хатар нигаронидашуда” (risk-based approach)-ро таъмин намояд.

6. Бо назардошти тавсеаи босуръати бозори асъорҳои рақамӣ ва истифодаи технологияҳои блокчейнӣ, таҳия ва ҷорӣ намудани заминаи ҳуқуқии мукаммал баҳри фаъолияти «майдонҳои озмоишии танзимӣ» (regulatory sandboxes) яке аз самтҳои муҳимми такмили низоми танзими молиявӣ ба ҳисоб меравад.

БОБИ 2. ТАҲЛИЛ ВА АРЗЁБИИ ВАЗЪИ МУОСИРИ САМАРАНОКИИ ТАНЗИМИ МОЛИЯВИИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

2.1. Таҳлили вазъи муосир ва тамоюлҳои асосии танзими молиявии рушди иқтисодиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ҳамгироии рӯзафзуни иқтисодиёти миллӣ ба низоми молиявии ҷаҳонӣ боиси амиқтар гардидани робитаҳои иқтисодию молиявӣ миёни кишварҳо мегардад. Гарчанде чунин ҳамгироӣ барои ҷалби сармоя, тавсеаи муносибатҳои иқтисодӣ ва истифодаи имкониятҳои нави рушд шароити мусоид фароҳам созад ҳам, ҳамзамон таъсири хавфҳои беруна ба иқтисодиёти миллӣ меафзояд. Дар ин шароит танзими давлатии молиявӣ ба воситаи муҳимтарини таъмини амнияти иқтисодии кишвар, кам кардани хатарҳо ва нигоҳдории суботи молиявӣ мубаддал мегардад. Дар баробари ин, ҷаҳонишавӣ, рақамисозӣ ва навовариҳои технологӣ сохтори иқтисоди ҷаҳонро ба таври назаррас тағйир медиҳанд. Ба андешаи мо, муҳим аст, ки танзими молиявӣ ба ин тағйирот мутобиқ шавад ва фаъолияти бехатари бозорҳои молиявиро таъмин сохта, манфиатҳои ҳам давлат ва ҳам истеъмолкунандагонро ҳимоя кунад.

Танзими давлатии молиявӣ яке аз омилҳои муҳимми таъсиррасон ба сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ, таъмини баробарии имкониятҳои иқтисодӣ ва таҳкими адолати иҷтимоию иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, танзими самараноки молиявӣ дар ташаккули заминаҳои зарурӣ барои рушди мутавозин, фарогир ва аз ҷиҳати иҷтимоӣ одилонаи иқтисодиёти миллӣ нақши муҳим мебозад. Ҳамзамон, танзими самараноки молиявӣ ба ҳавасмандгардонии вуруди сармояи хориҷӣ, ки омили муҳимми модернизатсияи иқтисодиёт мебошад, мусоидат мекунад. Танзими давлатии молиявӣ дар ташаккули механизмҳои маблағгузории устувор, ки ба дастгирии технологияҳои сабз ва рушди устувор нигаронида шудааст, нақши

калидӣ мебозад. Ҳамин тариқ, танзими давлатии молиявӣ дар шароити муосир ва ноустувории иқтисодӣ ба зарурати таъмини суботи молиявӣ, ҳимояи манфиатҳои давлат ва шаҳрвандон, ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ ва фароҳам овардани шароити шаффофият вобаста аст. Танзими самараноки равандҳои молиявӣ шарти асосии рушди устувори иқтисодӣ дар ҷаҳони зудтағйирёбандаи берунӣ ва дохилӣ мебошад.

Мутобиқати низоми миллии танзими молиявӣ ба талаботи байналмилалӣ яке аз омилҳои муҳимми баланд бардоштани эътимоди сармоягузорон ва рушди устувори иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Ин дар навбати худ ба рушди иқтисодӣ ва рушди инноватсионӣ мусоидат мекунад. Танзими бозори молиявӣ тавассути танзими фаъолияти муассисаҳои молиявӣ, аз қабили бонкҳо, бозорҳои фондӣ ва ширкатҳои суғуртавӣ ба пешгирии ноустувории молиявӣ ва буҳронҳо мусоидат мекунад. Таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ ба иқтисоди миллӣ метавонад ҳам имкониятҳои нав ва ҳам хавфҳои муайянро ба вуҷуд оварад. Дар чунин шароит танзими молиявӣ бояд ҳамчун маҷмуи чораҳои иқтисодӣ ва институтсионалӣ амал намуда, ба таъмини рушди фарогир, дастгирии аҳолии ниёзманд, ҳавасмандгардонии фаъолияти истеҳсолӣ ва фароҳам овардани имкониятҳои нави шуғл равона карда шавад. Истифодаи воситаҳои буҷетӣ, андозӣ, сармоягузорӣ, қарзӣ ва бонкӣ барои расидан ба ин ҳадафҳо аҳаммияти муҳим дорад. Муҳим аст, ки низоми молия на танҳо афзоиши ММД, балки баланд шудани дараҷаи некуаҳволии мардум, паст шудани нобаробарӣ ва устувории сохти ҷамъиятиро таъмин намояд. Ҳамин тариқ, танзими молиявӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ воситаи асосии таъмини рушди муътадили иқтисодӣ, ҳифзи иқтисоди миллӣ аз хатарҳои беруна, инчунин ҳамгироии муассир ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ мебошад.

Дар марҳилаи муосир кишвар ба рушди сохтории бахши молиявӣ ва такмили механизмҳои танзимкунандаи он диққати махсус зоҳир намуда, ҷиҳати воридшавии фарохтар ба фазои

молиявии байналмилалӣ тадбирҳои заруриро амалӣ менамояд. Аз ин лиҳоз, ҷаҳонишавӣ боиси зиёд шудани алоқамандии низомҳои молиявии кишварҳои гуногун мегардад. Ин хатари интиқоли буҳрони молиявӣ ва ноустувориро зиёд мекунад.

Дар муҳити гардиши молиявии ҷаҳонӣ, вақте гардиши сармоя имкон дорад, ки дар байни кишварҳо зуд ҳаракат кунад, аҳаммияти танзимгарони миллӣ меафзояд. Дар шароити ҷаҳонишавӣ иқтисоди кишвар қодир аст ба зарбаҳои берунии иқтисодӣ ва молиявӣ осебпазир бошад. Вазифаи муҳимми танзими давлатӣ таҳияи сиёсатест, ки ба ҳифзи иқтисодиёт аз чунин таъсирот, масалан, тавассути захираҳои асъорӣ, идоракунии қарзи хориҷӣ ё ҳавасмандгардонии талаботи дохилӣ нигаронида шавад. Дар шароити кунунии иқтисодӣ танзими давлатии молиявӣ ҳамчун яке аз механизмҳои муҳимми идоракунии равандҳои иқтисодӣ ва таъмини амнияти иқтисодии кишвар баромад мекунад. Нақши он пеш аз ҳама дар муайян намудани роҳҳои пешгирӣ ва маҳдудсозии хавфҳои дохиливу беруна, инчунин коҳиш додани таъсири онҳо ба низоми иқтисодӣ ифода меёбад. Ҳамзамон, татбиқи самараноки сиёсати молиявӣ барои ташаккули заминаҳои устувори рушди дарозмуддати иқтисоди миллӣ мусоидат менамояд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми танзими молиявӣ бо мақсади таҳкими суботи молиявӣ ва такмили пайвастаи сохтору механизмҳои амалкунанда дар ҳоли рушд ва такмил қарор дорад. Дар давоми даҳ соли охир тағйироти мусбат дар як қатор нишондиҳандаҳои макроиқтисодии кишвар ба мушоҳида расидааст, ки ин равандро метавон дар доираи натиҷаҳои сиёсати иқтисодӣ ва молиявии давлат мавриди таҳлил қарор дод (ниг. ба ҷадвали 2.1.).

Ҷадвали 2.1. - Вазъи нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2017-2024

Нишондиҳандаҳо	2017	2018	2019	2020	2021	2022	2023	2024	2024/2017, бо %
Шумораи аҳолӣ, ҳаз. наф.	8931,2	9126,6	9313,8	9716,8	9886,8	10078,4	10288,3	10508,5	**117,7**
Шумораи миёнаи машғулин дар иқтисодиёт, ҳаз. наф	2407	2426	2463	2506	2534	2545	2625	2748	**114,2**
Шумораи бекорон, ҳаз. нафар	50	52	51	51	55	55	50	49	**98,0**
Сатҳи бекорӣ, бо %	2,2	2,1	2,0	2,1	2,1	2,1	1,8	1,8	**-0,4 б.ф.**
Даромадҳои пулии аҳолӣ, млн. сомонӣ	37247,5	41083,9	47986,3	65347,0	80508,8	95124,7	120715,1	146496,6	**393,3**
Хароҷотҳои пулӣ ва пасандозҳои аҳолӣ, млн. сомонӣ	38430,6	42346,4	48857,2	72555,7	91885,0	110606,3	145634,1	152907,2	**397,9**
Музди меҳнати миёна, сомонӣ	1144,19	1233,82	1335,52	1393,78	1540,84	1760,29	2013,11	2310,21	**201,9**
ММД, млн. сомонӣ	64434,3	71059,2	79109,8	83958,3	101076,3	118181,7	130791,5	153402,2	**238,1**
ММД ба ҳар сари аҳолӣ, бо сомонӣ	7291,4	7870,2	8580,1	8922,2	10312,0	11838,8	12868,8	14752,5	**202,3**
Маҳс. саноатӣ, млн. сомонӣ	23815	26339	29816	32440	39187	42988	46857	53873	**226,2**
Маҳсулоти кишоварзӣ, млн. сомонӣ	41411,6	43066,2	46140,7	50225,7	53576,2	57841,7	63028,4	73976,6	**178,6**
Сармоягузориҳо, млн. сомонӣ	11371,6	13361,0	12517,8	11775,5	15124,9	16655,2	20699,8	23042,3	**202,6**
Ҳаҷми гардиши моли чакана дар ҳамаи соҳаҳои савдо, млн. сомонӣ	28361,8	30460,6	34115,8	33399,3	37741,3	42043,8	48518,5	55066,5	**194,2**
Гардиши савдои хориҷӣ, млн. доллар	3972,9	4224,3	4523,7	4557,8	6359,1	7309,5	8328,9	8955,0	**225,4**
Содирот, млн. доллар	1198,0	1073,3	1174,4	1406,9	2149,6	2142,0	2448,8	1947,4	**162,6**
Воридот, млн. доллар	2774,9	3151,0	3349,3	3150,9	4209,5	5167,5	5880,1	7007,6	**252,5**
Даромади буҷети давлатӣ, млн. сомонӣ	23307,3	24097,2	23490,4	25065,0	30053,8	36056,8	43903,4	46613,9	**200,0**
- ба ҳисоби фоиз нисбат ба ММД	38,1	35,0	30,4	30,4	30,4	31,2	33,6	30,4	**-7,7 б.ф.**
Хароҷоти буҷети давлатӣ, млн. сомонӣ	22264,2	24187,4	23806,6	24812,5	29342,7	35338,9	43034,8	45836,1	**205,9**
- ба ҳисоби фоиз нисбат ба ММД	36,4	35,1	30,8	30,1	29,7	30,5	32,9	29,9	**-6,5 б.ф.**
Қарзи давлатии хориҷӣ, млн. доллар	2879,0	2 924,2	2925,3	3243,7	3299,3	3228,3	3243,3	3187,6	**110,7**
Қарзи давлатии дохилӣ, млн. доллар	800,5	749,1	726,8	536,7	447,6	424,6	396,8	386,3	**48,3**

Сарчашма: Тибқи сарчашмаҳои зерин таҳия гардидааст: [27], [28, с.10-15], [29, с.10-14], [161], [162]

Вазъи нишондиҳандаҳои ҳаштсолаи макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки тағйироти сатҳи иқтисодии кишвар на ба ҷаҳишҳои ногаҳонӣ, балки бештар ба равандҳои ҷамъшавии тадриҷӣ монанд аст. Аз ҷумла, афзоиши назарраси шумораи аҳолӣ, ки дар давраи таҳлилӣ аз тақрибан 8,9 миллион нафар то зиёда аз 10,5 миллион нафар расидааст, талабот ба захираҳои иқтисодиро зиёд намуда, ба низоми иқтисодии кишвар фишори иловагӣ эҷод мекунад. Бо вуҷуди ин, шумораи машғулин аз 2,4 миллион то қариб 2,75 миллион нафар зиёд шудааст, ки ин нишон медиҳад, иқтисод тавони ҷалби қувваи кориро гум накардааст. Ҷолиб он аст, ки дар ҳамин давра теъдоди бекорон аз 50 ҳазор то 49 ҳазор нафар коҳиш ёфтааст. Дар натиҷа, сатҳи бекорӣ аз 2,2 фоиз то 1,8 фоиз поён фаромада, тамоюли ором, вале устуворро инъикос мекунад.

Даромадҳои пулии аҳолӣ аз 37,2 миллиард сомонӣ ба зиёда аз 146 миллиард сомонӣ расида, қариб чор маротиба афзоиш ёфтаанд. Ҳамзамон, хароҷот ва пасандозҳо низ аз 38,4 миллиард то 152,9 миллиард сомонӣ зиёд шудаанд, ки афзоиши фаъолонаи гардиши пулро нишон медиҳад. Музди миёнаи меҳнат аз 1144 сомонӣ гузашта, то сатҳи зиёда аз 2310 сомонӣ расидааст, яъне беш аз ду маротиба афзоиш ёфтааст.

Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ аз 64,4 миллиард сомонӣ ба 153,4 миллиард сомонӣ расидааст, ки ин нишондиҳандаи васеъшавии фазои иқтисодӣ мебошад. Ҳаҷми истеҳсоли саноатӣ аз 23,8 миллиард то 53,9 миллиард сомонӣ боло рафта, нақши саноатро ду баробар тақвият додааст. Кишоварзӣ бошад, аз 41,4 миллиард сомонӣ гузашта, ба сатҳи тақрибан 74 миллиард сомонӣ расидааст, ки афзоиши нисбатан ором, вале пайвастаро нишон медиҳад.

Сармоягузориҳо аз 11,3 миллиард сомонӣ ба зиёда аз 23 миллиард сомонӣ афзоиш ёфта, гарчанде сол ба сол яксон набошад ҳам, самти умумии болоравиро нигоҳ доштаанд. Гардиши чакана аз 28,3 миллиард то 55 миллиард сомонӣ расида, ду баробар зиёд шудааст. Дар савдои хориҷӣ ҳаҷми умумӣ аз 4 миллиард доллар гузашта, то наздики 9 миллиард доллар афзоиш ёфтааст. Дар ин раванд воридот аз 2,7 миллиард то 7 миллиард доллари ИМА зиёд шуда, суръаташ аз содирот баландтар будааст. Содирот бошад, бо вуҷуди расидан ба 2,4 миллиард доллар дар соли охир коҳиш ёфтааст.

Даромади буҷети давлатӣ аз 23,3 миллиард то 46,6 миллиард сомонӣ афзоиш ёфта, аммо ҳиссааш нисбат ба ММД аз 38,1 фоиз то 30,4 фоиз паст шудааст. Хароҷоти буҷетӣ низ аз 22,2 миллиард то 45,8 миллиард сомонӣ боло рафта, саҳмаш дар иқтисод коҳиш ёфтааст. Қарзи хориҷӣ дар ҳудуди 2,9–3,2 миллиард доллар тағйир ёфта, устувории нисбиро нишон медиҳад. Қарзи дохилӣ бошад, аз 800 миллион доллари ИМА поён фаромада, то сатҳи тақрибан 386 миллион доллари ИМА расидааст.

Дар низоми танзими молиявии давлатӣ буҷети давлатӣ мавқеи хосса дошта, яке аз механизмҳои асосии таъсиррасонӣ ба равандҳои иқтисодию иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Моҳияти иқтисодии буҷет дар ташаккул, ҷамъоварӣ ва истифодаи марказонидашудаи захираҳои молиявӣ ифода ёфта, тавассути он давлат имконияти татбиқи вазифаҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодӣ ва иҷтимоиро ба даст меорад. Аз ин рӯ, буҷетро метавон ҳамчун воситаи муҳимми сиёсати фискалӣ ва идоракунии захираҳои давлатӣ арзёбӣ намуд.

Тавассути сиёсати буҷетӣ давлат метавонад ҳаҷм ва самтҳои истифодаи маблағҳои молиявиро муайян намуда, ба фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ, тақсимоти даромадҳо, сатҳи талаботи умумӣ ва рушди соҳаҳои афзалиятнок таъсир расонад. Ҷудо намудани маблағҳои буҷетӣ барои соҳаҳои иҷтимоӣ, инфрасохторӣ ва иқтисодӣ барои ҳалли

масъалаҳои афзалиятнок ва фароҳам овардани заминаҳои рушди устувори иқтисоди миллӣ мусоидат менамояд. Ҳамзамон, таъсирбахшии сиёсати буҷетӣ на танҳо аз ҳаҷми захираҳои мавҷуда, балки аз сифати банақшагирӣ, самаранокии тақсимоти маблағҳо ва сатҳи назорат аз болои истифодаи онҳо вобаста мебошад.

Дар чунин шароит, таъмини шаффофияти равандҳои буҷетӣ, баланд бардоштани масъулияти мақомоти давлатӣ ва таҳкими интизоми молиявӣ аз ҷумлаи омилҳои калидие мебошанд, ки ба истифодаи оқилона ва самараноки захираҳои давлатӣ мусоидат мекунанд. Истифодаи оқилонаи маблағҳои буҷетӣ имкон медиҳад, ки таъсири сиёсати молиявӣ ба рушди иқтисодӣ ва таъмини устувории молиявии давлат тақвият дода шавад.

Дар баробари хароҷоти давлатӣ, қисми даромадии буҷет низ дар механизми танзими молиявӣ аҳаммияти стратегӣ дорад. Даромадҳои буҷетӣ заминаи молиявии иҷрои вазифаҳои давлатиро ташкил намуда, имконияти маблағгузории соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва татбиқи барномаҳои давлатиро таъмин мекунанд. Дар таркиби мазкур ҳиссаи асосиро даромадҳои андоз ташкил дода, ҳаҷми воридоти онҳо пеш аз ҳама ба самаранокии сиёсати андозбандӣ ва сатҳи фаъолияти мақомоти масъули соҳа вобастагӣ дорад.

Бинобар ин, такмили механизми ташаккули қисми даромади буҷет бояд ба таҳкими вазъи молиявии давлат, зиёд намудани манбаъҳои воридоти буҷетӣ ва ҳамзамон таъмин намудани баробарӣ ва одилонагии муносибатҳои андозӣ мусоидат намояд. Ташкили низоми самараноки андозбандӣ барои афзоиши имкониятҳои молиявии давлат, дастгирии рушди иқтисодӣ ва таъмини устувории иҷтимоию иқтисодии ҷомеа заминаи муҳим фароҳам меорад.

Вобаста ба ин, динамикаи даромадҳои буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2017-2024 дар ҷадвали поён нишон дода шудааст (нигаред ба ҷадвали 2.2).


Ҷадвали 2.2. – Тамоюли сохтори даромадҳои буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2017-2024

Нишондиҳандаҳо	2017	2018	2019	2020	2021	2022	2023	2024	2024/2017, бо %
Ҳаҷми умумии буҷети давлатӣ	**19955,4**	**23925,4**	**23469,4**	**25064,9**	**30053,8**	**36056,8**	**43903,4**	**46613,9**	**233,6**
Даромадҳои ҷорӣ ва грантҳо	**14694,9**	**16684,8**	**17800,8**	**18414,9**	**21508,0**	**25263,7**	**28644,6**	**33454,8**	**227,7**
Воридоти андозҳо:	**13099,6**	**14564,9**	**15775,4**	**15366,5**	**19669,5**	**21824,2**	**25769,1**	**29129,1**	**222,4**
-андоз аз даромад	3071,6	3434,8	3813,5	3575,6	4712,7	5906,1	6861,2	7969,9	**259,5**
-андозҳои иҷтимоӣ	1489,3	1638,9	1706,2	1686,8	2037,2	2001,0	2257,1	2564,8	**172,2**
-андоз аз молу мулки ғайриманқул ва замин	300,5	357,5	370,9	374,2	456,9	869,5	1015,3	1170,2	**389,4**
-андоз аз арзиши иловашуда	5359,9	5939,8	6417,5	6393,1	8215,9	8949,0	1061,9	12186,2	**227,4**
-аксизҳо	390,1	4253,4	593,4	621,0	745,2	902,0	1253,7	1181,8	**302,9**
-дигар даромадҳои берунӣ барои савдо ва амалиётҳо	698,2	746,7	804,5	701,4	907,4	1092,9	1547,5	1456,4	**208,6**
-андозҳои дигари дохилӣ ва пардохтҳо аз молу хизматрасониҳо	308,7	320,9	351,1	331,5	389,5	188,0	220,8	245,2	**79,4**
Воридоти ғайриандозӣ:	**1425,6**	**2019,1**	**2025,4**	**1895,4**	**1601,2**	**2418,5**	**2333,2**	**3629,8**	**254,6**
-воридот аз моликият ва фаъолияти соҳибкорӣ	173,8	308,4	362,8	297,0	313,2	477,9	465,3	531,6	**305,9**
-дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет	127,8	167,5	212,3	237,9	310,2	421,1	590,7	683,9	**535,1**
-ҷаримаҳо ва муҷозотҳо (санксияҳо)	489,3	389,7	413,6	210,7	278,0	304,0	356,0	424,5	**86,8**
-воридоти дигари ғайриандозӣ ва пардохтҳои маъмурӣ	634,4	403,7	415,4	459,2	628,1	648,2	728,3	1608,2	**253,5**

Сарчашма: Тибқи адабиёти зерин таҳия шудааст: [27], [28, с.21-22], [29, с.408-411], [30]

Таҳлили нишондиҳандаҳои ҷадвали зерин аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар солҳои 2017–2024 сохтори даромадҳои буҷети давлатӣ на бо роҳи хаттӣ, балки тавассути тағйироти дохилии таркибӣ ташаккул ёфтааст. Ҳаҷми умумии буҷет аз сатҳи 19,9 миллиард сомонӣ оғоз ёфта, то 46,6 миллиард сомонӣ расидааст, яъне беш аз ду баробар афзудааст. Аммо ин афзоиш на аз як манбаъ, балки аз сохторҳои гуногуни моддаҳои даромади буҷет сарчашма мегирад. Масалан, даромадҳои ҷорӣ ва грантҳо аз 14,7 миллиард то 33,5 миллиард сомонӣ боло рафта, суръати афзоиши онҳо каме пасттар аз афзоиши умумии буҷет вонамуд мегардад. Ин тафовут собит месозад, ки дигар манбаъҳои даромад тадриҷан аҳаммияти бештар пайдо кардаанд. Дар ин раванд манбаи боэътимоди давлат ин даромадҳои андозӣ ба ҳисоб мераванд (ниг. ба диаграммаи 2.1).

Диаграмаи 2.1. - Динамикаи даромадҳои андозӣ ва ғайриандозии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2017-2024, млн. сомонӣ



Сарчашма: Тибқи адабиёти зерин таҳия шудааст: [29, с.408-411], [30]

Аз диаграмма маълум мегардад, ки воридоти андозҳо ҳамчун пояи асосии низоми буҷетӣ аз 13,1 миллиард сомонӣ то 29,1 миллиард сомонӣ расидааст. Ҳарчанд соли 2020 коҳиши нисбӣ мушоҳида мешавад, аммо пас аз

он ҷаҳиши ҷиддӣ ба назар мерасад. Андоз аз даромад, ки соли 2017 ҳамагӣ 3,1 миллиард сомониро ташкил медод, то соли 2024 ба наздики 8 миллиард сомонӣ баробар шудааст. Ин нишон медиҳад, ки ё пойгоҳи андозбандӣ васеъ гардидааст, ё фишанги маъмурӣ қавитар шудааст. Андозҳои иҷтимоӣ бошад, бо суръати муътадил майл карда, аз 1,49 миллиард то 2,56 миллиард сомонӣ расидаанд, ки нисбат ба дигар моддаҳои даромади буҷети давлатӣ муътадил мебошанд.

Яке аз тағйироти ҷолиб дар андоз аз молу мулки ғайриманқул ва замин мушоҳида мешавад. Агар соли 2017 ин манбаъ ҳамагӣ 300 миллион сомониро ташкил медод, пас соли 2024 он аз ҳудуди 1,17 миллиард сомонӣ гузаштааст. Чунин афзоиш бештар ба бозбинӣ ва арзёбии навбатии амвол ишора мекунад. Андоз аз арзиши иловашуда низ аз 5,36 миллиард сомонӣ то 12,19 миллиард сомонӣ расидааст, ки он вобастагии мустақим аз ҳаҷми муомилоти иқтисодиро инъикос мекунад. Таҳлилу арзёбиҳои мазкур собит намуд, ки ҳатто дар солҳои ноустувории вазъи иқтисодии мамлакат ин нишондиҳанда пояи худро устувор нигоҳ доштааст.

Аксизҳо бо тағйироти ғайримунтазам, аз қабили аз 390 миллион сомонӣ то зиёда аз 1,18 миллиард сомонӣ афзоиш ёфтааст. Ҷаҳишҳои шадид дар ин гурӯҳ метавонанд ба сиёсати танзими молҳои алоҳида иртибот дошта бошанд. Даромадҳои берунӣ барои савдо ва амалиётҳо аз 698 миллион сомонӣ ба 1,46 миллиард сомонӣ расидаанд, ки афзоиши вобастагӣ ба муомилоти берунаи иқтисодиро нишон медиҳанд. Баръакс, андозҳои дигари дохилӣ ва пардохтҳо аз молу хизматрасониҳо соли 2024 ҳатто аз сатҳи соли 2017 пасттар мебошанд, ки ин коҳиши аҳаммияти онҳоро тасдиқ мекунад.

Воридоти ғайриандозӣ низ тамоюли чандириро ба худ касб намудааст. Ҳаҷми умумии онҳо аз 1,43 миллиард сомонӣ то 3,63 миллиард сомонӣ афзоиш ёфтаанд. Даромад аз моликият ва фаъолияти соҳибкорӣ се маротиба зиёд шуда, аз 174 миллион то 532 миллион

сомонӣ расидааст. Дигар пардохтҳои ҳатмӣ бо суръати баланд афзоиш ёфта, соли 2024 ба қариб 684 миллион сомонӣ баробар шудаанд. Баръакс, ҷаримаҳо ва муҷозотҳо нисбат ба соли 2017 коҳиш ёфтаанд, ки метавонад ба тағйири усули назорат ишора кунад. Даромадҳои дигари ғайриандозӣ бошад, бо ҷаҳиши ғайримунтазам соли 2024 то 1,6 миллиард сомонӣ боло рафтаанд.

Ҳамин тариқ, таҳлили сохтории даромадҳои буҷетӣ гувоҳӣ медиҳад, ки рушди ҳаҷми умумии воридоти буҷетӣ асосан тавассути афзоиши пардохтҳои андозии муҳим ва тавсеаи доираи андозбандишаванда ба даст омадааст, дар ҳоле ки саҳми манбаъҳои нави даромад дар ин раванд назаррас нест. Нишондиҳандаҳои овардашуда собит месозанд, ки буҷети давлатӣ на танҳо ҳаҷман калон, балки сохторҳои ҷузъии онҳо мураккаб шудаанд.

Дар ин замина, андозҳо ҳамчун яке аз воситаҳои калидии сиёсати молиявии давлат баромад намуда, тавассути таъсир ба фаъолияти иқтисодӣ ва азнавтақсимкунии даромадҳо дар таъмини суботи иқтисодӣ, таҳкими адолати иҷтимоӣ ва фароҳам овардани заминаҳои рушди устувори иқтисоди миллӣ нақши муҳим мебозанд. Ба андешаи мо, самаранок намудани низоми андозӣ дар баланд бардоштани сифати идоракунии молияи давлатӣ нақши муҳим дорад. «Такмили воситаҳо ва механизмҳои андозбандӣ ба давлат имконият фароҳам меорад, ки равандҳои ташаккули қисми даромадии буҷет ва тақсимоти захираҳои молиявиро самараноктар ба роҳ монад. Ҳамзамон, татбиқи сиёсати оқилонаи андозӣ барои ташаккули муҳити мусоиди иқтисодӣ, ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ ва фароҳам овардани заминаҳои зарурӣ ҷиҳати таъмини рушди устувори иқтисодиёт дар дурнамои дарозмуддат мусоидат менамояд» [40].

Дар баробари ин, дар механизми танзими молиявии давлатӣ хароҷоти буҷетӣ низ мавқеи муҳим дошта, ҳамчун воситаи муассири таъсиррасонӣ ба самтҳои рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар хизмат мекунад. Маҳз, банақшагирии дуруст ва равонасозии маблағҳои буҷетӣ ба

самтҳои муайян ба давлат имконият медиҳад, ки рушди бахшҳои афзалиятнокро дастгирӣ намуда, масъалаҳои муҳимми иҷтимоиро ҳал кунад ва заминаи таҳкими иқтидори иқтисодии кишварро фароҳам созад.

Яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати буҷетии давлат таъмини устувории иҷтимоӣ ва ҳифзи манфиатҳои иҷтимоии аҳолӣ ба ҳисоб меравад. «Хароҷоти иҷтимоӣ, аз қабили нафақа, кумакпулӣ, кумакпулиҳои манзил, маориф ва тандурустӣ, барои қонеъ кардани ниёзҳои асосии аҳолӣ ва нигоҳ доштани сатҳи зиндагии шаҳрвандон, бахусус дар давраи буҳрон ё тағйирот дар бозори меҳнат мусоидат мекунад. Ҳамзамон, афзоиши ҳаҷми хароҷоти давлатӣ дар сурати мавҷуд набудани назорати самаранок ва банақшагирии дурусти молиявӣ метавонад боиси афзоиши касри буҷет ва ба вуҷуд омадани фишорҳои таваррумӣ гардад. Хароҷоти аз ҳад зиёд, ки аз ҳисоби қарз маблағгузорӣ мешавад, метавонад вазъи молиявии давлатро хароб созад, қарзи берунаро афзоиш бахшад ва эътимоди сармоягузоронро коҳиш диҳад. Дар ин замина, ба андешаи мо, хароҷоти буҷети давлатӣ яке аз унсурҳои муҳимми механизми танзими молиявӣ ба ҳисоб меравад, зеро давлат тавассути муайян намудани тартиби тақсим ва истифодаи маблағҳои буҷетӣ, инчунин ҷорӣ намудани низоми назорати дахлдор, ба самаранокии идоракунии захираҳои молиявӣ таъсир мерасонад. Тақсимоти оқилона ва мақсадноки маблағҳои буҷетӣ барои нигоҳдории суботи молиявӣ, дастгирии самтҳои афзалиятноки иқтисодию иҷтимоӣ ва иҷрои вазифаҳои стратегии давлат замина фароҳам меорад»[74].

Ҳамзамон, такмили сиёсати хароҷоти давлатӣ метавонад ҳамчун воситаи татбиқи ҳадафҳои дарозмуддати рушди иқтисодӣ ва баланд бардоштани самаранокии сиёсати молиявӣ истифода шавад. Аз ин рӯ, хароҷоти давлатӣ на танҳо ҷузъи муҳимми буҷет, балки яке аз фишангҳои асосии таъсиррасонии давлат ба равандҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва танзими молиявии иқтисодиёт мебошад (нигаред ба ҷадвали 2.3).

Ҷадвали 2.3. - Динамикаи хароҷоти буҷети давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2017 – 2024, млн. сомонӣ

Нишондиҳандаҳо	2017	2018	2019	2020	2021	2022	2023	2024	2024/2017, бо %
Хароҷот – ҳамагӣ:	**22264,2**	**24187,4**	**23806,6**	**24812,5**	**29342,7**	**35338,8**	**43034,8**	**45836,0**	**205,9**
Бахши ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ	1651,2	1647,9	1423,2	1380,0	1947,7	1941,3	2284,7	2579,7	**156,2**
Хароҷотҳо ба соҳаҳои иҷтимоӣ	**9691,5**	**10296,5**	**11848,1**	**13166,6**	**15135,6**	**16277,2**	**18725,2**	**23295,0**	**240,4**
Маориф	3572,7	3702,6	4338,6	4311,4	5259,9	6240,8	7108,5	8740,7	**244,7**
Тандурустӣ	1385,2	1538,1	1793,4	2583,1	2850,1	2618,0	3277,4	3729,6	**269,2**
Суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ	3057,6	3156,8	3515,0	3865,9	4193,5	4582,0	4625,3	5934,6	**194,1**
ХМК, муҳити зист ва хоҷагии ҷангал	922,5	1154,9	1255,2	1419,1	1669,7	1758,3	2242,4	2499,9	**271,0**
Фарҳанг ва варзиш	753,5	744,1	945,9	987,1	1162,4	1078,1	1471,6	2390,2	**317,2**
Хароҷотҳо ба соҳаҳои хоҷагидорӣ-иқтисодӣ	**8243,3**	**8530,8**	**6766,8**	**7010,7**	**7311,8**	**10422,7**	**13465,2**	**11747,8**	**142,5**
Комплекси сӯзишворӣ-энергетикӣ	6280,4	6471,6	4674,3	4976,5	4647,9	6511,2	7270,2	7101,4	**113,1**
Кишоварзӣ, моҳидорӣ ва шикор	689,4	571,5	632,4	612,9	662,4	1027,5	1634,9	1087,1	**157,7**
Саноат ва сохтмон	158,0	141,8	193,0	171,5	239,4	287,1	465,8	354,6	**224,4**
Нақлиёт ва коммуникатсия	1074,9	1292	1196,0	1025,7	1714,5	2396,9	3973,4	3024,9	**281,4**
Фаъолияти дигари корҳои иқтисодӣ ва хизматрасонӣ	40,6	53,9	71,1	224,1	47,6	200,0	120,9	179,8	**442,9**


Сарчашма: Тибқи адабиёти зерин таҳия шудааст: [27], [28, с.21-22], [29, с.408-411], [30]

Дар солҳои 2017–2024 хароҷоти умумии буҷети давлатӣ аз 22,3 миллиард ба 45,8 миллиард сомонӣ расида, зиёда аз ду баробар афзоиш ёфтааст. Ин афзоиш яксон набуда, соли 2019 коҳиши ночиз ва пас аз соли 2021 суръатгирии ҷиддӣ мушоҳида мешавад. Хароҷот ба бахши ҳокимияти давлатӣ аз 1,65 миллиард то 2,58 миллиард сомонӣ зиёд шуда, аммо аҳаммияти нисбии он баланд нагардидааст.

Ҳамин тавр, қисми асосии афзоиши сохтори буҷети давлатӣ ба соҳаҳои иҷтимоӣ рост меояд, ки ҳаҷмашон аз 9,7 миллиард то 23,3 миллиард сомонӣ расидааст. Соҳаи маориф бо болоравӣ аз 3,57 миллиард то 8,74 миллиард сомонӣ яке аз самтҳои калидӣ боқӣ мондааст. Тандурустӣ тағйироти шадидтар дошта, аз 1,39 миллиард то 3,73 миллиард сомонӣ афзоиш ёфтааст. Суғурта ва ҳифзи иҷтимоӣ бо суръати муътадил аз 3,06 миллиард то 5,93 миллиард сомонӣ рушд кардааст. Хароҷот ба хоҷагии манзилию коммуналӣ ва муҳити зист қариб се маротиба зиёд шуда, ба 2,5 миллиард сомонӣ расидааст. Фарҳанг ва варзиш, бо вуҷуди ҳаҷми хурд, аз 0,75 миллиард то 2,39 миллиард сомонӣ боло рафтааст.

Дар баробари ин, дар бахши хоҷагидорӣ-иқтисодӣ афзоиши сохторӣ суст буда, ҳаҷми он аз 8,24 миллиард ба 11,75 миллиард сомонӣ расидааст. Комплекси сӯзишворӣ-энергетикӣ аз 6,28 миллиард то 7,1 миллиард сомонӣ зиёд шуда, суръати нисбатан сусти афзоишро нишон медиҳад. Хароҷот ба соҳаи кишоварзӣ тағйирёбанда буда, соли 2024 ба 1,09 миллиард сомонӣ баробар гардид. Саноат ва сохтмон аз 158 миллион то 355 миллион сомонӣ афзоиш намудааст. Нақлиёт ва коммуникатсия бо ҷаҳиш аз 1,07 миллиард то 3,02 миллиард сомонӣ ба яке аз самтҳои фаъол табдил ёфтааст. Ҳамин тавр, арзёбии мазкур ба мо нишон дод, ки сохтори хароҷоти буҷети давлатӣ аз бахши иқтисодӣ ба иҷтимоӣ тамоюли равшан пайдо намудааст. Барои собит намудани андешаи мазкур моро зарур аст, ки сохтори ҳиссавии хароҷоти буҷет дар соҳаҳои иҷтимоӣ ва хоҷагидорӣ-иқтисодиро мавриди таҳлил қарор диҳем (ниг. ба диаграммаи 2.2).

Диаграмаи 2.2. - Динамикаи сохтори ҳиссавии хароҷоти буҷет дар соҳаҳои иҷтимоӣ ва хоҷагидорӣ-иқтисодӣ дар солҳои 2017-2024



Сарчашма: Таҳлил тибқи адабиёти [27], [28, с.21-22], [29, с.408-411], [30]

Аз динамикаи сохтори ҳиссавии хароҷоти буҷет дар соҳаҳои иҷтимоӣ ва хоҷагидорӣ-иқтисодӣ дар солҳои 2017–2024 бармеояд, ки нишондиҳандаҳои овардашуда тағйирёбанда буда, самтгирии сиёсати молиявиро инъикос мекунад. Масалан, ҳиссаи маблағгузории буҷети давлатӣ ба соҳаҳои иҷтимоӣ соли 2017 43,5 фоиз буд ва соли 2019 қариб ба 50 фоиз расид. Соли 2020 хароҷоти иҷтимоӣ бо 53,1 фоиз бори аввал аз нисфи буҷет гузашт. Баъдан солҳои 2021 ва 2022 ин нишондиҳанда коҳиш ёфта, мутаносибан 51,6 ва 46,1 фоизро ташкил дод. Соли 2023 ҳиссаи иҷтимоӣ боз ба сатҳи 43,5 фоиз поён фаромад. Аммо соли 2024 он дубора афзоиш ёфта, мутаносибан ба 50,8 фоиз баробар гардид.

Маблағгузории буҷети давлатӣ ба соҳаҳои хоҷагидорӣ-иқтисодӣ бошад, дар соли 2017 37 фоизро ташкил намуд. То соли 2021 ҳиссаи онҳо тадриҷан коҳиш ёфта, ба 24,9 фоиз расид. Ҳамин тавр, тамоюлҳои ин нишондиҳандаҳо собит намуд, ки афзалият дар хароҷоти буҷетӣ бештар ба

соҳаҳои иҷтимоӣ дода шудааст. Ҳоло бошад, мо сохтори таркибии ин ду нишондиҳандаҳоро дар алоҳидагӣ дида мебароем (ниг. ба ҷадвалҳои 2.4 ва 2.5).

Ҷадвали 2.4. – Сохтори ҳиссавии хароҷоти буҷети давлатӣ ба соҳаҳои иҷтимоӣ дар солҳои 2017-2024

Нишонди-ҳандаҳо	2017	2018	2019	2020	2021	2022	2023	2024	2024/2017, +/-, б.ф.
Хароҷотҳо ба соҳаҳои иҷтимоӣ	**100,0**	**100,0**	**100,0**	**100,0**	**100,0**	**100,0**	**100,0**	**100,0**	**0,0**
Маориф	36,9	36,0	36,6	32,7	34,8	38,3	38,0	37,5	**0,7**
Тандурустӣ	14,3	14,9	15,1	19,6	18,8	16,1	17,5	16,0	**1,7**
Суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ	31,5	30,7	29,7	29,4	27,7	28,1	24,7	25,5	**-6,1**
ХМК, муҳити зист ва хоҷагии ҷангал	9,5	11,2	10,6	10,8	11,0	10,8	12,0	10,7	**1,2**
Фарҳанг ва варзиш	7,8	7,2	8,0	7,5	7,7	6,6	7,9	10,3	**2,5**

Сарчашма: Ҳисоби муаллиф тибқи ҷадвали 2.3.

Аз сохтори ҳиссавии хароҷоти иҷтимоии буҷет дар солҳои 2017–2024 маълум мегардад, ки нишондиҳандаҳои зерсохтори ин бахш тағйироти назаррас доранд. Масалан, нишондиҳандаи ҳассаи маблағгузории соҳаи маориф нисбатан фаъолияти афзоишии устувор дошта, аз 36,9 фоиз то 37,5 фоиз мебошад. Тамоюли мазкур аз нигоҳдории мавқеи калидии маориф дар сиёсати иҷтимоии давлат шаҳодат медиҳад. Тандурустӣ бошад, ҳиссаи худро аз 14,3 фоиз то 16,0 фоиз боло бурда, махсусан дар соли 2020 нишондиҳандаи аз ҳама баландтарин (19,6 фоиз) дар Тоҷикистон ба назар мерасад.

Баръакс, суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ тамоюли коҳишро нишон дода, аз 31,5 фоиз то 25,5 фоиз поён рафтааст. Ин коҳиш аз бозтақсимкунии захираҳо ба дигар самтҳои иҷтимоӣ дарак медиҳад. Хароҷот ба хоҷагии манзилию коммуналӣ, муҳити зист ва хоҷагии ҷангал дар маҷмуъ каме боло рафта, аз 9,5 фоиз ба 10,7 фоиз расидааст. Фарҳанг ва варзиш

ҳиссаи худро аз 7,8 фоиз то 10,3 фоиз зиёд карда, афзоиши нисбатан баланд нишон медиҳад. Ин равиш ба таҳкими сармояи инсонӣ ва таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ мусоидат менамояд.

Ҷадвали 2.5. – Сохтори ҳиссавии хароҷоти буҷети давлатӣ ба соҳаҳои иқтисодӣ дар солҳои 2017-2024

Нишондиҳандаҳо	2017	2018	2019	2020	2021	2022	2023	2024	2024/2017, +/-, б.ф.
Хароҷотҳо ба соҳаҳои иқтисодӣ – ҳамагӣ:	**100,0**	**100,0**	**100,0**	**100,0**	**100,0**	**100,0**	**100,0**	**100,0**	**0,0**
Комплекси сӯзишворӣ-энергетикӣ	76,2	75,9	69,1	71,0	63,6	62,5	54,0	60,4	**-15,7**
Кишоварзӣ, моҳидорӣ ва шикор	8,4	6,7	9,3	8,7	9,1	9,9	12,1	9,3	**0,9**
Саноат ва сохтмон	1,9	1,7	2,9	2,4	3,3	2,8	3,5	3,0	**1,1**
Нақлиёт ва коммуникатсия	13,0	15,1	17,7	14,6	23,4	23,0	29,5	25,7	**12,7**
Фаъолияти дигари корҳои иқтисодӣ ва хизматрасонӣ	0,5	0,6	1,1	3,2	0,7	1,9	0,9	1,5	**1,0**

Сарчашма: Ҳисоби муаллиф тибқи ҷадвали 2.3.


Аз таҳлилу арзёбиҳои сохтори ҳиссавии хароҷоти буҷети давлатӣ ба соҳаҳои иқтисодӣ бармеояд, ки ҳамасола ҳиссаи бештари маблағгузорӣ дар соҳаҳои иқтисодӣ бештар ба соҳаи комплекси сӯзишворӣ-энергетикӣ (масалан, 76,2% дар соли 2017 ва 60,4% дар соли 2024) рост омадааст. Ҳамин тариқ, ба андешаи мо, хароҷоти давлат ба иқтисодиёт таъсири дутарафа дорад. Истифодаи оқилона ва самараноки чунин захираҳо метавонад ба таҳкими рушди иқтисодӣ ва таъмини суботи иҷтимоӣ мусоидат намояд.

Ҳамзамон, бояд таъкид намуд, ки яке аз самтҳои муҳимми танзими молиявии давлатӣ идоракунии самараноки қарзи давлатӣ ба ҳисоб меравад. Он метавонад ҳамчун воситаи идоракунии иқтисодиёт ва маблағгузории хароҷоти давлатӣ истифода шавад. Вобаста аз он ки қарзи давлатӣ чӣ гуна истифода мешавад, он метавонад ба иқтисодиёт таъсири мусбат ё манфӣ расонад.

Дар низоми сиёсати фискалӣ қарзи давлатӣ мавқеи муҳим дошта, истифода ва идоракунии самараноки он метавонад ба густариши фаъолияти иқтисодӣ, беҳтар гардидани имкониятҳои молиявӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодиёт мусоидат намояд. Бо вуҷуди ин, ҷамъшавии аз ҳад зиёди он метавонад ба хатарҳо дар низоми молиявӣ оварда расонад. Истифодаи самараноки қарз мувозинати манфиатҳои молиявии кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат, назорати сатҳи қарз ва таҳияи стратегияҳо нигоҳ доштани устувории молиявиро талаб мекунад. Мавриди зикр аст, ки тибқи ҳисоботҳо қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2024 3573,9 миллион доллари ИМА ё 25,2%-и ММД-ро ташкил дод. Ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2023 - 66,2 миллион доллари ИМА кам шудааст. Дар сохтори қарзи давлатӣ ҳанӯз ҳам қарзҳои беруна бартарӣ доранд, ки он ҳудуди 89,2 фоизи сандуқи қарзи давлатиро ташкил медиҳад.

Ҳамин тавр, тамоюли қарзҳо нишон дод, ки агар соли 2017 қарзи беруна 2,88 миллиард долларро ташкил медод, пас соли 2024 он ба 3,19 миллиард доллари ИМА расидааст, яъне афзоиш дар умум 10,7 фоизро нишон медиҳад. Бо вуҷуди ин афзоиши мутлақ, вазни қарз нисбат ба ММД тамоюли коҳиш дорад. Ҳиссаи қарзи беруна аз 40,3 фоизи ММД то 22,5 фоиз поён фаромадааст, ки нишондиҳандаи беҳтар шудани иқтидори иқтисодӣ мебошад (ниг. ба диаграммаи 2.3).

Диаграммаи 2.3. - Сохтори қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2017-2024, млн.доллари ИМА



Сарчашма: Ҷамъоварии маълумоти оморӣ тибқи [162]

Дар солҳои таҳлилӣ (2017-2024) ва ҳамзамон, аз диаграммаи 2.3 дида мешавад, ки қарзи мустақими хориҷии давлатӣ низ аз 2,72 миллиард доллар то 3,06 миллиард доллари ИМА афзоиш ёфтааст. Аммо дар ин ҳолат ҳам нишондиҳандаи нисбӣ коҳиш ёфта, аз 31 фоиз ба 21,5 фоизи ММД расидааст. Соли 2020 ҳар ду навъи қарз (қарзи берунӣ ва қарзи мустақими давлатии хориҷӣ) нисбат ба ММД ба сатҳи баландтар баромадаанд, ки ба шароити фавқулодаи он сол ишора мекунад. Пас аз соли 2021 тамоюли устувори пастшавии вазни қарз мушоҳида мешавад. Ин раванд нишон медиҳад, ки афзоиши ММД аз суръати ҷалби қарз пеш гузаштааст. Дар умум, қайд намудан ба маврид аст, ки нишондодҳои мазкур аз нигоҳдории устуворii қарзӣ ва камшавии хавфи фишори қарзӣ дарак медиҳанд (ниг. ба ҷадвали 2.6).

Ҷадвали 2.6. - Қарзи берунӣ ва қарзи мустақими давлатии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2017-2024, млн. доллари ИМА

Нишондиҳандаҳо	2017	2018	2019	2020	2021	2022	2023	2024	2024/2017, бо %
Қарзи беруна (млн. долл. ИМА)	2879,0	2924,2	2925,3	3243,7	3299,3	3228,3	3243,3	3187,6	**110,7**
Қарзи беруна бо % нисбат ба ММД	40,3	38,9	36,0	40,6	37,7	30,8	26,9	22,5	**-17,8 б.ф.**
Қарзи мустақими хориҷии давлатӣ (млн. долл.ИМА)	2716,5	2761,2	2781,3	3132,4	3177,6	3087,6	3104,8	3055,2	**112,5**
Қарзи мустақими хориҷии давлатӣ бо % нисбат ба ММД	31,0	36,7	34,3	39,2	36,3	29,4	25,7	21,5	**-9,5 б.ф.**


Сарчашма: Ҷамъоварии маълумоти оморӣ тибқи [162]

Аз тафриқаи байни солҳои 2017-2024 дида мешавад, ки вазни қарзҳои хориҷии Тоҷикистон нисбат ба ММД ба таври назаррас коҳиш ёфтаанд. Қарзи берунии умумӣ, ки соли 2017 40,3 фоизи ММД-ро ташкил медод, то соли 2024 ба 22,5 фоиз поён фаромада, фарқ -17,8 бандӣ фоизӣ мебошад. Қарзи мустақими хориҷии давлатӣ низ ин

равандро такрор мекунад: агар соли 2017 ҳиссаи он дар ММД 31 фоиз буд, пас соли 2024 ба 21,5 фоиз кам шуд, яъне фарқ -9,5 бандӣ фоизӣ мебошад. Ин коҳишҳо шаҳодат медиҳанд, ки ҳарчанд қарзи мутлақ то андозае афзоиш ёфтааст, раванди рушди иқтисод ва афзоиши ММД бори қарзиро нисбатан сабук кардааст.

Дар баробари ин, таносуби қарзи давлатӣ (аз рӯи қарзи беруна, аз ҷумла кафолатҳои давлатӣ ва қарзи дохилӣ) ба ММД бо фоиз дар диаграммаи 2.4 инъикоси худро ёфтаанд.

Диаграммаи 2.4. - Таносуби қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тафриқа ба ҳаҷми ММД, бо %



Сарчашма: Таҳияи муаллиф тибқи [162]

Чуноне ки маълум гардид, тамоюли қарзи беруна нисбат ба ММД дар давраи таҳлилӣ (2017-2024) рӯ ба коҳиш ниҳодааст. Масалан, таҳлили динамикаи қарзи берунии кишвар нишон медиҳад, ки таносуби он нисбат ба ММД дар соли 2017 ба 40,3 фоиз баробар буда, то соли 2024 ин нишондиҳанда то 22,5 фоиз коҳиш ёфтааст. Ҳаҷми қарзи дохилии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2024 386,3 миллион доллари ИМА-ро ташкил дод, ки ба ҳисоби фоиз 2,7 фоизи ММД мебошад. Қарзи дохилии давлатӣ нисбат ба соли 2023 -10,5 миллион

доллари ИМА кам шудааст. Сабабҳои коҳиши ҳаҷми қарзи дохилӣ дар соли 2024 қисман пардохти қарзи асосӣ аз рӯи векселҳои давлатӣ оид ба сармоякунонии ҶСК «Тоҷиксодиротбонк», векселҳои давлатӣ барои сармоякунонии ҶСК «Агроинвестбонк», аз рӯи қарзи Вазорати молия аз Бонки миллии Тоҷикистон дар бораи векселҳои давлатӣ оид ба танзими қарзи ҶСК «Агроинвестбонк» (37 қарзи мушкилот) ва векселҳои хазинадории давлатӣ барои пӯшонидани касри буҷет мебошанд. Ҳамин тариқ, қарзи дохила мутаносибан аз 9,6 % ба 3,3 % нисбати ММД коҳиш ёфтааст, ки ин натиҷаи дурусти танзими молиявии давлатӣ мебошад.

Вобаста ба ин, «...танзими молиявӣ дар таъмини субот ва рушди иқтисодӣ тавассути таъсир ба бозорҳои молиявӣ, муҳити тиҷорат ва фазои умумии иқтисодӣ нақши калидӣ дорад. Танзими самараноки молиявӣ на танҳо ба паст кардани сатҳи таваррум, нигоҳ доштани қурби муътадили асъор, балки ба идоракунии сатҳи қарзи давлатӣ низ мусоидат мекунад»[161]. Ҳамзамон, танзими сармоягузории мустақим ба бахшҳои ояндадор, дастгирии инноватсия ва рушди устувори иқтисодиро фароҳам меорад.

Ба назари мо, дар шароити тағйирёбии босуръати низоми молиявии ҷаҳонӣ, механизмҳои танзими молиявӣ бояд пайваста такмил ёфта, ба талабот ва воқеиятҳои нави иқтисодӣ мутобиқ гарданд. Чунин равиш имкон медиҳад, ки рушди иқтисодиёти миллӣ дастгирӣ ёфта, ҳамзамон робитаҳои самаранок бо бозорҳои байналмилалии молиявӣ таҳким ёбанд. Мавриди зикр аст, ки дар шароити муосир иқтисоди кишвар ба таконҳои беруна, аз қабили буҳрони молиявӣ, тағйирёбии нархи молҳо ё тағйирёбии қурби асъор бештар осебпазир мегардад. Танзими молиявӣ ба коҳиш додани ин таъсирҳо тавассути эҷоди механизмҳо барои муътадилсозии ҷараёни молиявӣ, идоракунии хавф ва нигоҳ доштани пардохтпазирӣ кумак мекунад. Дар баробари ин, ба воситаи танзими гардиши асъорӣ, идоракунии қарзи хориҷӣ, назорати

буҷети давлатӣ ва танзими дигар омилҳои муҳимми иқтисодӣ, низоми танзими молиявӣ метавонад устувории иқтисоди миллиро тақвият бахшида, таъсири манфии буҳронҳои иқтисодии ҷаҳониро коҳиш диҳад.

Мақомоти миллии танзимкунанда бояд равандҳои дар бозорҳои байналмилалии молиявӣ баамалояндаро пайваста таҳлил намуда, ба тағйироти муҳити беруна сари вақт вокуниш нишон диҳанд ва таъсири манфии омилҳои хориҷиро ба иқтисоди миллӣ коҳиш бахшанд. Ба андешаи мо, танзими самараноки молиявӣ дар ташаккули фазои устувор, пешгӯишаванда ва шаффоф барои ҷалби сармояи байналмилалӣ аҳаммияти муҳим дорад.

Ба назари мо, яке аз самтҳои муҳимми такмили низоми танзими молиявии давлатӣ таҳкими минбаъдаи заминаи меъёриву ҳуқуқӣ мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз қабули санадҳои муҳимми қонунгузорӣ дар самтҳои буҷет, андозбандӣ, танзими асъорӣ ва идоракунии хароҷоти давлатӣ заминаҳои ҳуқуқии танзими молиявӣ мустаҳкам гардида, самаранокии идоракунии муносибатҳои молиявӣ беҳтар шудааст. Ин қонунҳо заминаи ҳуқуқии танзими муассири гардиши молӣ, андозбандӣ ва буҷети давлатиро фароҳам меоранд, аммо ҳанӯз ҳам зарурати такмил ва мутобиқсозии қонунгузорӣ ба воқеияти иқтисодии муосир боқӣ мемонад.

Дар баробари ин, нақши Бонки миллии Тоҷикистон низ дар такмили назорати молиявӣ хеле зиёд аст. Бонки миллии Тоҷикистон дар нигоҳдории суботи молиявӣ, пешбурди сиёсати пулию қарзӣ ва танзими низоми бонкӣ нақши калидӣ дорад. Устувории қурби сомонӣ, идоракунии таваррум ва танзими равандҳои тағйирёбии қурби асъор вазифаи муҳимтарини БМТ боқӣ мемонад, ки идомаи ислоҳот ва такмили воситаҳои танзими макроиқтисодиро тақозо менамояд. Сарфи назар аз пешрафт мушкилоти танзими давлатии молиявӣ ҳоло ҳам вуҷуд дорад. Барои бартараф намудани душвориҳо боз ҳам танзими

молиявиро мустаҳкам намуда, назоратро аз болои хароҷоти давлат беҳтар сохта, самаранокии хизмати давлатии андозро баланд бардоштан зарур аст.

Ҳамзамон, барои баланд бардоштани самаранокии он зарурати ҳалли як қатор масъалаҳо, аз қабили таъмини шаффофияти бештар дар равандҳои молиявӣ, рушди иқтидори институтсионалӣ ва такмили инфрасохтори бозорҳои молиявӣ боқӣ мемонад. Ба даст овардани рушди устувори иқтисодӣ дар шароити муосир такмили пайвастаи низоми мазкурро тақозо менамояд. Ҳамин тавр, дар асоси тадқиқот маълум гардид, ки танзими молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳоли таҳаввул қарор дорад, аммо рушди устувори иқтисодӣ талошҳои бештарро ҷиҳати такмили заминаи ҳуқуқӣ ва татбиқи стандартҳои байналмилалӣ тақозо мекунад.

2.2. Арзёбии самаранокии механизмҳо ва фишангҳои танзими молиявии рушди иқтисодиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми танзими давлатии молиявӣ аз маҷмаи шаклҳо, механизмҳо ва воситаҳои гуногуни таъсиррасон иборат аст, ки тавассути онҳо давлат ба иқтисодиёти миллӣ таъсир мерасонад. Дар баробари ин, онро муътадил гардонда, рушди устуворро таъмин менамояд.

Мавриди зикр аст, ки «асосҳои танзими молиявӣ усулҳо ва механизмҳое мебошанд, ки мақомоти давлатӣ, бонкҳои марказӣ ва дигар муассисаҳои молиявӣ бо мақсади таъсир расонидан ба иқтисодиёт, ба эътидол овардани бозорҳои молиявӣ, идоракунии ҳаҷми пул ва нигоҳ доштани фаъолияти иқтисодӣ истифода мебаранд. Зарурати дахолати давлат ба иқтисодиёт бо мақсади танзими он бо ҳалли масъалаҳои вобаста ба қонеъ гардонидани талаботи ҷомеа,

дастгирии самтҳои афзалиятноки рушди иқтисодиёт, такмил ва васеъ намудани иншооти инфрасохтори истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ мебошад»[24].

Бесабаб нест, ки дар кишварҳои дорои сатҳи баланди рушди иқтисодӣ механизмҳои танзими давлатии молиявӣ дар идоракунии истеҳсолот ва фаъолияти иқтисодӣ ба таври васеъ татбиқ мегарданд. Дар ин ҳошия, зикр намудан ба маврид аст, ки усулҳо, воситаҳо ва фишангҳои танзими молиявии давлатӣ то имрӯз пурра тадқиқ карда нашудаанд, аз ин ҷост, ки бисёр вазифаҳои ҳалнашуда вобаста ба дахолат ба иқтисодиёти давлат мавҷуданд. Дар шароити муосир танзими давлатии молиявӣ ҳамчун ҷузъи муҳимми сиёсати иқтисодии давлат дар ташаккул ва такмили сохтори иқтисодии ҷомеа нақши муҳим мебозад. Самт ва хусусияти чунин танзим пеш аз ҳама аз афзалиятҳои сиёсати иқтисодии интихобнамудаи давлат вобаста буда, тавассути маҷмуи воситаҳо ва механизмҳои молиявӣ амалӣ мегардад. Дар ин замина, низоми молияи давлатӣ яке аз фишангҳои асосии танзими молиявӣ ба ҳисоб рафта, тавассути ташаккул, тақсим ва истифодаи захираҳои молиявии давлатӣ ба равандҳои иқтисодию иҷтимоӣ таъсири назаррас мерасонад. Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2011, № 6, мод. 436; соли 2013, № 3, мод. 189, № 11, мод. 784; соли 2016, № 5, мод. 367) шарҳи мафҳуми низоми молияи давлатӣ чунин оварда шудааст: «...низоми молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон - доираи муайяни муносибатҳои молиявӣ, ки дар раванди онҳо маблағҳои пулӣ ташаккул меёбанд ва истифода бурда мешаванд. Низоми молияи давлатӣ шакл ва усулҳои ташаккул, тақсимот ва истифодаи маблағҳои пулии давлатиро муайян менамояд»[6, с.1]. Бинобар ин, раванди танзими давлатии молиявӣ дар маҷмуъ тавассути фаъолияти низоми молиявии кишвар амалӣ карда мешавад (ниг. ба расми 2.1).



Расми 2.1. – **Механизми фаъолияти низоми молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**


Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти омӯхташудаи зерин [4], [10], [13], [15], [16], [36], [90], [91], [92]

Низоми молиявӣ ин маҷмуи институтҳо, бозорҳо ва механизмҳое мебошад, ки идоракунии самарабахши гардиши молиявиро таъмин сохта, фаъолияти иқтисодиро дастгирӣ намуда, муомилоти пулро танзим мекунанд. Низоми молиявӣ дар танзими иқтисодиёт, таъмини азнавтақсимкунии самараноки захираҳо, нигоҳ доштани суботи иқтисодӣ ва ҳавасмандгардонии рушд нақши асосиро мебозад.

Ба андешаи мо, низоми молиявии мамлакат тавассути ҳамкории унсурҳои асосии худ, аз ҷумла муассисаҳои бонкӣ, бозорҳои фондӣ, ташкилотҳои суғуртавӣ, низоми буҷетӣ ва андозбандӣ, қарзи давлатӣ, фондҳои мақсадноки давлатӣ, сиёсати сармоягузорӣ ва гумрукӣ, инчунин дигар бахшҳои бозори молиявӣ ба танзим дароварда мешавад. Ҳамзамон, бояд қайд кард, ки низоми молиявӣ барои аз нав тақсим кардани захираҳои молиявӣ дар байни соҳаҳои иқтисодиёт ёрӣ мерасонад. Бозорҳои бонкӣ ва молиявӣ сармояро ба бахшҳои истеҳсолкунанда равона намуда, ба рушди иқтисоди миллӣ, хусусан соҳаи тиҷорат мусоидат мекунанд.

Мавриди зикр аст, ки танзими молиявии давлатиро ба якчанд намуд тақсим кардан мумкин аст, ки ҳар кадоми онҳо ба идоракунии ҷиҳатҳои гуногуни иқтисодиёт ва молия нигаронида шудааст. Танзими давлатии молиявӣ низоми мутақобилан вобастаи самтҳо, усулҳо ва шаклҳои гуногуни таъсиррасонии давлатро ташкил дода, ба таҳкими устувории иқтисодӣ, нигоҳдории тавозуни иҷтимоӣ ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои молиявӣ нигаронида шудааст. Ин самтҳо вобаста ба вазъи иқтисодии мавҷуда, хусусиятҳои рушди миллӣ ва афзалиятҳои сиёсати давлатӣ татбиқ карда мешаванд.

Шаклҳои асосии танзими давлатии молиявӣ дар расми 2.2 инъикос ёфтаанд (ниг. ба расми 2.2.).



Расми 2.2. - Шаклҳои асосии танзими молиявии давлатӣ

Сарчашма: Тибқи адабиёти зерин таҳия шудааст: [67], [71], [72], [78], [89], [135], [136], [138], [161]

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки механизми молиявии давлатӣ яке аз абзорҳои асосии татбиқи таъсиррасонии давлат ба равандҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Дар сохтори ин механизм буҷети давлатӣ мавқеи калидӣ дошта, ҳамчун пояи асосии низоми молияи давлатии ҳар як кишвар баромад мекунад. Буҷети давлатӣ дар низоми молиявии мамлакат ҳамчун воситаи марказонидани захираҳои молиявӣ баромад намуда, тавассути он маблағҳои давлатӣ тибқи самтҳои муайяншуда тақсим ва истифода карда мешаванд. Маҳз бо истифода аз имкониятҳои буҷетӣ давлат метавонад барои татбиқи вазифаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва афзалиятҳои стратегии рушди миллӣ заминаи зарурии молиявӣ фароҳам оварад. Аз ин лиҳоз, аҳаммияти буҷет танҳо бо маблағгузории фаъолияти мақомоти давлатӣ маҳдуд нашуда, он ҳамчун воситаи таъсиррасонӣ ба равандҳои иқтисодӣ, азнавтақсимкунии захираҳо ва таъмини суботи молиявию иқтисодӣ низ хизмат мекунад.

Ҳамчун ҳуҷҷати асосии молиявии давлат, буҷет ҳаҷми даромадҳо ва хароҷоти пешбинишавандаро барои давраи муайян, одатан соли молиявӣ, муайян менамояд. Нишондиҳандаҳои мазкур барои арзёбии имкониятҳои молиявӣ, таҳияи нақшаҳои истифодаи захираҳо, муайян намудани самтҳои муҳимми маблағгузорӣ ва татбиқи самараноки сиёсати молиявии давлат аҳаммияти назаррас доранд. Самаранокии чунин раванд дар он ифода меёбад, ки захираҳои маҳдуди давлатӣ мутобиқи афзалиятҳои рушди иқтисодию иҷтимоӣ истифода гардида, ба ҳалли масъалаҳои муҳимми кишвар равона карда шаванд.

Тибқи назари Акилов А.А.: «...танзими равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар ҷаҳони муоссир аз сабаби номукаммалии механизми бозор зарурати объективӣ мебошад. Давраи ба иқтисоди бозорӣ табдил ёфтани иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бори дигар собит мекунад, ки механизмҳои бозорӣ ба тағйироти муҳити иҷтимоию иқтисодии ҷомеа мустақилона вокуниш нишон дода наметавонанд. Онҳо ба таъсири давлат тавассути воситаҳои танзим ниёз доранд. Бешубҳа, самараноктарин воситаи танзимкунанда, ки давлат метавонад онро истифода барад, сиёсати молиявӣ мебошад. Дар ин замина, сиёсати буҷетӣ ва андоз қисми ҷудонашавандаи сиёсати молиявии давлат буда, яке аз фишангҳои асосии танзими молиявӣ ба шумор меравад. Таҷрибаи кишварҳои мутараққӣ имкониятҳои васеи сиёсати буҷетӣ ва андозро дар робита ба таъсиррасонӣ ба равандҳои иҷтимоию иқтисодии ҷомеа нишон медиҳад»[55].

Дар баробари ин, буҷети давлатӣ якчанд вазифаҳои асосиро иҷро мекунад, «аз ҷумла:

- **вазифаи тақсимот.** Буҷет захираҳои молиявиро байни бахшҳои гуногуни иқтисодиёт, минтақаҳо ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ аз нав тақсим мекунад.

- **вазифаи танзимкунанда.** Ба воситаи танзими буҷет давлат ба иқтисодиёт таъсир расонида, мувозинати онро нигоҳ медорад.

- **вазифаи назорат.** Буҷет ҳамчун воситаи назорати равандҳои иқтисодӣ дар кишвар хизмат мекунад. Он барои назорати самаранокии сарфи маблағҳо, пешгирӣ кардани сӯиистеъмол ва камбудиҳои низоми молиявӣ ёрӣ мерасонад. Назорати буҷет, инчунин ба таъмини шаффофият ва ҳисоботдиҳии давлат дар назди ҷомеа мусоидат мекунад.

- **вазифаи устуворгардонӣ.** Буҷети давлатӣ дар муътадилсозии иқтисодиёт нақши муҳим дорад. Ин раванд тавассути истифодаи сиёсати фискалӣ барои мувозинати тамоюлҳои иқтисодӣ, ба монанди болоравии даврӣ дар иқтисодиёт ба даст меояд»[39].

Аз ин нуқтаи назар, идоракунии босамар ва танзими дурусти буҷети давлатӣ дар таҳкими низоми молиявӣ ва нигоҳдории устуворii иқтисодии кишвар нақши муҳим дошта, яке аз омилҳои асосии рушди он ба ҳисоб меравад. Тавассути сиёсати дурусти буҷетӣ давлат метавонад захираҳои молиявиро ба самтҳои афзалиятнок равона намуда, ба равандҳои макроиқтисодӣ таъсири зарурӣ расонад. Дар баробари ин, идоракунии оқилонаи молияи давлатӣ барои таҳкими эътимоди сармоягузорон, нигоҳдории суботи бозорҳои молиявӣ ва фароҳам овардани заминаҳои мусоид барои беҳтар гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат менамояд. Аз ин рӯ, такмили механизмҳои идоракунии буҷет ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои давлатӣ яке аз шартҳои муҳимми рушди устувори иқтисоди миллӣ мебошад. Муҳим он аст, ки танзими буҷетӣ бо назардошти тағйироти вазъи иқтисодӣ ва омилҳои беруна мутобиқ бошад.

Вобаста ба ин, яке аз масъалаҳои муҳим ин танзими даромадҳои буҷети давлатӣ мебошад. Танзими даромадҳои буҷети давлатӣ ин раванди идоракунии манбаъҳо ва ҳаҷми даромадҳо ба буҷети давлатӣ мебошад. Дар баробари ин, танзими даромадҳои давлатӣ танҳо бо ҷамъоварии самараноки андоз маҳдуд намешавад. Он, инчунин татбиқи чораҳоеро дар бар мегирад, ки ба рушди фаъолияти иқтисодӣ, коҳиш додани ҳолатҳои саркашӣ аз пардохти андоз ва ташкили низоми

устувори идоракунии қарзи давлатӣ равона шудаанд. Амалӣ гардидани чунин тадбирҳо баҳри таҳкими устувории молиявӣ ва таъмини рушди муназзами иқтисоди миллӣ заминаи мусоид фароҳам меорад.

Аз ин рӯ, такмили низоми танзими даромадҳои буҷети давлатӣ ҳамчун яке аз омилҳои муҳимми рушди молияи давлатӣ арзёбӣ мегардад. Самтҳои асосие, ки такмили танзими даромадро беҳтар менамоянд, пеш аз ҳама инҳо мебошанд:

- коҳиш додани монеаҳои маъмурӣ нисбат ба соҳибкорон ва беҳтар намудани фаҳмиши талаботи андоз барои андозсупорандагон;

- баланд бардоштани шаффофияти даромадҳои андоз тавассути ҷорӣ намудани низомҳои электронӣ ва баланд бардоштани назорат аз болои риояи қонунгузории андоз;

- рақамикунонии минбаъдаи маъмурикунонии андоз тавассути истифодаи эъломияҳои электронӣ, низоми пардохти рақамии андозҳо ва воситаҳои автоматиконидашудаи назорат, ки ба баланд бардоштани самаранокии ҷамъоварии андозҳо, коҳиш додани хароҷоти маъмурӣ ва маҳдуд намудани ҳолатҳои саркашӣ аз иҷрои уҳдадориҳои андозӣ мусоидат менамояд;

- рушди иқтидори касбии кормандони мақомоти андоз ва такмили ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ бо мақсади баланд бардоштани сифати баҳисобгирии андоз ва назорати ҷамъоварии саривақтии андозҳо;

- коҳиш додани хавфҳои сармоягузорӣ ва содагардонии расмиёти маъмурию ҳуқуқӣ барои сармоягузорони хориҷӣ тавассути фароҳам овардани имтиёзҳои андозӣ, рушди инфрасохтори зарурӣ ва таҳкими кафолатҳои ҳуқуқӣ;

- такмил додани заминаҳои институтсионалӣ ва механизмҳои идоракунии буҷет бо мақсади баланд бардоштани сифати идоракунии молияи давлатӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди устувори иқтисодӣ ва таҳкими суботи иҷтимоӣ;

- диверсификатсияи сарчашмаҳои даромад, истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ва гузаронидани ислоҳоти институтсионалӣ ҳамчун самтҳои калидии баланд бардоштани устуворӣ ва самаранокии низоми танзими давлатии даромадҳои буҷетӣ.

Дар баробари ин, танзими хароҷоти буҷети давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҷузъи муҳимми сиёсати фискалӣ ба ҳисоб рафта, дар таъмини амнияти рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакат нақши муҳим дорад. Самаранокии ин раванд аз татбиқи маҷмуи механизмҳои ташкилӣ, иқтисодӣ ва молиявӣ вобаста буда, онҳо барои нигоҳ доштани мувозинати буҷет, баланд бардоштани натиҷабахшии хароҷоти давлатӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои молиявӣ равона гардидаанд.

Ба андешаи мо, танзими хароҷоти буҷети давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон василаи муҳимми таъмини суботи иқтисодӣ ва рушди иҷтимоӣ мебошад. Бо вуҷуди мавҷудияти як қатор мушкилот, аз ҷумла маҳдуд будани имкониятҳои молиявӣ, вобастагии муайян аз сарчашмаҳои берунаи маблағгузорӣ ва зарурати баланд бардоштани самаранокии истифодаи маблағҳои давлатӣ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди такмили низоми идоракунии молияи давлатӣ пайваста идома дорад. Истифодаи механизмҳои қатъии назорат, такмили банақшагирии хароҷот ва ҳамкорӣ бо шарикони байналмилалӣ метавонад самаранокии танзими буҷетиро ба таври назаррас беҳтар созад. Такмили механизмҳои идоракунӣ ва танзими хароҷоти буҷети давлатӣ пеш аз ҳама ба истифодаи самаранок ва мақсадноки захираҳои буҷетӣ равона гардида, барои таҳкими устувории иқтисодӣ ва таъмини суботи иҷтимоӣ заминаи мусоид фароҳам меорад.

Ба андешаи мо, самтҳои афзалиятноки такмили низоми идоракунӣ ва танзими хароҷоти буҷети давлатӣ аз инҳо иборат мебошанд:

- тақсим ва равона намудани захираҳои молиявии давлатӣ мутобиқи афзалиятҳои сиёсати иқтисодию иҷтимоӣ ва вазифаҳои стратегии рушди миллӣ;

- таҳияи барномаҳои буҷетии миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат бо пешбинӣ намудани мониторинги мунтазами раванди татбиқ ва арзёбии натиҷаҳои бадастомада, ки барои истифодаи мақсадноки маблағҳои давлатӣ ва пешгирии хароҷоти ғайрисамаранок мусоидат менамояд;

- густариши усули барномавию мақсадноки банақшагирии буҷет, ки дар доираи он тақсимоти маблағҳо на танҳо аз рӯи намудҳои хароҷот, балки бо дарназардошти ҳадафҳои муайян, натиҷаҳои пешбинишуда ва вазифаҳои мушаххаси сиёсати давлатӣ амалӣ карда мешавад.

- таҳкими низоми назорати дохилии молиявӣ бо мақсади таъмини истифодаи мақсаднок ва самарабахши маблағҳои буҷетӣ, инчунин баланд бардоштани масъулиятнокӣ дар идоракунии захираҳои давлатӣ;

- ҷалби ташкилотҳои аудитории мустақил бо мақсади гузаронидани аудити мунтазами хароҷоти буҷет, ки сатҳи баланди шаффофият ва ҳисоботдиҳиро таъмин менамояд;

- татбиқи низомҳои электронии пайгирии хароҷоти маблағҳо бо мақсади коҳиш додани амалҳои коррупсионӣ ва беҳтар намудани назорат;

- татбиқи платформаҳо ва технологияҳои муосири иттилоотӣ барои автоматикунонии баҳисобгирии муҳосибӣ ва банақшагирии буҷет, ки ба баланд бардоштани эътимоднокии маълумоти молиявӣ, шаффофияти равандҳои буҷетӣ ва коҳиши хароҷоти маъмурӣ мусоидат менамоянд;

- баланд бардоштани сатҳи тахассуси хизматчиёни давлатӣ ва ташкили низоми устувори захираи кадрии касбӣ ҷиҳати тақвияти идоракунии самараноки маблағҳои буҷетӣ ва баланд бардоштани сифати иҷрои вазифаҳои молиявӣ;

- муқаррар намудани нақшаҳои аниқи истифодаи маблағҳои буҷетӣ барои якчанд соли оянда бо назардошти ҳамаи хавфу хатарҳои эҳтимолӣ ва ҳолатҳои ғайричашмдошт;

- татбиқи раванде, ки дар он хароҷоти буҷет на танҳо нишондиҳандаҳои молиявиро ба назар мегирад, балки ба натиҷаҳои воқеии тадбиқи барномаҳо ва лоиҳаҳо баҳо медиҳад.

Баланд бардоштани самаранокии танзими хароҷоти давлатӣ муносибати маҷмуиро тақозо мекунад, ки тадбирҳои дохилӣ ва беруниро дар бар мегирад ва ба кам кардани омилҳои коррупсиониву такмили танзим нигаронида шудаанд.

Танзими давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муътадил гардонидан ва рушди иқтисодиёт нақши муассир мебозад. Самаранокии ин воситаҳо аз мувофиқати онҳо бо ҳадафҳои иқтисодии кишвар, инчунин аз қобилияти ҳукумат барои мутобиқ кардани сиёсатҳо дар посух ба мушкилоти дохилӣ ва хориҷӣ вобаста аст.

«Бо назардошти равандҳои ҷаҳонишавӣ ва тағйироти босуръати вазъи иқтисодии ҷаҳон аҳаммияти ин масъала рӯз аз рӯз бештар гардида, ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати молиявӣ табдил меёбад.

Бо дарназардошти аҳаммияти буҷет дар низоми танзими молиявии давлатӣ, самтҳои афзалиятноки такмили механизми танзими буҷет дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро метавон ба таври зайл муайян намуд:

- баланд бардоштани шаффофият ва ошкорбаёнии раванди буҷет;

- васеъ намудани дастрасии аҳолӣ ба маълумотҳои омории буҷет;

- содасозии таснифи буҷет;

- татбиқи низомҳои электронии идоракунии маълумоти буҷет;

- тақвият додани масъулияти мақомоти давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои иҷрои буҷет;

- ҷорӣ намудани низоми нишондиҳандаҳои самарабахшии хароҷоти буҷет;

- кор карда баромадани механизмҳои ҷавобгарии моддӣ барои истифодаи бесамари маблағҳои буҷетӣ;

- такмили низоми назорати иҷрои буҷет;

- таҳияи усули барномавии буҷети мақсаднок;

- ташаккул додани буҷет аз рӯи барномаҳои лоиҳаҳои мушаххас;

- арзёбии самаранокии барномаҳои буҷетӣ дар ноил шудан ба ҳадафҳои муқарраршуда;

- тақвият додани муносибатҳои байнибуҷетӣ;

- муносибгардонии низомҳои интиқоли байнибуҷетӣ;

- содасозии қонунгузории андоз;

- кам кардани бори андоз ба фаъолияти соҳибкорӣ.

Бояд қайд кард, ки дар солҳои охир Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри беҳтар намудани раванди буҷетӣ ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи маблағҳои давлатӣ тадбирҳои гуногун андешида истодааст. Дар ин росто такмилот ҳам механизмҳои дохилии банақшагирӣ ва иҷрои буҷет ва ҳам ҳамкории мутақобила бо ниҳодҳои молиявии байналмилалӣ ҷанбаҳои муҳимро дар бар мегиранд»[39]. Ҷумҳурии Тоҷикистон барои такмили методологияи банақшагирии буҷет чораҳои заруриро роҳандозӣ карда истодааст. Ҳадафи асосӣ ин пешниҳоди пешгӯиҳои дақиқ ва воқеии даромад ва хароҷот дар асоси вазъи макроиқтисодӣ ва тамоюлҳои кунунии иқтисодӣ мебошад. Яке аз самтҳои муҳим дар ин самт такмил додани танзими хароҷот мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати пурзӯр намудани мониторинг усулу воситаҳои нав таҳия карда мешаванд, аз ҷумла:

- фароҳам овардани низоми боз ҳам шаффофи иҷрои буҷет тавассути тақвияти воситаҳои назорати молиявӣ дар ҳамаи сатҳҳои идоракунии давлатӣ;

- ба роҳ мондани истифодаи технологияҳои рақамӣ бо мақсади назорати мунтазами хароҷоти давлатӣ дар реҷаи вақти воқеӣ, ки имкони ошкорсозии саривақтӣ ва пешгирии истифодаи ғайримақсадноки маблағҳои буҷетиро зиёд менамояд.

Ҳамзамон, Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар қатори кишварҳои рӯ ба рушд бо масъалаи идоракунии ҳаҷми қарзи давлатӣ, ҳам дар шакли беруна ва ҳам дохилӣ, рӯбарӯ мебошад. Қарзи давлатӣ ҳамчун яке аз

абзорҳои сиёсати молиявӣ метавонад дар танзими равандҳои иқтисодӣ нақши муҳим дошта бошад. Ҳукумати кишвар барои идоракунии қарзи давлатӣ таҳияи стратегияи самаранокии идоракунии қарз бо мақсади кам кардани гаронии қарзи давлатӣ ба буҷет ва баланд бардоштани интизоми молиявӣ дар раванди қарзгирии маблағҳо, ки хавфи буҳрони қарзиро кам мекунад, дар мадди назар дорад.

Дар баробари ин, яке аз масъалаҳои муҳимми такмили танзими буҷетӣ ин такмили низоми андоз мебошад. Дар низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати андозӣ ҳамчун яке аз воситаҳои асосии танзими иқтисодӣ баромад намуда, ба таҳкими суботи макроиқтисодӣ, рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва таъмини маблағгузории самтҳои иҷтимоӣ мусоидат мекунад. Бо мақсади мутобиқ намудани низоми андозбандӣ ба талаботи иқтисодиёти муосир дар солҳои охир як қатор тадбирҳои ислоҳотӣ роҳандозӣ гардидаанд. Ин тадбирҳо, пеш аз ҳама, ба такмили маъмурикунонии андоз, коҳиш додани мураккабии расмиёти андозсупорӣ, истифодаи технологияҳои рақамӣ ва баланд бардоштани самаранокии ҷамъоварии пардохтҳои андозӣ нигаронида шудаанд. Яке аз ҳадафҳои муҳимми ин самт ин эҷод намудани низоми нисбатан муассири андоз мебошад, ки шаффоф ва ба беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ мусоидат менамояд.

Ин имконият медиҳад, ки сармоягузор ба тараққиёти соҳаҳои нави иқтисодиёт ҳавасманд гардад. Инчунин, Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшиш мекунад, ки низоми электронии андозбандиро ҷорӣ намояд ва ин метавонад самаранокии ҷамъоварии андозҳоро беҳтар созад. Бо мақсади такмили низоми андозбандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқи як қатор тадбирҳои самарабахш аҳаммияти муҳим доранд. Дар ин замина, самтҳои афзалиятноки такмили сиёсати андозиро рушди маъмурикунонии андоз, рақамикунонии назорат ва баҳисобгирии уҳдадориҳои андозсупорандагон, густариши доираи андозбандӣ ва зиёд намудани гуногунии манбаъҳои даромади буҷетӣ ташкил медиҳанд.

Ҳамзамон, коҳиш додани саҳми маблағгузории хориҷӣ, аз ҷумла қарзҳои беруна ва кумакҳои байналмилалӣ, метавонад барои баланд бардоштани мустақилияти молиявии давлат ва таҳкими устувории буҷетӣ заминаи мусоид фароҳам оварад.

Ҳадафҳои меҳварии танзими давлатии молиявӣ нигоҳдорӣ ва таҳкими суботи макроиқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Ин раванд тавассути идоракунии самараноки буҷети давлатӣ, назорати таваррум, танзими қурби асъор ва фоизҳо ба даст меояд. Истифодаи дурусти сиёсати фискалӣ ва пулию қарзӣ ба давлат имкон медиҳад, то буҳронҳои иқтисодӣ пешгирӣ карда шаванд. Давлат рушди иқтисодиро тавассути танзими молиявӣ, аз ҷумла тавассути сиёсати андоз, хароҷоти давлатӣ, субсидияҳо ва грантҳо ҳавасманд мекунад. Масалан, «...дар замони буҳрон давлат метавонад хароҷоти худро барои лоиҳаҳои инфрасохторӣ афзоиш диҳад, ки боиси таъсиси ҷойҳои корӣ ва ҳавасмандии фаъолияти иқтисодӣ мегардад»[59, с.9]. Инчунин, имтиёзҳои андоз ва дастгирии сармоягузории хусусӣ ба рушди соҳибкории хурду миёна мусоидат намуда, дар навбати худ иқтисодро таҳким мебахшад. Яке аз фишангҳои дигаре, ки танзими молиявиро ба роҳ мемонад, ин сиёсати пулию қарзӣ ба шумор меравад. Дар шароити танзими молиявӣ сиёсати пулию қарзӣ нақши марказӣ дорад, зеро он ба пардохтпазирӣ дар иқтисодиёт, сатҳи фоизҳо, ҳаҷми сармоягузорӣ ва истеъмол бевосита таъсир мерасонад. «Сиёсати пулию қарзӣ маҷмуи тадбирҳои бонки марказӣ мебошад, ки ба танзими ҳаҷми пул ва меъёрҳои фоизӣ бо мақсади ноил шудан ба ҳадафҳои макроиқтисодӣ, яъне устувории нархҳо (назорати таваррум), рушди устувори иқтисодӣ, устувории низоми молиявӣ нигаронида шудаанд»[35]. Сиёсати пулию қарзӣ ба пардохтпазирии низоми бонкӣ ва устувории муассисаҳои молиявӣ таъсир мерасонад. Масалан, дар ҳолати буҳрон бонки марказӣ метавонад меъёрҳоро паст кунад ва пардохтпазириро таъмин сохта, низоми молиявиро дастгирӣ намояд. Дар

ин раванд бояд қайд кард, ки меъёри бозтамвил ҳамчун омили асосии танзимкунанда дар бахши молиявӣ боқи мемонад.

Меъёри бозтамвил ин фоизи қарзи бонки марказӣ мебошад, ки ба бонкҳои тиҷоратӣ пешниҳод менамояд. Он муҳимтарин тавсифи сиёсати пулию қарзӣ буда, ба низоми молиявии кишвар таъсири амиқ мерасонад. Бо тағйир додани ин қурб бонки марказӣ арзиши қарзгирӣ, сатҳи таваррум, қурби пули миллӣ ва фаъолияти умумии иқтисодиро танзим мекунад. Тағйирёбии меъёри бозтамвил бевосита ба пардохтпазирии бонкҳо таъсир мерасонад. Бо баланд шудани он арзиши қарзҳо афзоиш меёбанд, ки ин миқдори қарзро коҳиш медиҳад. Вақте он коҳиш меёбад, баръакс, бонкҳо метавонанд ба иқтисодиёт фаъолтар қарз диҳанд.

Тавре ки академик Қаюмов Н.К. қайд менамояд «…Бонки миллӣ сиёсати пулию қарзиро пеш мебарад ва воситаи асосии ин сиёсат меъёри бозтамвил мебошад. Аслан, меъёри бозтамвил воситаи асосии танзими бахши молиявӣ мебошад, зеро паст кардани ин меъёр фоизи бонкҳоро коҳиш медиҳад ва ба ин васила рушди иқтисодро ҳавасманд мекунад»[81].

Меъёри бозтамвил яке аз шаклҳо ва ё воситаҳои пурқуввати танзими бахши молиявӣ мебошад. Тавре маълум гардид, сиёсати пулию қарзӣ ҳамчун фишанги асосӣ ин унсури асосии танзими молиявӣ мебошад, ки бидуни он рушди устувори иқтисодиро таъмин кардан ғайриимкон аст. Самаранокӣ ва чандирии бонки марказӣ на танҳо сатҳи таваррум, балки вазъи умумии низоми молиявиро низ муайян мекунад.

Дар баробари дигар «шаклҳои танзими давлатӣ, танзими сармоягузорӣ низ ҳамчун яке аз абзорҳои муҳимми таъсиррасонӣ ба рушди иқтисодиёт арзёбӣ мегардад, зеро он ба фароҳам овардани шароит барои ҷалби сармоя, ҳавасмандгардонии афзоиши ҳосилнокӣ, такмили инфрасохтор ва мусоидат ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ мусоидат мекунад. Дар шароити муосир, бахусус дар кишварҳои дорои иқтисоди рӯ ба тараққӣ, ба мисли Ҷумҳурии Тоҷикистон танзими

самараноки сармоягузорӣ аҳаммияти хеле хос дорад» [107, с.201]. Пеш аз ҳама, танзими сармоягузорӣ ба фароҳам овардани шароити мусоиду муносиб барои сармоягузорони хориҷӣ нигаронида шудааст. Ин махсусан барои кишварҳои рӯ ба тараққӣ хело муҳим аст. Танзими сармоягузорӣ, аз ҷумла «имтиёзҳои андоз, кам кардани монеаҳо дар пешбурди соҳибкорӣ ва санадҳои содагардонидашудаи бақайдгирӣ ва иҷозатдиҳӣ ба ҷалби сармоя ва технологияи зарурӣ мусоидат мекунад, ки рушди иқтисод ва баланд бардоштани рақобатпазирии кишварро таъмин мекунад. Танзими муассир низ ба рушди бозори дохилии сармоя таъсири мусбат расонда, барои соҳибкорони маҳаллӣ имконият фароҳам меорад»[69]. Ин раванд ҳамчун яке аз омилҳои муҳимми рушди соҳибкории рақобатпазир, баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои молиявӣ ва фароҳамсозии имкониятҳои мусоид барои густариши фаъолияти соҳибкории хурд ва миёна баромад мекунад. Ҳамзамон, «ҷалби сармоя ба лоиҳаҳои инфрасохторӣ (кишоварзӣ, саноат, энергетика, нақлиёту коммуникатсия ва ғайра) барои кишвар аҳаммияти калон доранд. Қоидаҳои хуб тарҳрезишудаи сармоягузорӣ метавонанд иҷрои лоиҳаҳои бузурги инфрасохторро суръат бахшанд, ки дар навбати худ, самаранокии дигар бахшҳои иқтисодиётро беҳтар мекунад»[141, с.153-154]. Танзими самараноки фаъолияти сармоягузорӣ барои таъмини рушди устувори иқтисодиёт шароити мусоид фароҳам оварда, ба ташаккули муҳити устувор, шаффоф ва пешбинишаванда барои фаъолияти соҳибкорӣ мусоидат менамояд. Сармоягузориҳои ҷалбшуда ба навсозии истеҳсолот, бештр дар амал татбиқи технологияҳои замонавӣ ва беҳтар намудани вазъи самаранокӣ мусоидат мекунанд. Кишварҳое, ки фазои сармоягузории худро фаъолона танзим мекунанд, метавонанд ба иқтисоди байналмилалӣ ба осонӣ ворид шаванд.

Яке аз омилҳои калидии самаранокии танзими сармоягузорӣ ташаккули заминаи устувор ва мукаммали ҳуқуқӣ мебошад. Фароҳам будани чунин шароит ба ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои сармоягузорон,

баланд бардоштани устуворӣ ва пешгӯишавандагии муҳити соҳибкорӣ ва коҳиш ёфтани хавфҳои вобаста ба сармоягузорӣ мусоидат карда, дар навбати худ барои ҷалби сармояи бештар ва густариши фаъолияти иқтисодӣ имкониятҳои мусоид фароҳам месозад. Пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ ва дигар имтиёзҳо ба сармоягузорон имкон медиҳанд, ки барои сармоягузорӣ дар соҳаҳои алоҳида ё минтақаҳо шароити ҷолиб фароҳам меоранд. Дар шароити рақобати ҷаҳонӣ барои захираҳо ва сармоя танзими самараноки сармоягузорӣ ба ҷузъи ҷудонашавандаи иқтисоди миллӣ, бахусус барои кишварҳои рушдёбанда табдил меёбад. Вобаста ба ин, нақши танзими давлатии молиявӣ, инчунин назорати фаъолияти муассисаҳои молиявӣ, аз қабили бонкҳо, ширкатҳои суғуртавӣ ва фондҳои нафақаро дар бар мегирад. Дар маҷмуъ, танзими давлатии молиявӣ муҳимтарин воситаи таъмини суботи иқтисодӣ, адолати иҷтимоӣ ва рушди иқтисодӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, низоми молиявӣ воситаи ҷудонашавандаи рушди устувори иқтисодӣ, мувозинати талаботу пешниҳод ва нигоҳ доштани суботи иқтисодии кишвар мебошад. Дар ин замина, бояд зикр намуд, ки шаклҳо ва фишангҳои асосии молиявӣ метавонанд таъсири мусбати худро барои рушди устувори иқтисоди миллӣ расонанд. Ҳамзамон танзими давлатии молиявӣ воситаи муҳимтарини идоракунии иқтисодиёт буда, мувозинати байни хароҷоти давлат, даромадҳои андоз ва муомилоти пулро таъмин менамояд. Ин ба мо имконият медиҳад, ки рушди устувори иқтисодиро таъмин кунем, кафолатҳои иҷтимоиро нигоҳ дорем ва хатарҳои иқтисодиро кам кунем.

2.3. Мониторинг ва арзёбии институтсионалии танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Танзими молиявӣ ҳамчун низоми чораҳо ва механизмҳои давлатии таъсиррасонӣ ба муносибатҳои молиявӣ баромад намуда, ба таъмини суботи макроиқтисодӣ, истифодаи самараноки захираҳо ва

фароҳам овардани заминаҳои рушди устувори иқтисодӣ равона карда мешавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танзими мазкур ҳамчун ҷузъи муҳимми сиёсати иқтисодии давлатӣ ба ҳисоб рафта, татбиқи он ба самтҳои ташаккули даромадҳои буҷетӣ, таъмини устувории нархҳо ва қурби пули миллӣ ва фароҳамсозии заминаҳои мусоид барои фаъолияти сармоягузорӣ равона шудааст. Аз ин лиҳоз, самаранокии танзими молиявӣ яке аз шартҳои муҳимми таҳкими устувории иқтисодӣ ва рушди дарозмуддати иқтисоди миллӣ ба ҳисоб меравад. Истифодаи самараноки механизмҳои молиявӣ ба давлат имкон медиҳад, ки мувозинати иқтисодиро таъмин намуда, барои рушди минбаъдаи фаъолияти иқтисодӣ шароити мусоид фароҳам оварад. Дар шароити дигаргунсозиҳои иқтисодиёт гузариш ба муносибатҳои бозорӣ ва чолишҳои иқтисодии хориҷӣ сиёсати самарабахши молиявӣ ба воситаи муҳимми таъмини амнияти иқтисодӣ ва рушди устувор табдил меёбад. Дар шароити ҷаҳонишавии ҷараёнҳои молиявӣ рушди институтҳои муосири танзими молиявӣ як ҷузъи муҳимми сиёсати иқтисодӣ мегардад. Дар даҳсолаҳои охир, бисёре аз кишварҳо, бо буҳрони молиявӣ, ки аз танзими бесамар, институтҳои заиф ва сатҳи пасти саводнокии молиявӣ ба вуҷуд омадаанд, рӯ ба рӯ шуданд. Механизмҳои институтсионалӣ, аз қабили бонки марказӣ, вазорати молия, мақомоти назоратӣ ва дигар ниҳодҳои давлатӣ дар кам кардани хатарҳои буҳрони молиявӣ нақши калидӣ доранд. Ҳамзамон, дар шароити ҳамгироии иқтисодӣ ва ворид шудан ба бозорҳои байналмилалии сармоя Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зарурати мутобиқгардонии қонунгузории миллӣ бо стандартҳои байналмилалии танзими молиявӣ вобастагӣ дорад. Ин таҳияи ниҳодҳои муоссир ва шаффофро тақозо мекунад, ки қодир ба таъмини риояи меъёрҳои байналмилалиро доранд. Дар солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳи афзоянда ба технологияҳои нави молиявӣ (fintech), аз қабили асъорҳои рақамӣ, блокчейн ва пардохтҳои мобилӣ мушоҳида мешавад. Барои дуруст ба танзим даровардани ин


тавсифҳои нав ва пешгирии хатарҳои эҳтимолӣ сохторҳо ва механизмҳои институтсионалӣ, ки метавонанд ин равандҳоро самаранок назорат ва танзим кунанд, таъсис ва такмил додан лозим аст. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷузъи низоми иқтисодии минтақавӣ буда, бахши молиявии он ба таъсири омилҳои беруна, аз қабили тағйирёбии нархи молҳои ҷаҳонӣ, тағйирот дар иқтисоди ҷаҳонӣ ва буҳронҳои молиявии байналмилалӣ дучор мегардад. Дар чунин шароит аҳаммияти механизмҳои қавии институтсионалӣ, ки ба чолишҳои беруна самаранок вокуниш нишон дода метавонанд, меафзояд. Дар баробари ин танзими самараноки молиявӣ ба баланд бардоштани сифати идоракунии давлатӣ бевосита алоқаманд аст. Рушд ва таҳкими сохтори институтсионалии танзими молиявӣ ба мубориза бо коррупсия, баланд бардоштани шаффофияти муомилоти молиявӣ ва фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, таҳлили асосҳои институтсионалии танзими молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти хосса дорад, зеро он барои муайян намудани имкониятҳо ва мушкилоти низоми амалкунанда мусоидат менамояд. Маврид ба зикр аст, ки солҳои охир иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зарурати навсозӣ ва таҳкими институтҳои молиявӣ дучор шудааст. Бинобар ин, ташаккули низоми мукаммал ва чандири танзими молиявӣ зарур мебошад, ки тавонад ба тағйироти муҳити беруна сари вақт вокуниш нишон дода, устувории иқтисоди миллиро таъмин намояд. Дар кишвар мушкилоти дастрасии маблағгузорӣ барои соҳибкории хурду миёна, сармояи нокифояи бонкҳо, инчунин мушкилот дар идоракунии қарзи давлатӣ ва низоми андоз то андозае идома дорад. Ҳалли ин мушкилот беҳтар намудани фазои институтсионалӣ ва ташаккули институтҳои молиявии муассирро тақозо мекунад. Ҷанбаи муҳим такмили мақомоти танзими молиявӣ, аз қабили бонки марказӣ, Вазорати молия, инчунин татбиқи стандартҳои байналмилалии танзими молиявӣ мебошад. Рушд ва дастгирии мустақилияти ин ниҳодҳо сатҳи баланди эътимодро ба низоми

молиявӣ таъмин мекунад. Дар солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ислоҳоти низоми молиявӣ, аз ҷумла низоми андоз, бахши бонкӣ, мубориза бо фасод, беҳбуди фазои соҳибкорӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ тадбирҳо андешида шуданд. Муваффақияти ин ислоҳот бевосита ба такмили ҷанбаҳои институтсионалии танзими молиявӣ вобаста аст. Низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба бозорҳои молиявии ҷаҳонӣ ҳамгиро шуда истодааст, ки мутобиқати стандартҳои байналмилалӣ ва таҷрибаи пешқадамро тақозо мекунад.

Тағйироти баамаломада зарурати такмили минбаъдаи заминаи ҳуқуқӣ ва низоми институтсионалии соҳаи молияро ба вуҷуд оварда, истифодаи таҷрибаи самараноки кишварҳои дигар ва ба инобат гирифтани тавсияҳои ниҳодҳои байналмилалии молиявӣ, аз ҷумла Хазинаи Байналмилалии Асъор ва Бонки Ҷаҳонӣ, аҳаммияти бештар пайдо мекунад. Дар ин замина, таҳлили хусусиятҳои институтсионалии танзими молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти дигаргуниҳои иқтисодӣ, таъсири равандҳои ҷаҳонӣ ва талаботи баланд бардоштани самаранокии идоракунии молиявӣ аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад.

Тақвияти ин низом метавонад барои таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва мутобиқшавии иқтисоди миллӣ ба шароити нави ҷаҳонӣ заминаи мусоид фароҳам оварад. Бояд қайд кард, ки вазъияти имрӯзаи танзими молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор тағйироти мусбат дорад, вале дар баробари ин, як қатор мушкилотҳое низ ҳастанд, ки барои рушди устувори иқтисодиёт таваҷҷуҳи минбаъдаро тақозо мекунанд.

Солҳои охир дар кишвар ҷиҳати такмили низоми молиявӣ ва танзими он тадбирҳо андешида шуданд, вале баҳри баланд бардоштани самаранокӣ ва устувории бахши молиявӣ боз ҳам корҳои зиёдеро бояд анҷом дод. Фишангҳои асосие, ки танзими молиявӣ тавассути онҳо анҷом дода мешавад, аз инҳо иборат мебошанд (ниг. ба расми 2.3).



Расми 2.3. - Фишангҳои асосии танзими молиявии иқтисодиёт

Сарчашма: Дар асоси маводҳои зерин таҳия гардидааст: [95], [97], [99], [102], [110], [137], [161]

Чуноне ки аз расми 2.3 мушоҳида мешавад, фишангҳои асосии танзими молиявӣ гуногун мебошанд. Яке аз фишангҳои асосие, ки давлат тавассути он бахши молияро танзим менамояд ин сиёсати буҷетӣ (фискалӣ) ба шумор меравад. Ба андешаи мо, сиёсати фискалӣ воситаи калидие мебошад, ки тавассути он давлат иқтисодиётро дар маҷмуъ танзим мекунад. Он хароҷоти давлатӣ ва андозбандиро барои таъсир расонидан ба фаъолияти иқтисодӣ, шуғл, таваррум ва дигар нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ дар бар мегирад. Бо ёрии сиёсати фискалӣ давлат метавонад ба вазъи молиявии кишвар таъсир расонад ва суботи иқтисодиро таъмин намояд.

Вобаста ба ин, бояд қайд кард, ки дар заминаи сиёсати фискалӣ идоракунии касри буҷет хеле муҳим аст. Агар хароҷоти давлат аз даромад зиёд бошад, каср ба вуҷуд меояд, ки онро аз ҳисоби қарзгирӣ (масалан, бо бароришти вомбаргҳои давлатӣ) пӯшондан мумкин аст. Вале, бояд қайд кард, ки мушкилоти қарзӣ зиёд буда, он яке аз хатарҳое мебошад, ки дар сурати назорат ва танзим нашудани таносуби қарз ба рушди устувори ММД метавонад монеъ гардад. Муҳим он аст, ки сиёсати фискалӣ бояд зиддибуҳронӣ бошад. Ҳамин тариқ, сиёсати фискалӣ метавонад механизми муҳимми ба эътидол овардани иқтисодиёт, идоракунии таваррум ва ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ бошад.

Фишанги дигаре, ки дар танзими бахши молия нақши хеле муҳим ва ҳалкунанда дорад ин сиёсати андозӣ ба шумор меравад. Ба ибораи дигар, сиёсати андозбандӣ ҳамчун яке аз абзорҳои калидии танзими молиявӣ баромад намуда, ба давлат имконият медиҳад, ки ба фаъолияти иқтисодӣ таъсир расонида, тақсимоти захираҳо ва азнавтақсимкунии даромадҳоро ба танзим дарорад. Давлат бо ёрии андозҳо на танҳо қисми даромади буҷетро ташкил менамояд, балки ба рафтори субъектҳои иқтисодӣ таъсир расонда, баъзе намудҳои фаъолиятро ҳавасманд ё маҳдуд мекунад.

Тавре ки маълум аст, ҳадафи асосии сиёсати андозӣ ин таъмини даромади буҷети давлат мебошад. Паст кардани меъёри андоз ё додани рухсатии андоз барои бахшҳои алоҳидаи корхонаҳо ва шахсони воқеӣ метавонад ба рушди соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт мусоидат намояд. Он ҳамчунин метавонад василаи ҷалби сармоя ва таъсиси ҷойҳои корӣ бошад. Дар маҷмуъ, сиёсати андоз воситаи муҳимтаринест, ки ба давлат имкон медиҳад на танҳо буҷетро ташкил кунад, балки дар танзими он низ таъсир расонад.

Ба андешаи мо, дар қатори фишангҳои дар боло зикргардида сиёсати пулию қарзӣ низ яке аз фишангҳои ҳалкунанда дар танзими молиявӣ ба шумор меравад.

Сиёсати пулию қарзӣ низоми чораҳо ва воситаҳои танзимкунанда мебошад, ки аз ҷониби бонки марказии давлат барои идоракунии ҳаҷми пул дар муомилот, танзими сатҳи таваррум ва меъёрҳои фоизӣ, инчунин таъсиррасонӣ ба фаъолияти умумии иқтисодӣ истифода мегардад. «Он воситаи асосии танзими молиявӣ буда, ба давлат имкон медиҳад, ки ба нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ таъсир расонад ва устувории низоми молиявиро таъмин намояд. Вобаста ба ин бояд қайд кард, ки сиёсати пулию қарзӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои зерин нигаронида шудааст:

- таъмини устувории нарх (назорати таваррум);
- мусоидат ба рушди иқтисодӣ;
- таъмини шуғли пурмаҳсул;
- устувории пули миллӣ;
- нигоҳ доштани тавозуни мувозинати пардохт ва ғайра.

Дар доираи сиёсати пулию карзӣ давлат пешниҳоди пул ва арзиши қарзгириро дар иқтисодиёт танзим мекунад. Фишангҳои асосии сиёсати пулию қарзӣ, ки бахшҳои молия ба воситаи онҳо танзим карда мешаванд, аз инҳо иборат мебошанд:

- меъёри фоизи асосӣ;

- амалиёт дар бозори озод;
- идоракунии пардохтпазирии низоми бонкӣ;
- меъёрҳои захираҳои ҳатмӣ;
- нигоҳ доштани устувории қурби пули миллӣ;
- тадбирҳо оид ба назорати таваррум»[109].

Тавассути татбиқи самараноки сиёсати пулию қарзӣ имконияти нигоҳдории суботи нархҳо, мувозинати макроиқтисодӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти муассисаҳои молиявӣ таъмин мегардад. Истифодаи дурусти воситаҳои он ба давлат имкон медиҳад, ки равандҳои макроиқтисодиро идора кунад, ба буҳронҳо мутобиқ шавад ва рушди иҷтимоию иқтисодиро таъмин намояд.

Ҳамин тавр, танзими молиявӣ як низоми мураккабест, ки дар он сиёсати пулию қарзӣ, сармоягузории давлатӣ, идоракунии қарз, тадбирҳои гумрукию тарифӣ ва сиёсати андоз ҳамдигарро пурра мекунанд. Истифодаи вобастагии онҳо ба давлат имкон медиҳанд, ки ба равандҳои макроиқтисодӣ самаранок таъсир расонад, рушди устуворро таъмин созад ва манфиатҳои миллиро ҳифз намояд.

Дар низоми танзими молиявии иқтисодиёт, ба андешаи мо, муассисаҳои молиявӣ нақши асосӣ ва ҳалкунандаро мебозанд. Таъсири онҳо дар паҳлуҳои гуногун, яъне аз таъмини пардохтпазирӣ дар иқтисодиёт то иштирок дар ташаккули сиёсати пулию қарзӣ зоҳир мегардад. Ҳамин тавр, дар танзими молиявии иқтисодиёт ниҳодҳои молиявӣ нақши муҳимро доранд. Ба чунин ниҳодҳо бонкҳои марказӣ ва тиҷоратӣ, ширкатҳои суғуртавӣ, фондҳои сармоягузорӣ ва нафақа ва ташкилотҳои маблағгузории хурд дохил мешаванд.

Бонки марказӣ вазифаи асосиро дар танзими сиёсати пулию қарзӣ иҷро, сатҳи таваррумро назорат, меъёрҳои фоизро муқаррар ва устуворii молиявиро назорат мекунад. Бонкҳои тиҷоратӣ дар навбати худ, ба иқтисодиёт қарз медиҳанд, низоми пардохтро дастгирӣ мекунанд ва паёмадҳои сиёсати пулию қарзиро ба бахши воқеӣ интиқол медиҳанд. Фондҳои сармоягузорӣ ва нафақавӣ ба бунёди сармояи дарозмуддат ва дастгирии бозори фондӣ мусоидат мекунанд, дар ҳоле

ки ширкатҳои суғуртавӣ хавфҳои молиявиро тавассути муҳофизат аз рӯйдодҳои ғайричашмдошт идора мекунанд. Ҳамаи ин ниҳодҳо якҷоя ба суботи молиявӣ, рушди устувори иқтисодӣ ва азнавтақсимкунии самараноки захираҳо дар иқтисодиёт мусоидат менамоянд. Дар баробари ин, онҳо бо як қатор мушкилот, аз қабили зарурати баланд бардоштани шаффофият, мубориза бо бонкдории онлайнӣ ва таъмини киберамният дар заминаи рақамисозӣ рӯ ба рӯ ҳастанд. Ҳамин тариқ, ниҳодҳои молиявӣ ҷузъи ҷудонашавандаи низоми танзими иқтисодӣ буда, рушди мутавозин ва устувори онро таъмин мекунанд.

Мусаллам аст, ки БМТ ниҳоди асосии танзим ва назорат дар бахши молиявӣ мебошад. Он барои танзими қурби асъор, назорати низоми бонкӣ ва танзими сиёсати пулию қарзӣ масъул аст. Маврид ба зикр аст, ки БМТ дар танзими молиявии кишвар нақши калидӣ дорад. Вазифаҳои он доираи васеи ҷанбаҳои марбут ба сиёсати пулию қарзӣ, ба эътидол овардани низоми молиявӣ ва таъмини суботи иқтисодиро фаро мегиранд.

Ба андешаи мо, нақши БМТ дар танзими молиявӣ, пеш аз ҳама аз таъмини суботи низоми молиявии кишвар, идоракунии самараноки ҳаҷми пул ва дастгирии рушди иқтисодӣ иборат аст. «Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади назорат кардани таваррум ва нигоҳ доштани суботи нархҳо ҳаҷми пул, фоизҳо (меъёри бозтамвил) ва қурби асъорро танзим мекунад»[161]. БМТ аз болои фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ниҳодҳои молиявӣ назорат мекунад. Он талаботро нисбати сармоя, пардохтпазирӣ ва ҳисоботи молиявӣ барои таъмини устувории онҳо ва пешгирии хавфҳои молиявӣ муқаррар мекунад. Дар боробари ин, «Бонки миллӣ захираҳои асъории Ҷумҳурии Тоҷикистонро идора карда, дар бозорҳои байналмилалӣ барои нигоҳ доштани устувории қурби пули миллӣ (сомонӣ) ва таъмини амнияти иқтисодии кишвар амалиёт анҷом медиҳад ва ба рушди бозорҳои молиявӣ, такмили низоми пардохт ва ҷорӣ намудани воситаҳои нави молиявӣ мусоидат мекунад, ки ба беҳтар шудани дастрасии хизматрасониҳои молиявӣ барои аҳолӣ ва соҳибкорон мусоидат мекунад»[161].

БМТ дар такмили танзими молиявӣ бо мақсади таҳкими суботи низоми молиявӣ, баланд бардоштани эътимод ба бахши бонкӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодӣ як қатор тадбирҳоро амалӣ менамояд. Аз ҷумла:

- такмили заминаи меъёрию ҳуқуқӣ;
- тақвият додани назорати бонкӣ;
- рақамикунонӣ ва автоматикунонии низомӣ бонкӣ;
- татбиқ ва риояи стандартҳои Гурӯҳи корӣ оид ба амалиёти молиявӣ (Financial Action Task Force) ва ғайраҳо.

Ҳамин тариқ, БМТ дар таъмини суботи молиявӣ тавассути танзими муомилоти пул, дастгирии бонкҳо ва рушди инфрасохтори молиявии кишвар нақши марказӣ мебозад. Барои таҳлил ва баҳо додани фаъолияти БМТ дар танзими молиявии мамлакат ба рақамҳои омории бахши бонкӣ рӯ меорем (ниг. ба ҷадвали 2.7).

Ҷадвали 2.7. - Сохтори низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Сохтори низом	2017		2020		2024		Тафриқаи 2024 бо 2017, +/-	
	I	II	I	II	I	II	I	II
1. Ташкилотҳои қарзии молиявӣ	**84**	**20 932**	**69**	**26 307,4**	**65**	**47 478,0**	**-19**	**26 546,0**
1.2. Бонкҳо	**17**	**18 237**	**19**	**22 781,5**	**16**	**40 511,5**	**-1**	**22 274,5**
Бонки давлатӣ	3	9 568	4	10 676,9	2	9 816,3	**-1**	**248,3**
Бонк бо сармояи хориҷӣ	6	1 986	7	3 407,0	5	4 814,6	**-1**	**2 828,6**
Бонкҳои дигар	8	6 682	8	8697,6	9	25 880,7	**1**	**19 198,7**
1.3. Ташкилотҳои маблағгузории хурд	**67**	**2 696**	**50**	**3 525,9**	**48**	**6 733,1**	**-19**	**4 037,1**
Ташкилоти амонатии қарзии хурд	27	2 285	18	2 796,5	22	5 643,7	**-5**	**3 358,7**
Ташкилоти қарзии хурд	7	169	5	263,2	3	299,9	**-4**	**130,9**
Фонди қарзии хурд	33	242	27	466,2	23	789,5	**-10**	**547,5**
2. Ташкилотҳои суғуртавӣ	**22**	**295**	**18**	**412,4**	**16**	**901,5**	**-6**	**606,5**
3. Ташкилотҳои лизингӣ	**7**	**186**	**5**	**248,6**	**6**	**492,4**	**-1**	**306,4**
4. Биржаҳои фондӣ	**1**	**-**	**2**	**-**	2	**-**	**1**	**0,0**
5. АСИН*	**1**	**-**	**1**	**1 484,1**	**1**	**3 654,3**	**0**	**3 654,3**
Ҳамагӣ:	**132**	**21 633**	**95**	**28 452,5**	**90,0**	**52 526,2**	**-42**	**30 893,2**

Эзоҳ: I – Миқдори ниҳодҳо, бо адад; **II** – Ҳаҷми дороиҳо, бо млн. сомонӣ.
Сарчашма: Маълумоти оморӣ тибқи [161], [164]

Таҳлили равандҳои сохторӣ ва миқёси низоми молиявии Тоҷикистон дар солҳои 2017-2024 гувоҳӣ медиҳанд, ки аз шумораи умумии 132 ташкилоти молиявӣ дар соли 2017 то 90 ташкилот (ё -42 адад) дар соли 2024 коҳиш ёфтааст. Бо вуҷуди ин, ҳаҷми умумии дороиҳо аз 21 633 миллион сомонӣ дар соли 2017 ба 52 526,2 миллион сомонӣ дар соли 2024 расида, фарқияташ 30 893,2 миллион сомонӣ афзоишро ташкил медиҳад. Ин нишон медиҳад, ки бо кам шудани шумораи муассисаҳо, нишондиҳандаҳои сохтории вазъи молиявии ниҳодҳо назаррас афзоиш ёфта, иқтидори низом мустаҳкам гардидааст.

Бахши ташкилотҳои қарзии молиявӣ низ равандҳои ҷолибро нишон медиҳад. Аз 84 ташкилот дар соли 2017 то 65 ташкилот дар соли 2024 коҳиш мушоҳида мешавад (-19 ниҳод), аммо ҳаҷми дороиҳо аз 20 932 миллион сомонӣ ба 47 478 миллион сомонӣ расидааст, ки нишондиҳандаи афзоиши ду баробар ва бештар аз он аст. Яъне, нишондиҳандаҳои сохтории вазъи молиявии дороиҳо ба бонкҳо ва ташкилотҳои калони молиявӣ афзоиш ёфтааст.

Шумораи бонкҳо дар давраи таҳлил аз 17 ба 16 кам шудааст, вале ҳаҷми дороиҳо аз 18 237 миллион сомонӣ ба 40 511,5 миллион сомонӣ афзоиш ёфтааст. Бонки давлатӣ шумораш аз 3 ба 2 коҳиш ёфта, вале дороиҳо ба 9 816,3 миллион сомонӣ расидаанд, ки афзоиш танҳо 248,3 миллион сомониро ташкил медиҳад. Дар ҳамин ҳол, бонкҳо бо сармояи хориҷӣ дороиҳои худро аз 1 986 миллион сомонӣ ба 4 814,6 миллион сомонӣ расонда, тафовути ин ду нишондод ба 2 828,6 миллион сомонӣ баробар мебошад. Бонкҳои дигар бо афзоиши назаррас аз 6 682 миллион сомонӣ ба 25 880,7 миллион сомонӣ фарқ 19 198,7 миллион сомонӣ доштанд, ки нишондиҳандаи аслии афзоиши дороиҳо дар бахши бонкӣ мебошад.

Ташкилотҳои маблағгузории хурд шумораи худро аз 67 ба 48 коҳиш доданд, вале ҳаҷми дороиҳо аз 2 696 миллион сомонӣ ба 6 733,1 миллион сомонӣ афзоиш ёфтааст. ТАҚХ дороиҳои худро аз 2 285 миллион сомонӣ ба 5 643,7 миллион сомонӣ расониданд, ки фарқияташ 3 358,7 миллион

сомониро ташкил медиҳад. Ташкилоти қарзии хурд дороиҳоро аз 169 миллион сомонӣ ба 299,9 миллион сомонӣ афзоиш доданд ва фонди қарзии хурд низ аз 242 миллион сомонӣ ба 789,5 миллион сомонӣ расид, яъне фарқияташ 547,5 миллион сомонӣ мебошад.

Бахши ташкилотҳои суғуртавӣ низ тағйироти назаррас нишон дод: шумораи онҳо аз 22 ба 16 коҳиш ёфта, дороиҳо қариб се баробар афзуда, аз 295 миллион сомонӣ ба 901,5 миллион сомонӣ расидааст, ки фарқияташ 606,5 миллион сомонӣ мебошад. Ин нишон медиҳад, ки бо кам шудани шумораи ширкатҳо, сохтори ҷузъии вазъи молиявии дороиҳои суғуртавӣ афзоиш ёфтааст.

Ташкилотҳои лизингӣ шумораашон як адад камтар шуда, аз 7 ба 6 расидааст, аммо ҳаҷми дороиҳо қариб ду баробар афзоиш ёфта, аз 186 миллион сомонӣ ба 492,4 миллион сомонӣ баромадааст, яъне фарқияташ 306,4 миллион сомонӣ мебошад.

Дар бахши биржаҳои фондӣ ва АСИН низ тағйироти ҷолиб мушоҳида мешавад. Биржаҳои фондӣ аз як адад ба ду адад афзоиш ёфтаанд, вале нишондиҳандаи дороиҳои онҳоро мо дастрас карда натавонистем. АСИН бошад, дороиҳои худро аз сифр ба 3 654,3 миллион сомонӣ расонд, ки ин нишондиҳандаи мутамарказсозии молиявӣ ва афзоиши нақши институтсионалии низом мебошад.

Ҳамин тавр, таҳлилҳои гузаронидашуда нишон медиҳад, ки бо кам шудани шумораи ниҳодҳои молиявӣ дар давраи 2017–2024, вазъи сохтории дороиҳо ба таври назаррас афзоиш ёфта, низоми молиявӣ қавӣ ва самараноктар гардидааст. Афзоиши дороиҳо дар бахшҳои асосӣ, бахусус бонкҳо ва ташкилотҳои хурд, нишон медиҳад, ки сармоя ва қарзҳо ба таври самаранок мутамарказ шудаанд.

Ин таҳлил шаҳодат медиҳад, ки низоми молиявии Тоҷикистон дар ин давра ба самти мутамарказсозӣ, беҳтарсозии иқтидор ва афзоиши қобилияти институтсионалӣ ҳаракат кардааст. Афзоиши дороиҳо бо шумораи камтари

муассисаҳои молиявӣ нишондиҳандаи устуворӣ ва самаранокии низоми молиявӣ мебошад.

Мавриди ба зикр аст, ки «дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 31 декабри соли 2024 дар маҷмуъ 65 адад ташкилоти қарзии молиявӣ, аз ҷумла 15 адад бонки анъанавӣ, 1 адад бонки исломӣ, 1 адад ташкилоти қарзии ғайрибонкӣ, 22 адад ташкилоти амонатии қарзии хурд, 3 адад ташкилоти қарзии хурд ва 23 адад фонди қарзии хурд фаъолият менамоянд. Дар давраи аз 31 декабри соли 2023 то 31 декабри соли 2024 ба 1 адад бонк - ҶСП “Фридом Бонк Тоҷикистон” ва 3 адад ТАҚХ - ҶДММ ТАҚХ “СТАНДАРТ МОЛИЯ”, ҶСП ТАҚХ “Бизнес Капитал” ва ҶДММ ТАҚХ “Доро Пэй” иҷозатнома дода шуд. Иҷозатномаҳои ФҚХ “Барор” ва ФҚХ “Солиҳин” бинобар барҳамдиҳии ихтиёрӣ аз эътибор соқит дониста шуданд. Ҳамзамон, бинобар риоя нагардидани тартиби барҳамдиҳии ихтиёрӣ нисбати ҶСП ТҚХ “Барҳақ” барҳамдиҳии маҷбурӣ татбиқ карда шуд. Бояд қайд кард, ки дар низоми бонкии кишвар намояндагии 1 бонки хориҷӣ (ҶСММ “Бонки кишоварзии Чин”) фаъолияти худро пеш бурда истодааст. Илова бар ин, берун аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон намояндагиҳои ҶСК “Ориёнбонк” дар Аморати Муттаҳидаи Араб (ш. Дубай), Шоҳигарии муттаҳидаи Британияи Кабир ва Ирландияи шимолӣ (ш. Лондон), Ҷумҳурии Корея (ш. Сеул), Ҷумҳурии Ӯзбекистон (ш. Тошканд), ҶХЧ (ш. Пекин), ИМА (ш.Вашингтон) ва намояндагии КВД БА ҶТ "Амонатбонк” дар Федератсияи Россия (ш. Москва) фаъолият менамоянд»[161].

Барои возеҳу равшан намудани раванди таҳлил мо нишондиҳандаҳои вазъи устувории молиявии ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз қабили «дороиҳо, дороиҳои пардохтпазир, қарзҳо (аз қабил қарзҳо бо асъори хориҷӣ, қарзҳои таъхирёфта), ФПТИ аз рӯйи қарзҳо, сармоягузориҳо, воситаҳои асосӣ, дигар дороиҳо, уҳдадориҳо, пасандозҳо ва сармояро мавриди таҳлил қарор медиҳем»[161] (ниг. ба ҷадавали 2.8).

Ҷадвали 2.8. - Нишондиҳандаҳои вазъи устувории молиявии ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, млн. сомонӣ

Нишондиҳан-даҳо	2017	2018	2019	2020	2021	2022	2023	2024	2024/2017, бо %
Дороиҳо	20 932	21 201	21 976	26307,3	22 414,7	28 080,0	37 679,5	47 478,0	**226,8**
Бо % нисбат ба ММД	34,28	30,80	28,41	31,87	22,66	24,71	31,76	30,95	**-3,33 б.ф.**
Дороиҳои пардохтпазир	6 283	6 472	6 068	7 916,0	7 223,8	12 955,8	13 868,2	18 915,5	**301,1**
Бо % нисбат ба ММД	10,28	9,40	7,84	9,59	7,30	11,19	11,69	12,33	**2,05 б.ф.**
Қарзҳо, ҳамагӣ	8 506	8 677	9 703	10 882,5	11 970,3	13 577,5	17 844,8	21 376,9	**251,3**
Бо % нисбат ба ММД	13,92	12,60	12,54	13,18	12,10	11,73	15,04	13,94	**0,02 б.ф.**
Қарзҳо бо асъори хориҷӣ	5 017	4 828	4 762	4 594,9	3 961,6	3 861,2	5 839,2	5 758,3	**114,8**
Қарзҳои таъхирёфта	2 014	1 994	1 476	1 278,7	385,0	2 203,7	3 022,9	1 933,2	**96,0**
ФПТИ аз рӯйи қарзҳо	-1 800	2 097	1 869	1 843,6	1 467,6	1 649,5	2 177,4	1 294,9	**-71,9**
Сармоягузориҳо, ҳамагӣ	2 172	2 427	2 232	2 672,0	771,3	542,3	318,5	1 063,5	**49,0**
Воситаҳои асосӣ	4 200	4 207	4 149	4 616,5	1 816,4	1 899,4	2 233,0	2 612,2	**62,2**
Дигар дороиҳо	1 571	1 514	1 652	2 150,6	2 100,4	2 704,9	5 592,3	4 807,9	**306,0**
Уҳдадориҳо+ сармоя	20 932	21 201	21 976	26 307,4	22 414,7	30 030,6	37 679,5	47 478,0	**226,8**
Уҳдадориҳо	15 207	15 287	15 749	19 131,7	17 339,0	23 731,6	30 318,8	38 514,3	**253,3**
Пасандозҳо	9 283	9 724	9 682	11 414,2	10 159,3	15 507,8	19 462,6	25 529,9	**275,0**
Бо % нисбат ба ММД	15,19	14,12	12,52	1 3,83	10,27	13,40	16,41	16,64	**1,45 б.ф.**
Сармоя	5 725	5 913	6 226	7 175,7	5 075,7	6 299,0	7 360,6	8 963,6	**156,6**
Бо% нисбатба ММД	9,37	8,59	8,05	8,69	5,13	5,44	6,20	5,84	**-3,53 б.ф.**

Сарчашма: Таҳияи ҷадвал дар асоси [151, с.77-78], [152, с.84-85], [153, с.83-84], [154, с.23-14], [155, с.23-24], [156, с.23-24], [157, с.23-24]

Аз соли 2017 то соли 2024 дороиҳои умумии ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар Тоҷикистон аз 20 932 миллион сомонӣ ба 47 478 миллион сомонӣ афзоиш ёфта, ба ин васила, иқтидори молиявии низом тақрибан ду баробар боло рафт. Ҳарчанд афзоиши мутлақ мушоҳида мешавад, саҳми дороиҳо нисбат ба ММД аз 34,28 % соли 2017 ба 30,95 % соли 2024 каме коҳиш ёфтааст, ки нишонаи тағйироти нисбии нақши низом дар иқтисодиёт аст. Инчунин, дороиҳои пардохтпазир ба таври назаррас зиёд шуда, аз 6 283 миллион сомонӣ ба 18 915,5 миллион сомонӣ расиданд ва ин нишон медиҳад, ки иқтидори ташкилотҳо барои иҷрои уҳдадориҳои фаврӣ беҳтар шудааст.

Ҳаҷми қарзҳои пешниҳодшудаи ташкилотҳои қарзии молиявӣ низ рӯ ба афзоиш ниҳодааст, ки он аз 8 506 миллион сомонӣ дар соли 2017 ба 21 376,9 миллион сомонӣ дар соли 2024 баробар гардидааст. Албатта, ин афзоиш самаранокии фаъолият ва тавони таъмини талаботи бозорро нишон медиҳад. Ҳаҷми қарзҳои бо асъори хориҷӣ додашуда низ дар сатҳи нисбатан устувор қарор дошта, тағйирёбии онҳо назаррас нест. Ин ҳолат метавонад аз қобилияти нисбии низоми қарзӣ барои муқовимат ба хавфҳои вобаста ба тағйирёбии қурби асъор шаҳодат диҳад. Дар баробари ин, қарзҳои таъхирёфта дар ин давра низ тағйири номунтазам дошта, дар соли 2024 ба 1 933,2 миллион сомонӣ коҳиш ёфтанд, ки ин нишонаи беҳбудии идоракунии қарз ба ҳисоб меравад. Фонди пӯшонидани талафоти имконпазир (ФПТИ) аз рӯйи қарзҳо солҳои охир ба 1 294,9 миллион сомонӣ коҳиш ёфт, ки ин аз каме суст будани самаранокии барқарорсозии қарзҳо дар низом гувоҳӣ медиҳад.

Нишондиҳандаи сармоягузориҳо ва воситаҳои асосӣ низ афзоиш ёфтанд ва имкониятҳои ташкилотҳоро барои рушди минбаъда тақвият доданд, ки барои барқарорсозии низом муҳим мебошад. Тамоюли нишондиҳандаи пасандозҳо аз 9 283 миллион сомонӣ ба 25 529,9 миллион сомонӣ расиданд, ки ин инъикосгари сатҳи қобилияти ташкилотҳо барои ҳифз ва нигоҳдории захираҳои молиявӣ мебошад.

Дар шароити тағйирёбии муҳити молиявӣ такмили низоми танзими молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке аз шартҳои асосии таҳкими устуворӣ бахши бонкӣ ва рушди фарогири низоми молиявӣ арзёбӣ мегардад. Самти мазкур тақозо менамояд, ки механизмҳои назорат ва танзим ба сатҳи хавфҳои мавҷуда мутобиқ карда шуда, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ тақвият дода шавад. Аз ҷумла, баланд бардоштани самаранокии танзими молиявӣ метавонад тавассути ҷорӣ намудани назорати ба арзёбии хавфҳо асосёфта, такмили меъёрҳои танзимкунандаи фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд ва васеъ намудани истифодаи технологияҳои рақамӣ дар соҳаи молия таъмин гардад. Дар баробари ин, таҳкими механизмҳои ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва рушди

саводнокии молиявии аҳолӣ барои беҳтар намудани дастрасии шаҳрвандон ба хизматрасониҳои молиявӣ, афзоиши сатҳи эътимод ба низоми молиявӣ ва фароҳамсозии шароити мусоид барои рушди устувори он аҳаммияти муҳим дорад. Самти дигари муҳим ин такмили қонунгузорӣ дар соҳаи пешгирии қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда мебошад. Дар раванди татбиқи ин тадбирҳо Бонки миллии Тоҷикистон мавқеи муҳимро ишғол намуда, вазифаҳои асосии танзим ва назорати низоми молиявиро иҷро менамояд. Аз ҷумла, фаъолияти он таҳияи санадҳои меъёрӣ, назорату мониторинги муассисаҳои молиявӣ ва ташкили ҳамкории самаранок бо шарикони байналмилалӣ, аз ҷумла ХБА ва БҶ-ро дар бар мегирад. БМТ тавассути таҳияи Стратегияи рушди бахши бонкӣ ва иштироки фаъолона дар ислоҳоти институтсионалӣ дастурҳои стратегии рушди низоми молиявии кишварро ташаккул медиҳад.

Аз ин лиҳоз, такмили танзими молиявӣ дар Тоҷикистон самти афзалиятноки сиёсати иқтисодии кишвар буда, БМТ дар ин раванд нақши калидӣ дорад. Дар раванди ислоҳоти бахши бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабули «Стратегияи рушди бахши бонкӣ барои солҳои 2021–2025» аҳаммияти муҳим касб намуд. Стратегияи мазкур самтҳои асосии таҳкими устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ, беҳтар намудани сифати дороиҳо, коҳиш додани қарзҳои мушкилситон ва такмили низоми идоракунии муассисаҳои бонкиро муайян намуд. Ҳамзамон, ҷиҳати мустаҳкам намудани заминаҳои ҳуқуқӣ ва институтсионалии низоми бонкӣ як қатор чораҳо амалӣ карда мешаванд. Ин тадбирҳо, аз ҷумла, ба тақвияти мустақилияти мақомоти дахлдор, баланд бардоштани шаффофияти фаъолияти ниҳодҳои танзимкунанда ва мутобиқсозии низоми ҳисоботи молиявӣ ба талаботи Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ) равона шудаанд. Самти дигари муҳим рушди рақамикунонии бахши молиявӣ мебошад. Ба ин раванд, аз ҷумла, такмили инфрасохтори пардохтҳои ғайринақдӣ ва ташкили механизмҳои танзими фаъолияти субъектҳои нави технологияи молиявӣ (fintech) дохил мешаванд. Ин тадбирҳо метавонанд барои баланд бардоштани самаранокии хизматрасониҳои молиявӣ, васеъ намудани дастрасии аҳолӣ ба онҳо ва таҳкими устувории низоми бонкӣ заминаи

мусоид фароҳам созанд. Ҳамин тариқ, нақши БМТ на танҳо дар танзими ҷорӣ, балки дар идоракунии стратегии рушди тамоми низоми молиявии кишвар низ муассир мебошад.

Дар маҷмуъ, фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон ба рушди минбаъдаи низоми танзими молиявӣ ва такмили механизмҳои он равона шуда, самтҳои муҳимтарини ин раванд татбиқи чорабиниҳои стратегии ислоҳотӣ, истифодаи абзорҳои муосири сиёсати пулию қарзӣ, таъмини устувории молиявӣ ва таҳкими робитаҳои байналмилалиро дар бар мегиранд. Ҳамзамон, баланд бардоштани сатҳи маърифати молиявии аҳолӣ ҳамчун яке аз ҷузъҳои муҳимми рушди низоми молиявӣ ва таҳкими эътимод ба институтҳои молиявӣ мавриди таваҷҷуҳи хоса қарор дорад. Ин иқдомҳо ба рушди устувори низоми молиявии кишвар ва ҳамгироӣ ба ҷомеаи байналмилалии иқтисодӣ мусоидат мекунанд.

Яке аз институтҳои дигари молиявие, ки нақши он дар рушди низоми молиявии мамлакат бараъло дида мешавад, ин Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Ин ниҳод дар нигоҳдории суботи молиявию иқтисодӣ, баланд бардоштани некуаҳволӣ ва таъмини истифодаи самараноки захираҳои молияи давлатӣ нақши марказӣ дорад. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи буҷети давлатиро, ки асоси сиёсати иқтисодии давлат мебошад, таҳия, ва тасдиқ менамояд. Ниҳоди мазкур муайян мекунад, ки ба соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт чӣ қадар маблағ ҷудо карда мешавад ва ин маблағҳо чӣ тавр ҷамъ карда мешаванд. Дар ин раванд, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ташаккул ва танзими сиёсати андозии кишвар мусоидат намуда, меъёрҳои андозбандӣ ва намудҳои имтиёзҳои андозиро муайян месозанд. Ҳамзамон, барои идора кардани қарзи давлатӣ, ки барои устувории иқтисодиёт асос мебошад, масъул аст. Бо бароришu вомбаргҳои давлатӣ барои маблағгузории касри буҷет маблағ ҷамъ меорад ва инчунин, раванди пардохти қарзро танзим ва идора мекунад. Сатҳи қарзи давлатӣ бевосита ба таваррум, қурби асъор ва қурби қарз таъсир мерасонад. Сатҳи баланди қарзи давлатӣ ё идоракунии сусти қарз метавонад эътимоди сармоягузорони хориҷиро коҳиш диҳад. Ҳамин тавр,

Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке аз ниҳодҳои муҳимми танзимкунандаи соҳаи молиявӣ ба фаъолияти бозорҳои молиявӣ таъсири назаррас расонида, равандҳои марбут ба низоми бонкӣ, фаъолияти суғуртавӣ, фондҳои нафақа ва дигар муассисаҳои молиявиро ба танзим медарорад. Сарраёсати хазинадории марказӣ дар муқаррар кардани қоидаҳо барои муассисаҳои молиявӣ, нигоҳ доштани устуворӣ ва самаранокии онҳо кумак мекунад.

Тавре маълум гардид, дар такмили танзими молиявии кишвар Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши асосӣ дорад. Он дар маҷмуъ сиёсати молиявии давлатиро таҳия ва амалӣ менамояд, иҷрои буҷетро назорат мекунад ва фаъолиятро дар соҳаҳои андозбандӣ, қарзи давлатӣ ва назорати молиявӣ ҳамоҳанг месозад. Дар солҳои охир Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба такмили низоми идоракунии молияи давлатӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намуда, усулҳо ва механизмҳои муосири танзими молиявиро ба таври васеъ татбиқ менамояд. Илова бар ин, он дар таҳияи заминаи меъёрӣ, ки ба ташкили низоми устувори молиявӣ мусоидат мекунад ва рушди иқтисодиро дастгирӣ мекунад, иштирок мекунад.

Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти рушди низоми танзими молиявӣ ва такмили механизмҳои идоракунии молиявии давлатӣ пайваста чораҳои заруриро меандешад. Мақсади асосии ин тадбирҳо баланд бардоштани шаффофияти равандҳои молиявӣ, таъмини истифодаи самараноки захираҳои давлатӣ ва таҳкими устувории низоми молиявии мамлакат мебошанд. Аз ҷумла, самтҳои муҳимми фаъолияти он инҳоро дар бар мегиранд:


1. Рақамикунонии равандҳои молиявӣ ва рушди пардохтҳои ғайринақдӣ. Вазорати молия ҳамчун ниҳоди асосии танзимкунанда ба бахши молия технологияҳои рақамиро фаъолона ҷорӣ мекунад. Дар доираи тавсеаи пардохтҳои ғайринақдӣ ва ташкили равзанаи ягонаи пардохти хизматрасониҳои давлатӣ ҳиссаи муомилоти ғайринақдӣ аз 4,9 фоизи соли 2018 то 12,0 фоиз дар соли 2022 афзоиш ёфт. Дар назар аст, ки минбаъд низ пардохтҳои ғайринақдӣ дар тамоми соҳаҳо, аз ҷумла дар нуқтаҳои савдо ва хизматрасонӣ васеъ карда шаванд.

2. Бо мақсади баланд бардоштани самаранокии танзими молиявӣ зарур аст, ки вазифаҳои такроршавандаи мақомоти гуногун бартараф гардида, механизми

ягона ва ҳамоҳангшудаи танзими давлатии молиявӣ ташаккул дода шавад. Имконияти ба Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон додани ваколат оид ба ҳамоҳангсозии амалиёти ҳамаи мақомоти амаликунандаи танзими давлатии молиявӣ низ баррасӣ мешавад.

3. Рушди бозори молиявӣ ва ҷалби сармоя. Вазорати молия дар ҳамкорӣ бо дигар мақомоти давлатӣ барои фароҳам овардани муҳити мусоиди сармоягузорӣ, рушди соҳибкории саноатӣ ва ҷалби сармоягузорон ба татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ тадбирҳои дахлдорро амалӣ менамояд. Дар баробари ин, ба рушди бозори коғазҳои қиматнок, аз ҷумла ҷорӣ ва густариши вомбаргҳои сабз, таваҷҷуҳи хос зоҳир карда мешавад. Мақсади асосии ин тадбирҳо ташаккули низоми молиявии устувор, шаффоф ва самаранок буда, он бояд барои рушди иқтисоди миллӣ, тақсимоти оқилона ва истифодаи самараноки захираҳои молиявӣ, инчунин беҳтар намудани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ заминаи зарурӣ фароҳам оварад.

Яке аз унсурҳои муҳимми низоми танзими молиявӣ ташаккул ва такмили заминаи қонунгузорӣ ба ҳисоб меравад, ки ҳадафи он таҳкими устувории молиявии кишвар ва афзоиши эътимоди ҷомеа ба фаъолияти институтҳои молиявӣ мебошад. Сарфи назар аз дастовардҳо, зарурати баланд бардоштани мустақилияти мақомоти танзимкунанда ва такмили назорати молиявӣ, ки барои рушди минбаъдаи низоми молиявӣ ва суботи иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон қадами муҳим аст, мавҷуд мебошад. Ҳамин тавр, дар асоси тадқиқот аз ҷониби мо модели консептуалии танзими молиявӣ таҳия гардидааст. Он ҳадафҳо, принсипҳо, воситаҳо ва механизмҳои институтсионалиро дар бар мегирад, ки ба таъмини суботи низоми молиявӣ нигаронида шудаанд. Модели консептуалии танзими молиявӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон дар расми 2.4 оварда шудааст (нигаред ба расми 2.4).



Расми 2.4. - Такмили механизми танзими молиявии давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон
Сарчашма: Таҳияи муллиф

Модели консептуалии пешниҳодгардидаи танзими молиявӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таъмини суботи иқтисодӣ, таҳкими эътимод ба низоми молиявӣ, рушди бозорҳои молиявӣ ва идоракунии самараноки молияи давлатӣ равона карда мешавад. Модели консептуали хусусиятҳои хоси иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон, институтҳои молиявии он, инчунин омилҳои иқтисодию сиёсии беруниро низ ба инобат гирифтааст. Ҳамин тавр, низоми танзими молиявӣ ҳамчун яке аз омилҳои муҳимми рушди иқтисодӣ баромад намуда, дар таҳкими устуворӣ ва муътадил нигоҳ доштани фаъолияти низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти назаррас дорад. Такмили институтҳои танзим ва такмили минбаъдаи қонунгузорӣ барои рушди устувори кишвар қадамҳои муҳим хоҳад буд.

ХУЛОСАИ БОБИ 2-ЮМ

1. Таҳлили нишондиҳандаҳои омории солҳои 2017-2024 нишон медиҳад, ки низоми танзими молиявӣ тавонист рушди босуръати ММД-ро (аз 64,4 миллиард то 153,4 миллиард сомонӣ) дар баробари афзоиши аҳолӣ таъмин намояд. Ин ҳолат собит месозад, ки иқтисоди кишвар қобилияти ҷалби қувваи кории навро гум накарда, сатҳи бекориро аз 2,2% то 1,8% коҳиш додааст.

2. Гузариши ҳиссаи хароҷоти соҳаҳои иҷтимоӣ ба зиёда аз 50,8% дар соли 2024 гувоҳи он аст, ки давлат танзими молиявиро ҳамчун воситаи стратегии рушди сармояи инсонӣ истифода мебарад. Ин самтгирӣ на танҳо ҳадафи иҷтимоӣ, балки заминаи устувории дарозмуддати иқтисодиро тавассути соҳаҳои маориф ва тандурустӣ ташкил медиҳад.

3. Сарфи назар аз афзоиши ҳаҷми мутлақи қарзи беруна коҳиши вазни он нисбат ба ММД аз 40,3% то 22,5% нишонаи муҳимми афзоиши иқтидори пардохтпазирии кишвар ва идоракунии самараноки қарзи давлатӣ мебошад. Ин раванд хавфи фишори қарзиро ба буҷет кам карда, "фазои фискалӣ"-ро барои сармоягузориҳои нав боз мекунад.

4. Коҳиши шумораи ниҳодҳо дар сохтори низоми молиявӣ аз 132 то 90 адад дар баробари ду маротиба зиёд шудани дороиҳои онҳо (то 52,5

миллиард сомонӣ) аз раванди мутамарказшавӣ ва солимгардонии низом дарак медиҳад. Ин ҳолат аз он гувоҳӣ медиҳад, ки низоми молиявӣ ба самти таҳкими иқтидори институтсионалӣ ва устуворӣ бештар ба зарбаҳои беруна ҳаракат карда истодааст.

5. Таҳлилу арзёбиҳо собит сохт, ки Бонки миллии Тоҷикистон тавассути истифодаи фишангҳои пулию қарзӣ ва макропруденсиалӣ тавонист пардохтпазирии бонкҳоро беҳтар намуда, дороиҳои пардохтпазири низомро аз 6,2 миллиард то 18,9 миллиард сомонӣ расонад. Ин амал ҷиҳати нигоҳ доштани устуворӣ қурби асъор ва назорати таваррум дар шароити ноустуворӣ ҷаҳонӣ заминаи воқеӣ фароҳам овард.

6. Тадқиқот нишон медиҳад, ки бо вуҷуди афзоиши воридоти андозӣ (то 29,1 миллиард сомонӣ), ҳанӯз ҳам мушкилоти иқтисодиёти "пинҳонӣ" ва зарурати рақамикунонии пурраи маъмурикунонии андоз боқӣ мемонад. Барои паст намудани таъсири хавфҳои мазкур, пеш аз ҳама, такмил додани заминаи меъёриву ҳуқуқӣ ва истифодаи васеи технологияҳои инноватсионии молиявӣ (fintech) аҳаммияти муҳим дорад.

7. Барои боз ҳам беҳтар намудани вазъи тамоюли рушди низоми молиявӣ, тавсия дода мешавад, ки БМТ гузариш ба равиши "risk-based approach" (равиши бар асоси хавф)-ро суръат бахшида, талаботи сармоя ва пардохтпазириро пурра ба стандартҳои байналмилалии Базел III мутобиқ намояд. Ин имкон медиҳад, ки захираҳои назоратӣ ба соҳаҳои осебпазиртарини бозор нигаронида шаванд.

8. Бо дарназардошти рушди босуръати пардохтҳои ғайринақдӣ (ҳиссаи онҳо дар соли 2022 ба 12% расид), зарур аст, ки заминаи ҳуқуқӣ барои "regulatory sandboxes" (муҳити санҷишии танзимшаванда) фароҳам оварда шавад. Ин иқдом барои легализатсия ва танзими амнияти технологияҳои нави молиявӣ (fintech), асъорҳои рақамӣ ва ҳамёнҳои электронӣ, махсусан барои муҳоҷирони корӣ ва соҳибкории хурд, шароити мусоид фароҳам меорад.

БОБИ 3. САМТҲОИ ТАКМИЛИ ТАНЗИМИ МОЛИЯВИИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

3.1. Роҳҳои такмили танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир

Дар шароити рушди равандҳои ҷаҳонишавӣ такмили механизмҳои танзими молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба яке аз самтҳои муҳимми сиёсати иқтисодӣ табдил ёфта, барои нигоҳдории устувории иқтисодӣ ва таҳкими мавқеи кишвар дар низоми иқтисодии ҷаҳонӣ замина фароҳам меорад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ кишвар бо мушкилоти гуногун, аз қабили ноустувории иқтисодӣ, буҳрони молиявӣ, рақобати байналмилалӣ ва зарурати баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои миллӣ рӯ ба рӯ шудааст. Аз ин рӯ, дар шароити густариши равандҳои ҷаҳонишавӣ такмили механизмҳои танзими молиявӣ ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии давлатҳои рӯ ба рушд, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, мубаддал гардидааст. Зарурати ислоҳ ва такмили ин низом бо мақсади мутобиқ шудан ба тағйироти муҳити иқтисодии ҷаҳонӣ ва таъмини устувории молиявии кишвар боз ҳам бештар аҳаммият пайдо мекунад. Маврид ба зикр аст, ки дар даҳсолаҳои охир ҷаҳон дигаргуниҳои амиқи иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоиро аз сар мегузаронад, ки дар натиҷаи ҷаҳонишавӣ ба вуҷуд омадааст. Ин равандҳо ба тамоми соҳаҳои иқтисодиёт, аз ҷумла ба низоми молиявӣ низ таъсир мерасонанд.

Дар ин ҳошия, бояд қайд кард, ки ҷаҳонишавӣ, ё ба истилоҳ “глабализатсия”, таъсири мутақобилаи иқтисодиёти миллӣ ва низомҳои молиявиро хеле зиёд мекунад, ки бо худ ҳам имкониятҳо ва ҳам хатарҳоро ба бор меорад. Аз як тараф, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба бозорҳои байналмилалии сармоя, технологияҳои нав ва имкониятҳо барои тавсеаи тиҷорат ва сармоягузорӣ дастрасӣ пайдо мекунад. Аз тарафи дигар, ҷаҳонишавӣ ҳамчунин, боиси афзоиши таҳдидҳои иқтисодии берунӣ, аз қабили бесуботӣ дар бозорҳои молии ҷаҳонӣ, тағйирёбии қурби асъор ва таҳдиди буҳронҳои


молиявӣ мегардад. Барои танзими самараноки низоми молиявӣ дар чунин шароит на танҳо суботи макроиқтисодиро нигоҳ доштан, балки дастрасии хизматрасониҳои молиявиро барои аҳолии васеъ таъмин кардан зарур аст. Ин дахолати фаъоли давлатро ба танзими бозорҳои молиявӣ ва эҷоди механизмҳои ҳифзи амнияти иҷтимоӣ ва иқтисодии шаҳрвандон талаб мекунад. Ҷиҳати таъмини устувории иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста такмил додани танзими молиявӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ зарур аст.

Кишвар бо як қатор мушкилоти дохилӣ, аз қабили таваррум, ноустувори бозорҳои молиявӣ ва диверсификатсияи нокифояи иқтисодӣ рӯ ба рӯ аст. Ҳамаи ин мушкилот дахолати фаъолро ба соҳаи молия талаб мекунанд. Такмили низоми танзими молиявӣ бояд пеш аз ҳама ба таъмини шаффофияти бештари равандҳои молиявӣ, тақвияти назорат аз болои амалиётҳои молиявӣ ва таҳкими ҳамкориҳои самараноки байни сохторҳои давлатӣ ва бахши хусусӣ равона карда шавад.

Таҳкими заминаҳои ҳуқуқӣ тавассути қабули санадҳои нави қонунгузорӣ, рушди технологияҳои муосири молиявӣ ва тақвияти фаъолияти институтҳои молиявӣ метавонад барои баланд бардоштани самаранокии равандҳои иқтисодӣ ва фароҳам овардани заминаи мусоид барои рушди устувори иқтисодиёти кишвар мусоидат намояд. Ҷаҳонишавӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон уфуқҳои наверо барои ҳамкориҳои байналмилалӣ мекушояд.

Ҳамзамон, такмили танзими молиявӣ ба ҷалби сармоя ба бахшҳои стратегии иқтисод, аз қабили инфрасохтор, энергетика, саноат, кишоварзӣ ва рушди соҳаҳои нав, аз ҷумла технологияҳои нави молиявӣ ва инноватсия мусоидат мекунад.

Вобаста ба ин, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ самтҳои асосии танзими молиявӣ аз инҳо иборат мебошанд, ки дар расми 3.1 ба таври васеъ оварда шудаанд.



Расми 3.1. - Самтҳои асосии танзими молиявии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир
Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Ҳамин тариқ, дар шароити кунунӣ рушди низоми танзими молиявӣ яке аз омилҳои муҳимми таҳкими суботи молиявӣ ба шумор рафта, барои беҳтар гардидани муҳити соҳибкорӣ ва такмили механизмҳои ҳифзу дастгирии иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи мусоид фароҳам меорад.

Яке аз самтҳое, ки заминаи асосии такмил ва танзими молиявиро дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад таъмин созад, ин раванд такмил ва рушди минбаъдаи санадҳои меъёриву ҳуқуқии соҳаи молиявии кишвар ба ҳисоб меравад.

Низоми танзими молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маҷмуи васеи санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ такя намуда, тавассути онҳо рушди бозорҳои молиявӣ, устувории фаъолияти бонкҳо, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои сармоягузорон ва самаранокии идоракунии захираҳои давлатӣ таъмин карда мешавад. Ҷиҳати такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи танзими молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои ҳамаҷониба андешида мешаванд. Тадбирҳои мазкур ба баланд бардоштани сатҳи самаранокии идоракунии давлатӣ, фароҳам овардани муҳити мусоиди сармоягузорӣ ва густариши равандҳои рақамикунонӣ дар низоми молиявӣ равона карда шудаанд. Масалан, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2024 125 лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия кардааст, ки 75-тои он қабул шудааст. Аз ҷумла, 40 санад ба татбиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тавсеаи пардохтҳои ғайринақдӣ» дахл дорад, ки ба гузариши ташкилотҳои буҷетӣ ба низоми пардохтҳои ғайринақдӣ мусоидат намуда, шаффофияти муомилоти молиявиро афзун менамояд. Ҷиҳати вусъат додани татбиқи принсипҳои буҷети барномавӣ дар Тоҷикистон заминаи меъёрӣ-ҳуқуқии татбиқи буҷети барномавӣ таҳия мешавад.

Чуноне ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 перомуни «...нокифоя будани пешравӣ дар самти гузариш аз принсипи маблағгузории харҷномавии вазорату идораҳо ба маблағгузории барномаҳои мақсаднок аз рӯйи натиҷа ва оид ба набудани

алоқамандӣ дар раванди буҷетикунонӣ ва банақшагирии стратегӣ»[13, с.32] сухан меравад, ки он гузаштан аз шакли буҷети бандубастӣ ба буҷети барномавиву ҳадафманд дар тамоми сатҳҳои буҷетикуниро дар назар дорад. Тадқиқот нишон дод, ки танзим ва назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳияи механизми нави фаъолияти мақомоти танзимкунандаро тақозо мекунанд. Пешниҳод шудааст, ки усулҳои самарабахши танзим ва назорат ҷорӣ карда шаванд, ки шаффофият ва сифати механизми истифодабарии маблағҳои буҷетӣ беҳтар мегардад.

Ҳамзамон, «дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2018 ба масъалаи такмили низоми идоракунии давлатӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардида, он ҳамчун яке аз омилҳои муҳимми амалисозии Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 арзёбӣ шудааст. Дар ин замина, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зарурати такмили идоракунии молияи давлатиро таъкид намуда, чунин вазифаро ба Вазорати молия гузоштанд: Вазорати молия вазифадор карда мешавад, ки стратегияи идоракунии молияи давлатиро бо дарназардошти афзалиятҳои кишвар, иҷрои сифатноки қисми даромад ва харoҷоти буҷет, шаффофияти харoҷоти он, инчунин, пешниҳоди нақшаҳои дурнамои ислоҳот дар ин самтҳо татбиқ намояд»[158].

Дар ин ҳошия, ёдовар шудан ба маврид аст, ки яке аз санадҳои аососие, ки дар такмили танзими молияви нақши асосӣ дорад, ин қабул ва тасдиқи «Стратегияи идоракунии молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» (СИМД - 2030) мебошад, ки бо фармони Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2020, № 1446 қабул карда шудааст. Қобили зикр аст, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба раванди ислоҳоти низоми идоракунии молияи давлатӣ ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир менамояд. Ҳадафи асосии ин ислоҳот фароҳам овардани заминаҳои зарурӣ барои татбиқи вазифаҳои дарозмуддати муайяннамудаи ин раванд дар доираи Стратегияи

миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 амалӣ гардида, такмили сохтори институтсионалӣ ва механизмҳои идоракунии молияи давлатиро ҳамчун самти муҳим дар бар мегирад. Рушди минбаъдаи ин сохторҳо барои татбиқи самараноки ҳадафҳои стратегии кишвар ва фароҳам овардани заминаи зарурӣ барои рушди устувори миллӣ аҳаммияти махсус дорад.

«Чуноне ки дар худи стратегия (СИМД – 2030) қайд мегардад “Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ барои давраи то соли 2030” давоми ислоҳотеро дар бар мегирад, ки аз лаҳзаи амалишавии Стратегияи қаблии идоракунии молияи давлатӣ барои солҳоӣ 2009-2018 оғоз ёфта буд. Стратегияи нав бо Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ба пуррагӣ мувофиқат мекунад. Ислоҳоти идоракунии молияи давлатӣ то дараҷаи муҳим дар барномаҳои ҷории давлатӣ, ба монанди Барномаи қарзгирии берунаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2020 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 октябри соли 2017, №485), Консепсияи низоми таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 ноябри соли 2015, №673) ва Консепсияи идоракунии рушди маҳал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 июли соли 2015, №522) инъикос ёфтааст»[17]. Вобаста ба ин, қайд намудан зарур аст, ки «вазифаи асосии Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ барои давраи то соли 2030, пеш аз ҳама, аз муайян намудани самтҳои умумии ислоҳот дар сохти танзим ва идоракунии молияи давлатӣ иборат мебошад, ки барои таъмини дастовардҳои муҳим аз он ҷумла: баланд бардоштани интизоми фискалӣ; беҳтар намудани самаранокии тақсимоти захираҳои молиявӣ; назорати доимӣ оид ба истифодабарии захираҳои молиявӣ ва хароҷоти мақсадноки воситаҳои пулии давлатӣ; банақшагирии воқеии дурнамои (ояндабинии) захираҳои молиявӣ барои афзалиятҳои муайяншуда; баланд бардоштани самаранокии

амалиётӣ; таъмини шаффофият ва тобеияти ҳисоботдиҳии маблағҳои давлатӣ равона гардидааст»[12, с.3].

Тавре аз тадқиқотҳои дар ин самт гузаронидашуда ва «...аз худи «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» бармеояд, ҳоло ҳам дар ин самт мушкилотҳои назаррас вуҷуд доранд (ниг. ба ҷадвали 3.1).

Ҷадвали 3.1. – Мушкилоти асосӣ ва самтҳои афзалиятноки такмили идоракунии молияи давлатӣ дар доираи «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030»

№	Мушкилот (пешомадҳо)	Афзалиятҳо
Дар соҳаи рушди идоракунии молияи давлатӣ		
1	Суръати нокифояи гузариш аз низоми маблағгузории харҷномавии вазорату идораҳо ба модели маблағгузории барномавию мақсаднок, ки асоси онро натиҷаҳои пешбинишуда ташкил медиҳанд.	Тақвияти буҷетбандии барномавӣ ва татбиқи усули «маблағгузории неру» дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроия
2	Нокифоя будани ҳамоҳангӣ ва робитаи мутақобилаи раванди буҷетӣ бо низоми банақшагирии стратегӣ	Тақвияти ҳамоҳангӣ ва робитаи мутақобилаи раванди буҷетӣ бо низоми банақшагирии стратегӣ
3	Нокифоя будани самти ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ дар механизмҳои андозбандӣ, ки бо сатҳи гаронии андозҳо, мураккабии маъмурикунонии андоз ва густариши фаъолияти иқтисодии ғайирасмӣ алоқаманд мебошад.	Мукаммалсозии низоми андозбандӣ ва равандҳои маъмурикунонии андоз бо ҳадафи афзоиши самаранокии ҷамъоварии даромадҳои андозӣ, коҳиш додани хароҷоту бори маъмурии андозсупорандагон ва таҳкими шаффофияту пешбинишавандагии сиёсати андозӣ
4	Сатҳи нокифояи такмили низоми пешгӯии даромадҳои буҷетӣ ва уҳдадориҳои молиявӣ дар робитаи зич бо нишондиҳандаҳои дурнамои макроиқтисодӣ	
5	Қафомонии раванди ғайримарказонидани молиявӣ аз суръати ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ, аз ҷумла тағйироти сохторӣ дар низоми идоракунии молияи давлатӣ	Рушди ғайримарказонии фискалӣ
6	Амалиётҳои квазифискалии корхонаҳои калони давлатӣ, аз ҷумла фаъолияти зиёновар, афзоиши ҳаҷми уҳдадориҳои қарзӣ ва иҷро нашудани кафолатҳои давлатии вобаста ба онҳо, метавонанд ба устувории молиявии буҷети давлатӣ таъсири манфӣ расонида, имкониятҳои давлатро барои иҷрои самараноки вазифаҳои иҷтимоӣ маҳдуд намоянд.	Тақвияти шаффофият ва ҳисоботдиҳии молиявӣ тавассути таъмини дастрасии васеи ҷомеа ба иттилооти дахлдор, аз ҷумла инъикоси амалиётҳои квазифискалӣ дар ҳисоботи молиявӣ, тақвияти назорати парламентӣ ва густариши иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди таҳия ва иҷрои буҷет.

Сарчашма: Ҷадвал дар асоси сарчашмаи зерин» [12, с.1-7] таҳия гардидааст.


Ҳамин тариқ, «Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ барои давраи то соли 2030» ҳамчун яке аз санадҳои муҳимми сиёсати молиявии кишвар ба такмили низоми идоракунии захираҳои давлатӣ, таҳкими механизмҳои танзими молиявӣ ва баланд бардоштани самаранокии идоракунии молияи давлатӣ равона шудааст. Татбиқи пайвастаи ҳадафҳои пешбининамудаи он метавонад ба беҳтар гардидани сифати идоракунии давлатӣ, таъмини рушди устувор ва мутаносиби иқтисодӣ, инчунин фароҳам овардани шароити зарурӣ барои коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ мусоидат намояд.

Яке аз самтҳои афзалиятноки ин стратегия такмили фаъолияти муассисаҳои молиявии кишвар ба ҳисоб меравад. Раванди мазкур ба баланд бардоштани натиҷадории фаъолияти институтҳои молиявӣ, густариши истифодаи технологияҳои муосир ва навоварона, инчунин таҳкими қобилияти онҳо барои мутобиқ шудан ба тағйирот ва таъсири омилҳои беруна нигаронида шудааст.

Яке аз самтҳои муҳимми такмили низоми танзими молиявӣ тақвияти назорат аз болои фаъолияти институтҳои молиявӣ, бахусус ташкилотҳои низоми бонкӣ мебошад. Дар ин раванд Бонки миллии Тоҷикистон барои таҳкими интизоми молиявӣ, мутобиқ намудани фаъолияти ташкилотҳои молиявӣ ба меъёрҳои байналмилалӣ ва такмили механизмҳои мониторинги онҳо тадбирҳои дахлдорро амалӣ менамояд. Аз ҷумла, татбиқи талаботи Базел III дар низоми бонкии кишвар ҳамчун иқдоми муҳим ба баланд бардоштани устувории молиявии бонкҳо ва беҳтар намудани сатҳи кифоятии сармоя равона гардидааст. Мушкилоти дигари низоми молиявӣ сатҳи пасти саводнокии молиявии аҳолӣ мебошад. Дар робита ба ин, барои таълими шаҳрвандон дар соҳаи молияи шахсӣ, сармоягузорӣ ва маҳсулоти молиявӣ кӯшиш ба харҷ дода мешавад. Дар ин ҳошия, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор тадбирҳо андешида шуда истодаанд. Масалан, «бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2022, №314

«Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026» (СМФМ – 2022-2026) қабул ва тасдиқ шудааст»[13].

Қобили зикр аст, ки Стратегияи миллии фарогирии молиявӣ барои солҳои 2022–2026 (СМФМ-2022–2026) ба чор самти калидӣ асос ёфтааст: ташаккули шабакаҳои таҳвил ва пешниҳоди хизматрасониҳои молиявии рақамӣ, васеъ намудани доираи маҳсулоти молиявӣ, таҳкими ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявӣ. Таркиб ва сохтори СМФМ-2022–2026 дар расми 3.2 пешниҳод гардидааст (ниг. ба расми 3.2).



Расми 3.2. - Сохтори «Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026»

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси [13, с.47]

Таҷрибаи ҷаҳонӣ собит намуд, ки яке аз роҳҳои асосии танзими молиявӣ ин татбиқ ва ворид намудани инноватсия (технологияҳои молиявӣ) ва ё рақамикунонии низоми бонкӣ ба шумор меравад. Солҳои охир афзоиши рақамикунонӣ дар бахши молиявӣ, хусусан, дар низоми бонкӣ ба мушоҳида мерасад, ки дастрасии хизматрасониҳои молиявиро беҳтар кардааст. Пардохтҳои рақамӣ, онлайн-банкинг ва барномаҳои мобилӣ торафт маъмултар мешаванд. «Сарфи назар аз дастовардҳо, бахши молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо як қатор мушкилот рӯбарӯ аст, аз ҷумла:

- сатҳи нокифояи сармоягузории бонкҳо;
- мушкилоти ҷалби сармояи хориҷӣ;
- набудани бозорҳои пешрафтаи сармоя ва пардохтпазирии маҳдуд;
- мушкилот бо риояи стандартҳои байналмилалӣ дар робита ба шаффофият ва идоракунии корпоративӣ.

Бо вуҷуди ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон андешидани як қатор тадбирҳоро барои беҳбудии бахши молия идома медиҳад, ки дурнамои мусоид барои рушди минбаъдаи иқтисодӣ ва беҳбуди суботи молиявии кишварро таъмин хоҳад кард. Масалан, дар ин замина ба тасвиб расидани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» аз 22 июни соли 2023, №586. Ба андешаи мо, ин иқдом барои рушд ва танзими низоми молиявӣ зарурӣ ва саривақтӣ буда, баҳри пардохтҳои ғайринақдӣ ба танзими молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири хеле зиёд мерасонад» [161]. Ҳамзамон, ҷорӣ намудани нуқтаҳои фурӯш (POS-терминалҳо) ва низоми пардохтҳои электронӣ дар нуқтаҳои савдо ба мақомоти андоз кумак мекунад, ки гардиши воқеии корхонаҳоро дақиқ ва дуруст пайгирӣ кунанд. Гузашта аз ин, вусъати пардохтҳои ғайринақдӣ ба Бонки миллии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки муомилоти пулро самараноктар идора карда, сиёсати пулию қарзиро, ки яке аз самтҳои муҳимми танзими молиявӣ мебошад, татбиқ намояд.

Дар ин робита, бояд таъкид намуд, ки «тасдиқи «Стратегияи сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025» аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон бо қарори 31 декабри соли 2020, №175»[161], ҳамчун яке аз василаи асосии татбиқи сиёсати танзими молиявӣ хизмат менамояд. Қабули ин санад барои такмили механизмҳои идоракунии соҳаи пулию қарзӣ, таъмини устувории низоми молиявӣ ва самаранокии танзими равандҳои иқтисодӣ заминаи муҳим фароҳам меорад.

Чуноне ки дар стратегияи мазкур қайд мегардад «...таъмини суботи нархҳо ва нигоҳдории сатҳи муътадили таваррум, ба сифати яке аз нишондиҳандаҳои фундаменталии макроиқтисодӣ барои коҳиш додани номуайянӣ ва интизориҳои манфии аҳолӣ, зиёд гаштани эътимод ба пули миллӣ, тақсимоти босамари захираҳо, афзоиши ҷалби сармоягузориҳои дохилӣ, ки дар маҷмуъ дар рушди воқеии иқтисодиёт ва сатҳи некуаҳволии мардум инъикос мегардад, заминаи мусоид фароҳам меорад. Таварруми муътадил яке аз омилҳои асосии рушди устувори иқтисодӣ дар давраи дарозмуддат ба ҳисоб рафта, боиси зиёд гардидани эътимоди аҳолӣ, соҳибкорон ва сармоягузорони дохиливу хориҷӣ ба пули миллӣ ва қобилияти харидории он, вазъи молиявию иқтисодии кишвар ва банақшагириҳои дарозмуддат, нисбатан камшавии хавфҳо ва номуайяниҳо, пастшавии меъёри фоизҳо, инчунин рушди иқтисодиёт ва некуаҳволии мардум мегардад. Маҳз, аз ҳамин лиҳоз, Бонки миллии Тоҷикистон, ки дорои ҳуқуқи истисноии эмиссияи пули нақд ва масъули таҳия ва амалисозии сиёсати пулию қарзӣ мебошад, мисли дигар бонкҳои марказӣ нигоҳдории суботи нархҳоро дар давраи дарозмуҳлат мақсади асосии худ қарор додааст. Дар шароити зуд тағйирёбандаи иқтисодиёти ҷаҳон баҳри эмин нигоҳ доштани иқтисодиёти дохилӣ ва кам намудани осебпазирӣ аз таъсири манфи омилҳои берунӣ, барои андешидани тадбирҳо дар самти пурзӯр ва тақвият додани механизми татбиқи сиёсати пулию қарзӣ бо мақсади нигоҳдории сатҳи муътадили таваррум зарурат ба миён омадааст.

Аксари давлатҳои рӯ ба тараққӣ бо мақсади ҳалли чунин мушкилиҳо бо истифода аз таҷрибаи муосири кишварҳои мутараққӣ ривоҷ додани механизми таъсирпазири сиёсати пулию қарзиро ба роҳ монда, татбиқи реҷаи нави сиёсати пулию қарзӣ – ҳадафгирии таваррумро пеш гирифтаанд. Бонки миллии Тоҷикистон низ дар навбати худ баҳри такмил ва пешбурди сиёсати воқеан самараноки пулию қарзӣ марҳила ба марҳила гузариш ба реҷаи ҳадафгирии таваррумро дар доираи Стратегияи мазкур амали менамояд»[15, с.1].

Солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди фаъоли технологияҳои рақамӣ ва воситаҳои молиявӣ, аз ҷумла пардохтҳои ғайринақдӣ мушоҳида мешавад. Ин тағйирот ба танзими молиявӣ, баланд бардоштани самаранокии назорати давлатӣ, шаффофияти молиявӣ ва фарогирӣ таъсири назаррас доранд. Дар баробари ин, дар ин самт мушкилот ва хатарҳои асосӣ, аз қабили:

- паст будани саводнокии молиявӣ дар байни як қисми аҳолӣ;

- дастрасии маҳдуд ба интернет ва технология дар деҳот;

- хатари киберӣ, таҳдиди қаллобӣ ва ихроҷи маълумот;

- зарурати танзими ҳуқуқии воситаҳои нави пардохт ва ғайраҳо вуҷуд доранд.

Дар маҷмуъ, васеъ намудани пардохтҳои ғайринақдӣ як қадами муҳим дар роҳи низомӣ муосир, шаффоф ва устувори молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ба андешаи мо, баланд бардоштани самаранокии танзими молиявӣ талаб мекунад, ки чунин чораҳо андешида шаванд:

- идомаи татбиқи равандҳои рақамикунонии иқтисоди миллӣ ва густариши истифодаи воситаҳои рақамии муосир;

- мустаҳкам намудани низоми киберамният ва баланд бардоштани сатҳи ҳифзи маълумоти молиявӣ;

- таҳия ва такмили минбаъдаи заминаи меъёриву ҳуқуқии муносибатҳои молиявӣ;

- тавсеаи инфрасохтори пардохтҳои электронӣ ва фароҳамсозии имкониятҳои васеътар барои истифодаи хизматрасониҳои молиявии рақамӣ;

- такмили донишу малакаҳои молиявии аҳолӣ ва рушди минбаъдаи маърифати иқтисодию молиявӣ.

Ҳамин тавр, пардохтҳои ғайринақдӣ як самти муҳимми рушди низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Тавре маълум гардид, он ба назорати бештар, шаффофият ва самаранокии танзими молиявӣ мусоидат мекунад. Аммо барои пурра истифода бурдани ин иқтидор монеаҳои инфрасохторӣ ва меъёриро аз байн бурдан лозим аст. Дар шароити кунунӣ рушди ниҳодҳои молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке аз унсурҳои муҳимми пешрафти иқтисодӣ арзёбӣ мегардад. Такмили минбаъдаи ислоҳоти молиявӣ, густариши донишу саводнокии молиявии аҳолӣ ва татбиқи технологияҳои муосир имконият медиҳанд, ки иқтидори бахши молиявӣ бештар тақвият ёфта, саҳми он дар рушди иқтисоди миллӣ афзоиш ёбад.

Самти дигари муҳимми танзими молиявӣ ба идоракунии самараноки сармоягузориҳои дохилӣ ва хориҷӣ вобаста мебошад. Сармоягузорӣ яке аз ҷузъҳои муҳимми низоми молиявӣ ба шумор рафта, тавассути сафарбар намудани захираҳои молиявӣ, таъмин кардани гардиши сармоя ва тақвияти пардохтпазирӣ ба таҳкими устувории иқтисодиёт мусоидат мекунад. Ҷалби сармоя ба иқтисоди миллӣ барои афзоиши ҳаҷми истеҳсолот, навсозии инфрасохтор, ворид намудани технологияҳои муосир, ташкили самтҳои нави фаъолияти соҳибкорӣ ва фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ имкониятҳои васеъ фароҳам месозад. Аз ин рӯ, таҳия ва татбиқи механизмҳои самараноки танзими равандҳои сармоягузорӣ дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ яке аз омилҳои зарурии таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва баланд бардоштани қобилияти рақобатии иқтисоди кишвар ба ҳисоб меравад. Танзими молиявӣ бояд ба фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати ҷалби сармояи дохилӣ ва

хориҷӣ нигаронида шавад. Ин имтиёзҳои андоз, танзими муомилоти асъорӣ ва ташкили бозорҳои муассири молиявиро дар бар мегирад.

Танзими ҷараёнҳои сармоягузорӣ тавассути бозорҳои молиявӣ, аз қабили бозорҳои саҳмия, вомбаргҳо ва асъор василаи муҳимми таъмини суботи иқтисодӣ мебошад. Дар доираи сиёсати танзими молиявӣ давлатҳо бо истифода аз имкониятҳои бонкҳои марказӣ ё миллӣ метавонанд як қатор тадбирҳоро амалӣ намоянд. Ба чунин воситаҳо маҳдуд намудани амалиёти мубодилаи асъор, пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ барои ҳавасмандгардонии сармоягузории дохилӣ ва дигар механизмҳои таъсиррасонии давлатӣ дохил мешаванд. Инчунин, сармоягузориҳо низ бо низоми бонкӣ робитаи зич доранд. Танзими молиявӣ дар ин самт назорат аз болои пардохтпазирии бонкҳо, талабот ба захираҳои сармояро барои ҳадди ақал кам кардани хатарҳо дар ҳолати буҳрон дар бар мегирад.

Бо ин мақсад дар кишварҳо қоидаҳои муосири молиявие, ки ба ҷалби сармояи хориҷӣ, таъмини ҳифзи ҳуқуқҳои сармоягузор ва шаффофияти муомилоти молиявӣ нигаронида шудаанд, татбиқ карда мешаванд. Барои ҷалби сармоягузорӣ ва ҳимоят аз таваррум кишварҳо метавонанд аз механизмҳое аз қабили, танзими асъор ва дигар тадбирҳое истифода баранд, ки онҳо низ таҳти назорати молиявӣ қарор доранд.

Ҳамзамон, барои тақвияти раванди ҷалби сармоя ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст, ки маҷмуи тадбирҳои мақсаднок амалӣ карда шаванд. Ин тадбирҳо бояд ба ташаккули муҳити мусоиди сармоягузорӣ ва фароҳам намудани шароити муносиб барои фаъолияти сармоягузорони дохилӣ ва хориҷӣ равона гарданд. Давлат бо иқтидори бузурги иқтисодии худ ба дастгирии соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт ва рушди инфрасохтор ниёз дорад. Яке аз монеаҳои аслӣ дар роҳи ҷалби сармоя мураккабӣ ва тӯлонӣ будани расмиёти маъмурӣ, аз қабили бақайдгирии соҳибкорӣ ва гирифтани иҷозатнома мебошад.

Дар маҷмуъ, дар шароити муосир Ҷумҳурии Тоҷикистонро лозим аст, ки ба чанд самти асосӣ тамаркуз кунад, то танзими молиявиро беҳтар созад. Инҳо, аз ҷумла пурзӯр кардани назорати бахши молиявӣ бо мақсади баланд бардоштани устувории он ба зарбаҳои беруна ва таъмини субот дар баробари гардиши молии фаромарзӣ ба шумор меравад. Такмили сиёсати пулию қарзӣ барои идоракунии самараноки таваррум ва қурби асъор дар шароити ноустувории ҷаҳонӣ зарур аст.

Ҳамин тавр, натиҷаҳои таҳқиқот зарурати муайян ва такмил додани самтҳои афзалиятноки танзими молиявиро нишон медиҳанд, ки ҷорӣ кардани онҳо субот, шаффофият ва рушди устувор мусоидат менамояд:

1) Мунтазам тағйир додани меъёрҳо дар низоми қонунгузорӣ бо мақсади мутобиқсозии стандартҳои миллӣ бо таҷриба ва талаботи байналмилалӣ.

2) Татбиқи стандартҳои байналмилалии ҳисоботдиҳӣ (масалан, СБҲМ), ки ба баланд бардоштани эътимоди сармоягузорон ва иштирокчиёни бозор мусоидат мекунад. Ҳамзамон, таҳияи низомҳои электронии мониторинг ва ҳисоботдиҳӣ барои беҳтар кардани назорат аз болои гардиши молиявӣ ва риояи қонунгузорӣ.

3) Мукаммал намудани фаъолияти иштирокчиёни касбӣ дар сохтори низоми молиявӣ, аз ҷумла бонкҳои марказӣ, ниҳодҳои танзими бозори коғазҳои қиматнок ва мақомоти ҳифзи рақобат. Таҳияи механизмҳои мониторинг ва таҳлили хатарҳо барои вокуниши саривақтӣ ба буҳрон ва таҳдидҳои молиявӣ.

4) Рушди технологияҳои молиявӣ ва инноватсия, яъне татбиқ ва танзими технологияҳои нави молиявӣ (fintech), аз қабили blockchain, cryptocurrencies, дороиҳои рақамӣ ва дигар навовариҳо бо назардошти хатарҳо ва манфиатҳои онҳо. Рушди низоми пардохтҳои электронӣ ва асъори рақамӣ, инчунин ҳамгироии онҳо ба низоми молиявӣ.

5) Рушди фарогирии молиявӣ, яъне таъмини дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ барои доираи васеи одамон, аз ҷумла тиҷорати хурд дар сатҳи бархе минтақаҳои деҳот. Эҷоди ҳавасмандгардонӣ ҷиҳати рушди хизматрасониҳои бонкӣ ва қарзӣ барои гурӯҳҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазир, масалан, тавассути маблағгузории хурд ва қарзҳои дастрас.

6) Такмили сиёсати андозӣ ҳамчун самти муҳимми танзими молиявӣ бо фароҳам овардани шароити мусоид барои сармоягузорӣ, рушди имтиёзҳои андозӣ дар бахшҳои афзалиятнок, содагардонии расмиёти андозбандӣ, дастгирии соҳибкорӣ ва тақвияти назорат ҷиҳати коҳиши саркашӣ аз пардохти андозҳо равона карда мешавад.

Муосиргардонии низоми танзими молиявӣ пеш аз ҳама ташаккули муҳити молиявии боэътимод, шаффоф ва устуворро талаб менамояд. Дар ин раванд мутобиқ намудани механизмҳои танзим ба тағйироти иқтисодӣ, таҳкими ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои сармоягузорон ва фароҳамсозии заминаи мусоид барои рушди фаъолияти иқтисодӣ аҳаммияти хос касб мекунад. Такмили қонунгузорӣ, назорати муассир, рушди технологияҳои молиявӣ ва таъмини ҳифзи ҳуқуқӣ барои рушди устувор шароити заруриро фароҳам меорад. Ҳамин тариқ, такмил додани танзими молиявӣ муносибати ҳамаҷонибаро тақозо мекунад, ки ҳам навсозии қонунгузорӣ ва ҳам ҷорӣ намудани технологияҳо ва таҷрибаҳои навро барои таъмини устуворӣ ва шаффофияти низоми молиявӣ дар бар мегирад.

3.2. Усулҳои оқилона гардонидани механизмҳои танзими молиявии рушди иқтисодиёти миллӣ дар шароити муосир


Аз таҳлилҳои анҷомдодашуда бармеояд, ки танзими молиявӣ дар татбиқи сиёсати иқтисодии давлат мавқеи муҳим дошта, барои таъсиррасонӣ ба равандҳои иқтисодӣ ва нигоҳдории суботи макроиқтисодӣ истифода мешавад. Дар шароити тағйирёбии вазъи иқтисоди ҷаҳонӣ,

баланд шудани хавфҳои таваррумӣ, таъсири таҳримҳои байналмилалӣ, афзоиши қарзи давлатӣ ва зарурати таъмини устувории иқтисодӣ истифодаи самараноки усулҳо ва воситаҳои танзими молиявӣ аҳаммияти бештар пайдо мекунад.

Давлат усулҳои молиявиро баҳри рафъи тағйирёбии давравӣ, ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ, назорати таваррум ва таъмини устуворii буҷет истифода мебарад. Гузашта аз ин, густариши равандҳои рақамикунонӣ дар иқтисодиёт ва ба вуҷуд омадани шаклу абзорҳои нави молиявӣ, аз ҷумла криптоактивҳо ва платформаҳои финтек (fintech), зарурати бознигарии механизмҳои мавҷудаи танзимро ба миён оварда, мутобиқ намудани усулҳои анъанавӣ ба талаботи муҳити нави молиявиро тақозо менамояд. Ин аз давлат тақозо мекунад, ки низоми назорати молиявӣ, маъмурияти андоз ва сиёсати буҷетро мунтазам такмил диҳад. Ҳамаи ин танзими молиявиро на танҳо муҳим, балки барои рушди устувори иқтисод аҳаммияти ҳалкунанда мегардонад. Гузашта аз ин, мутахассиси соҳа Силуанов А.Г. қайд менамояд, ки «...масъалаҳои самаранокии сиёсати молиявии давлатӣ, беҳсозии ҳадафҳо, усулҳо ва воситаҳои он аҳаммияти худро гум накарда, аз ҷониби олимон сарфи назар аз марҳилаи давраи иқтисодӣ, аҳаммияти махсус доранд. Онҳо дар давраи буҳрони иқтисодӣ ва ноустуворii макроиқтисодӣ қувват мегиранд. Таконҳои макроиқтисодии берунӣ ва дохилӣ метавонанд устуворii молиявии давлатро халалдор созанд ва ба устуворii нарх ва молия таъсири манфӣ расонанд.

Ин зарурати таҳия ва татбиқи сиёсати дурусти молиявиро дар ҳамоҳангӣ бо сиёсати буҷетию андозӣ ва сиёсати пулию қарзӣ, ки танзимгари асосӣ мебошанд, ба миён меорад»[111, с.7].

Дар баробари ин, вобастагии усулҳои асоси танзими молиявӣ дар расми 3.3 ба таври возеҳ нишон дода шудааст (нигаред ба расми 3.3).




Расми 3.3. - Вобастагии усулҳои танзими молиявии рушди иқтисодиёти миллӣ

Сарчашма: Бо истифода аз омӯзиши адабиёти зерин: [108], [113], [114], [117], [118], [129], [130], [149], [150], [161], [162]

Таҷриба собит месозад, ки яке аз усулҳои асосии танзими молиявӣ ин сиёсати буҷетию андозӣ, ё худ танзими буҷетию андозӣ ба шумор меравад. Сиёсати фискалӣ воситаи асосии танзими давлатии иқтисодиёт ва низоми молиявӣ мебошад. Он дар ноил шудан ба суботи макроиқтисодӣ, таъмини рушди иҷтимоӣ ва ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ нақши муҳим мебозад. Дар низоми сиёсати иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати буҷетӣ нақши муҳим дошта, тавассути он маблағҳои молиявии мавҷуда ҷамъоварӣ ва тибқи самтҳои муайяншудаи рушди кишвар тақсим карда мешаванд. Дар баробари ин, абзорҳои буҷетӣ ба давлат имкон медиҳанд, ки вобаста ба тағйирёбии вазъи иқтисодии дохилӣ ва хориҷӣ қарорҳои заруриро сари вақт қабул намуда, барои маҳдуд намудани таъсири омилҳои манфӣ чораҳои мувофиқро роҳандозӣ намояд.

Танзими буҷетӣ ва андозӣ (сиёсати фискалӣ) самтҳои зеринро дар бар мегирад (ниг. ба расми 3.4).



Расми 3.4. - Танзими буҷетӣ ва андозӣ (сиёсати фискалӣ)
Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Механизми буҷетӣ яке аз самтҳои асосии амалисозии танзими молиявӣ буда, тавассути ҷамъоварии даромадҳо ва самаранок истифода намудани маблағҳои давлатӣ амалӣ карда мешавад. Ба манбаъҳои асосии пуркунии буҷет пардохтҳои андозӣ, боҷҳои гумрукӣ, маблағҳои грантӣ ва қарзӣ дохил мешаванд. Захираҳои молиявии бадастомада дар сатҳи буҷети ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ мутамарказ гардида, барои рушди маорифу

тандурустӣ, бунёд ва такмили инфрасохтор, инчунин иҷрои дигар вазифаҳои иҷтимоию иқтисодии давлат истифода мешаванд.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун иқтисоди рӯ ба рушд сиёсати буҷетӣ аҳаммияти стратегӣ дошта, истифодаи захираҳои давлатӣ на танҳо барои таъмини талаботи ҷорӣ, балки барои фароҳамсозии заминаи рушди устувор ва дарозмуддати иқтисодӣ низ пешбинӣ мегардад. Он ҳамчун воситаи тақсими даромадҳо байни табақаҳои гуногуни аҳолӣ ва минтақаҳо хизмат мекунад, ба паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва нигоҳ доштани суботи иҷтимоӣ мусоидат менамояд. Яке аз ҷанбаҳои асосии сиёсати буҷетӣ ин идоракунии касри буҷет мебошад. Бо ин мақсад ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии маъмурияти андоз, васеъ намудани манбаи андоз ва мубориза бо иқтисодиёти «сиёҳ» (теневая экономика – иқтисоди соягӣ) тадбирҳо андешида мешаванд. Бинобар ин, баланд бардоштани шаффофияти раванди буҷет, пурзӯр намудани назорат аз болои истифодаи мақсадноки маблағҳо ва ҷорӣ намудани низомҳои муосири электронии идоракунии молиявӣ самтҳои муҳим боқӣ мемонанд. Вобаста ба ин, таҷрибаи кишварҳои мутараққӣ имкониятҳои васеи сиёсати буҷетӣ ва андозро дар робита ба таъсиррасонӣ ба равандҳои иҷтимоию иқтисодии ҷомеа нишон медиҳад. Ҳаҷми умумии фондҳои пулии марказонидашуда дар кишварҳои пешрафтаи муосир ба ҳисоби миёна аз 30 то 50% - и ММД ва дар баъзе мавридҳо аз 50% зиёд аст[98], ки ин аз афзоиши нақши танзими давлатии иқтисодиёт шаҳодат медиҳад.

Сиёсати буҷетию андозӣ (фискалӣ) пеш аз ҳама ба сафарбарсозии захираҳои молиявӣ дар заминаи рушди иқтисодӣ равона гардида, барои фароҳам намудани имкониятҳои бештар ҷиҳати қонеъ гардонидани талаботи иҷтимоию иқтисодии ҷомеа хизмат менамояд (нигаред ба расми 3.4). Дар натиҷаи сиёсати буҷетӣ ва андозӣ тақсимоти ММД ба амал бароварда мешавад, ки баробарии сатҳи рушди минтақаҳои гуногуни кишвар ва ба ҳам пайвастани манфиатҳои ҳамаи субъектҳои иқтисодиро таъмин менамояд. Сиёсати андоз - ин консепсияи фаъолияти давлат дар соҳаи андоз, механизми

андоз ва идора кардани низоми андоз мебошад. Асоси сиёсати андозии давлатро самтҳои стратегие, ки банақшагирӣ ва пешгӯии андоз, баҳисобгирии андоз, истеҳсолот ва қонунгузории андозро муайян мекунад, ташкил медиҳад. Ба андешаи мо, танзими фискалии иқтисодиёт бояд маҷмуи тадбирҳои давлатӣ оид ба ҳавасмандгардонӣ ё боздоштани рушди иқтисодӣ, инчунин таъмини суботи макроиқтисодӣ дар кишвар дониста шавад.

Дигар ҷузъи муҳимми танзими фискалӣ муносибатҳои андозӣ мебошанд, ки дар доираи қонунгузории андозии давлат ташаккул меёбанд. Айни замон сиёсати буҷетию андозии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷмуи нишондиҳандаҳои асосии молиявӣ, воситаҳо ва механизмҳои татбиқи онҳоро дар бар гирифта, тавассути фаъолияти мақомоти давлатӣ, ки дорои ваколатҳои дахлдор мебошанд, амалӣ карда мешавад. Аммо, дар мавриди танзими буҷетию андозӣ сухан дар бораи усулҳо ва унсурҳои танзими давлатии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ меравад, ки бо шинос шудан бо марҳилаҳои таҳияи тадбирҳои танзими давлатии иқтисодиёт дар кишварҳои пешрафта баҳо додан мумкин аст.

Тадбирҳои асосии ислоҳоти андоз маҳз иқтидори асосии имтиёзҳои андозро амалан ба охир расонидан мебошад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ дар рушди танзими буҷетӣ ва андозии равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ нишон медиҳад, ки воситаи асосии чунин танзим маъмурияти буҷетӣ ва андоз мебошад. Бо истифода аз механизми буҷет ва андоз рушди иҷтимоию иқтисодии кишварро таъмин кардан мумкин аст. Дар баробари ин, механизми ҷузъӣ лозим аст, ки маълумотро дар бораи то чӣ андоза самаранок будани афзалиятҳо ва имтиёзҳои пешниҳодшуда, ифодаи миқдории таъсири дастгирии молиявӣ барои соҳаҳои алоҳида ё минтақаҳо таъмин намояд. Яъне, тасмимҳои минбаъда дар соҳаи сиёсати буҷет ва андоз бояд ба хулосаҳои таҳлилии маъмурияти буҷет ва андоз асос ёбанд. Дар асоси ин, зарур аст, ки самтҳои асосии консептуалӣ барои пурратар истифода бурдани иқтидори сиёсати буҷет ва андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шаванд. Яке аз тадбирҳои муҳим дар самти бартараф намудани мушкилоти маъмурикунонии

андоз такмили заминаи ҳуқуқии он, аз ҷумла қабули Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав ба ҳисоб меравад. Дар доираи ин раванд Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси меъёрҳои Кодекси андози нав қабулшуда нишондиҳандаҳои дурнамои воридоти андозҳоро ба буҷети давлатӣ барои даврaҳои минбаъда таҳия намудааст.

Бо ҷамъбасти натиҷаҳои ислоҳоти дар соҳаи танзими буҷет ва андоз амалӣ гардида метавон қайд намуд, ки такмили минбаъдаи низоми танзими равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, мувофиқи назарҳои бештари муҳаққиқон, дар доираи ду самти асосӣ бояд амалӣ карда шавад.

Самти якум, такмили воситаҳои идоракунии буҷет ва андозро дар бар мегирад. Дар бораи самаранокии чунин идоракунӣ ҳамчун фишанги асосии танзими буҷет ва андоз аз ҷониби як гурӯҳи олимони рус, ба монанди Юрзинова И.Л., Незамаикин В.Н. назарияҳои мушаххас асоснок карда шудааст. Онҳо чунин мешуморанд, ки «Бо мақсади такмили маъмурияти андоз аз таҷрибаи хориҷӣ ва ватании кор бо андозсупорандагони калон истифода шавад»[147, с.15]. Чунин амалия бо дарназардошти вазъи кунунии иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ амалӣ мешавад.

Самти дуюм, такмили танзими буҷетӣ ва андозӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, истифодаи таҷрибаи байналмилалиро дар бар мегирад.

Ҳамин тариқ, ба андешаи олими ватанӣ Акилов А.А., «...баҳодиҳии таҷрибаи мавҷуда ва дурнамои рушди усулҳои танзими буҷетию андозии равандҳои иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ ва такя ба қонунҳои рушди танзими буҷетию андозӣ дар ҷаҳон, кӯшишҳо бояд ба самтҳои зерин равона карда шаванд:

1. Дар мамлакат сиёсати аниқу аз ҷиҳати илмӣ асосноки буҷетӣ ва андоз тартиб дода, заминаи устувори меъёрию ҳуқуқии он ташаккул дода шавад;

2. Ҳангоми истифодаи воситаҳои сиёсати буҷетӣ ва андозӣ заминаҳои мусоиди объективии тадбиқи усулҳои танзими буҷетӣ ва андоз бояд ба назар гирифта шаванд. Дар ин сурат, бояд хусусиятҳои миллӣ ва вазъи имрӯзаи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба назар гирифта шаванд;

3. Ҳангоми фаъолияти механизми буҷетӣ-андозӣ шароити маъмурӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, молиявии фаъолиятро бо дарназардошти шароити тағйирёбандаи рушди иқтисодиёти миллӣ (минтақавӣ) ва умумиҷаҳонӣ мунтазам такмил додан лозим аст;

4. Ҳангоми татбиқи механизми буҷетӣ-андозӣ, ки натиҷаи сиёсати буҷетӣ-андозии кишвар дар марҳилаи дахлдори рушди иқтисодиёт мебошад, аз як тараф мувозинати байни гаронии андоз ва аз ҷониби дигар, афзоиши қисмати иҷтимоии хароҷоти буҷет муқаррар ва нигоҳ доштан зарур аст»[55].


Мушкилоти муосир, аз қабили таъсири тағйирёбии иқлим, тағйирёбии иқтисоди ҷаҳонӣ, муҳоҷират ва ноустувории нархҳои ҷаҳонӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон тақозо мекунанд, ки стратегияи буҷетӣ устувор бошад. Дар робита ба ин, ҳукумати кишвар бештар ба усули барномавии буҷети мақсаднок таваҷҷуҳ зоҳир мекунад, ки дар он ҳар як соҳаи хароҷот бо натиҷаҳо ва нишондиҳандаҳои мушаххас алоқаманд аст.

Ҳамин тариқ, сиёсати буҷетию андозӣ на танҳо механизм ва усули молиявӣ, балки воситаи стратегии рушди давлат мебошад. Суботи иқтисод, некуаҳволии иҷтимоии шаҳрвандон ва сатҳи эътимод ба ниҳодҳои давлатӣ аз сифати он вобаста аст. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар ҳоли таҳаввулоти иқтисодӣ қарор дорад, сиёсати муассири буҷет асоси ояндаи устувор аст.

Яке аз усулҳои дигари танзими молиявӣ ин сиёсати тарифӣ ба шумор меравад, ки дар такмили танзими молиявии мамлакат нақши ҳалкунанда дорад. Боҷҳои гумрукӣ ба нархи молҳои воридотӣ таъсир мерасонанд, ки сатҳи умумии нархҳоро муайян мекунад. Истифодаи квотаҳои тарифӣ ҳамчун воситаи танзими ҳаҷми воридоту содирот ба идоракунии ҷараёни тиҷорати хориҷӣ мусоидат намуда, метавонад ба сатҳи рақобатпазирии истеҳсолкунандагони ватанӣ ва фароҳамсозии шароити мусоид барои ҷалби

сармоягузорӣ таъсир расонад. Ба таносуби муносибатҳои содироту воридот, ки ҷолибияти сармоягузории бозори дохилиро муайян месозад, сиёсати асъор низ таъсир мерасонад. Устувории қурби пули миллӣ ҳамчун яке аз омилҳои муҳимми таҳкими эътимоди сармоягузорони дохилию хориҷӣ ба муҳити иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад мекунад. Дар навбати худ, таъмини суботи иқтисодӣ ба нигоҳдории устувории нархҳо ва мувозинати молиявӣ вобастагии зич дошта, ноил шудан ба ин ҳадафҳо аз самаранокии ҳамоҳангсозии чораҳои сиёсати пулию қарзии давлат вобаста мебошад. Аз ин рӯ, усул ва механизми муҳимтарине, ки танзими молиявӣ аз он вобастагии ҷудонашаванда дорад, ин сиёсати пулию қарзӣ мебошад.

Дар аксари кишварҳо сиёсати пулию қарзӣ ҳамчун яке аз воситаҳои асосии танзими иқтисодӣ ва нигоҳдории суботи нархҳо ба роҳ монда шуда, татбиқи он ба таври умум ба зиммаи бонкҳои марказӣ гузошта мешавад. Ин ниҳодҳо дар доираи мустақилияти муқарраргардидаи худ фаъолият намуда, барои ҳамоҳангсозии сиёсати пулию қарзӣ бо мақомоти қонунгузор ва иҷроия ҳамкорӣ мекунанд. Натиҷаҳои таҳлили фаъолияти сиёсати пулию қарзӣ дар даҳсолаи охир нишон медиҳанд, ки вазифаҳои он тадриҷан васеъ гардида, дар баробари таъмини устувории нархҳо, ба таҳкими суботи молиявӣ, дастгирии шуғл, баланд бардоштани эътимод ба низоми пардохт ва мусоидат ба рушди иқтисодӣ низ равона шудаанд. Бонки марказӣ ё миллӣ дар идоракунии ҳаҷми пул, меъёрҳои фоизӣ ва таваррум нақши асосиро мебозад. Паст кардани меъёри асосӣ метавонад ба арзон шудани қарзҳо ва ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ мусоидат кунад, дар ҳоле ки афзоиши меъёри асосӣ фишори таваррумро маҳдуд мекунад. Татбиқи дуруст ва мақсадноки воситаҳои сиёсати пулию қарзӣ имконият медиҳад, ки устувории низоми қарзӣ дар муқобили таъсири омилҳои дохилӣ ва беруна таҳким ёфта, суботи низоми молиявӣ нигоҳ дошта шавад. Дар натиҷа, барои коҳиш додани осебпазирии низоми молиявӣ ва таъмини суботи молиявӣ заминаи муносиб фароҳам мегардад. Усулҳои сиёсати пулию қарзӣ дар расми 3.5 оварда шудааст (нигаред ба расми 3.5).



Расми 3.5. - Усулҳои сиёсати пулию қарзӣ
Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Мавриди ба зикр аст, ки фишанги асосие, ки Бонки миллӣ барои танзими молиявӣ истифода мебарад, ин воситаҳои сиёсати пулию қарзӣ буда, бо ёрии онҳо ба равандҳои иқтисодии кишвар таъсир мерасонад. Аслан, Бонки миллии Тоҷикистон ду намуди воситаро истифода мебарад: таъсири бевосита (маъмурӣ) ва бавосита (иқтисодӣ). Дар байни воситаҳои таъсиррасонии мустақим эмиссияи пулӣ ва амалиёт оид ба бозори озодро дохил мекунанд. Дар байни воситаҳои таъсири ғайримустақим метавон меъёри бозтамвил ва меъёри захираи ҳатмиро ҷудо кард. Илова бар ин, воситаҳои маъмурӣ низ истифода мешаванд[148, 92]. Таснифи муфассали воситаҳои сиёсати пулию қарзӣ дар расми 3.6 оварда шудааст (нигаред ба расми 3.6).



Расми 3.6. - Востиҳои асосии сиёсати пулию-қарзӣ
Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Хусусиятҳои низоми воситаҳои сиёсати пулию қарзӣ дар ду мавқеъ ҷойгиранд: якум, он бояд устувории бозори пулро таъмин намояд, дуюм, ташкилотҳои қарзиро барои идоракунии самаранокии амалиёти бонкӣ ҳавасманд намояд. Воситаҳои асосии сиёсати пулию қарзиро баррасӣ намуда, «нақши институтҳои молиявиро дар ин раванд муайян намуда, мушоҳида менамоем, ки чӣ гуна Бонки миллӣ ҳамчун муассисаи асосии молиявӣ дар татбиқи сиёсати пулию қарзӣ ба як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ такя мекунад, аз ҷумла:

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон», аз 28 июни соли 2011 № 722 ва 26 декабри соли 2011 № 782;

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ», аз 19 майи соли 2009 № 524;

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохт», аз 24 феврали соли 2017 № 1397;

- «Стратегияи сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025».


- «Стратегияи рушди низоми пардохти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015 -2025», аз 31 октябри соли 2014, № 679 [163];

- Дастурамал № 90 «Дар бораи суратҳисобҳои амонатии бонкӣ дар бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», аз 25.04.2005 с. [2];

- Дастурамал №146 «Дар бораи тартиби кушодан ва пешбурди суратҳисобҳои асъории шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ аз ҷониби бонкҳо», аз 10 феврали соли 2006, № 46 [1] ва ғайра [5], [7], [8], [9], [11]»[161].

Аз мавқеи БМТ дурнамои сиёсати пулию қарзии кишвар барои давраи миёнамуҳлат ва дарозмуддат таҳия гардида, тибқи моддаи 57 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардида, баъдан тибқи параметрҳои зикргардида амалӣ карда мешавад. БМТ дар танзими низоми молиявии кишвар нақши муҳим дорад.

Ҳадафи асосии он таъмини суботи молиявӣ, нигоҳ доштани эътимод ба пули миллӣ ва рушди бахши бонкӣ мебошад. (нигаред ба расми 3.7).



Расми 3.7. - Танзими молиявӣ тавассути Бонки миллии Тоҷикистон

Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Такмил додани усулу механизмҳои танзими молиявии тараққиёти хоҷагии халқ муносибати комплексиро талаб мекунад, ки он инкишофи институтҳои молиявӣ, такмили заминаи қонунгузорӣ, истифодаи самарабахши воситаҳои буҷет ва андоз, инчунин коркарди технологияи нави идоракунии равандҳои иқтисодиро дар бар мегирад. Тадқиқот собит месозад, ки барои самаранокии танзими молиявиро ба вуҷуд овардан такмили сиёсати фискалӣ зарур аст. Мусаллам аст, ки сиёсати фискалӣ дар рушди иқтисоди ҳар як кишвар, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, нақши калидӣ дорад. Дар шароити маҳдуд будани захираҳои дохилӣ, эҳтиёҷоти баланди иҷтимоӣ ва мушкилоти берунии иқтисодӣ идоракунии самараноки низоми буҷет ва андоз аҳаммияти ниҳоят калон пайдо мекунад. Аз ин лиҳоз, такмили сиёсати буҷетӣ бархӯрди ҳамаҷонибаеро тақозо мекунад, ки хусусиятҳои хоси иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин таҷрибаи ҷаҳонӣ дар соҳаи идоракунии андоз, танзими давлатӣ ва банақшагирии буҷетро ба инобат мегирад. Баҳри баланд бардоштани самаранокии сиёсати андозию буҷетӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд самтҳои асосиро ба инобат гирифтан лозим аст, ки ҳар кадоми онҳо бояд бо асоснокии илмӣ дастгирӣ карда шаванд.

Яке аз мушкилоти аслии сиёсати буҷетии Тоҷикистон ҳоло ҳам кам будани манбаъ ва ё сарчашмаҳои иловагии андоз аст. Барои ҳалли ин масъала метавон принсипҳои низоми андозбандиро истифода бурд, ки он бояд фаъолияти иқтисодиро ҳавасманд намуда, даромади кофии буҷетро таъмин намояд. Гузариш ба шаклҳои муосири маъмурикунонии андоз, ки ба технологияҳои рақамӣ ва низомҳои автоматии назорат такя мекунанд, метавонад идоракунии муносибатҳои андозиро самараноктар гардонад. Ин раванд барои беҳтар шудани иҷрои уҳдадориҳои андозӣ, маҳдуд намудани қонунвайронкуниҳо ва афзоиши самаранокии воридоти андоз ба буҷет мусоидат хоҳад кард. Васеъшавии истифодаи эъломияҳои электронӣ, инчунин ҷорӣ намудани мошинҳои назоратӣ-кассавӣ ва дигар воситаҳои муосир, ки низоми андозро шаффофтар ва барои ҳамаи иштирокчиёни иқтисодиёт дастрас мегардонад, қадами муҳим хоҳад буд. Масъалаи дигар,

ин истифодаи самараноки маблағҳои буҷетӣ мебошад, ки ҷузъи муҳимтарини сиёсати фискалӣ ба шумор меравад. Барои ноил шудан ба ин зарур аст, ки самтҳои афзалиятноки хароҷотро дақиқ баррасӣ намуда, ба ҳадафҳои дарозмуддати рушди иқтисодӣ ва суботи иҷтимоӣ диққат дода шавад. Барои баланд бардоштани самаранокии хароҷоти давлатӣ принсипҳои баҳодиҳӣ ва назорат аз болои сарфи маблағҳоро ҷорӣ кардан зарур аст. Усули мақсадноки буҷети барномавӣ, ки дар бисёре аз кишварҳои дорои иқтисодашон пешрафта истифода мешавад, имкон медиҳад, то захираҳо ба лоиҳаҳое, ки таъсири бештари иҷтимоӣ доранд, инчунин назорати иҷрои онҳо дар тамоми марҳилаҳо равона карда шаванд.

Тавре тадқиқотҳо оид ба рушди иқтисодӣ нишон медиҳанд, кишварҳое, ки танзимро дар самти тиҷорати хурду миёна хуб ба роҳ мемонанд ва сармоягузорӣ мекунанд, метавонанд суръати рушди худро ба таври қобили мулоҳиза суръат бахшанд. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон фароҳам намудани муҳити мусоид барои фаъолияти бахши хусусӣ метавонад ба васеъ гардидани манбаи даромадҳои андозӣ, зиёд шудани ҷойҳои нави корӣ ва баландшавии сатҳи некуаҳволии аҳолӣ мусоидат намояд. Ҳамзамон, барои таҳкими ҷолибияти сармоягузории кишвар такмили заминаи ҳуқуқӣ ва содагардонии расмиёти маъмурӣ аз ҷумлаи тадбирҳои муҳим ба ҳисоб мераванд. Фароҳам овардани низоми имтиёзҳои андозӣ барои сармоягузорон дар баробари осон намудани расмиёти бақайдгирии субъектҳои соҳибкорӣ метавонад муҳити сармоягузориро ҷолибтар гардонад.

Дигар усули асосие, ки танзими молиявӣ тавассути он анҷом дода мешавад, ин сиёсати пулию қарзӣ мебошад. Бинобар ин, такмили санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ аз ҷониби БМТ дар ин самт шарт ва зарур шуморида мешавад. Ба андешаи мо, барои такмили ин усул БМТ бояд механизмҳои чандирро ҷиҳати идоракунии таваррум, тағйирёбии қурби асъор ва ҳавасмандгардонии фаъолияти иқтисодӣ истифода барад. Муҳим аст, ки онҳо ба дигаргуниҳои иқтисодӣ зуд ҷавоб диҳанд. Ҳамзамон, дар ин масоил бояд дастгирии бозорҳои молиявӣ мавҷуд бошад. Яъне, рушди инфрасохтори

бозори молиявӣ бо мақсади фароҳам овардани шароит барои ҷалби сармоя, аз ҷумла рушди бозори қарз ва саҳмияҳо, инчунин дастгирии биржаҳои фондӣ ва ғайра.

Ҳамзамон, сиёсати пулию қарзӣ (СПҚ) ҳамчун яке аз абзорҳои муҳимми танзими макроиқтисодӣ ба ҳисоб рафта, тавассути он Бонки миллии Тоҷикистон ва Ҳукумати кишвар ба равандҳои иқтисодӣ таъсир мерасонанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба гурӯҳи кишварҳои рӯ ба тараққӣ дохил мешавад, сиёсати муосири пулию қарзӣ дар таъмини рушди иқтисодӣ, маҳдуд намудани фишорҳои таваррумӣ, таҳкими устувории молиявӣ ва беҳтар намудани дастрасии аҳолӣ ва субъектҳои соҳибкорӣ ба қарзҳои бонкӣ аҳаммияти муҳим дорад. Бо вуҷуди ин, баланд бардоштани самаранокии СПҚ амалӣ намудани маҷмуи тадбирҳои иловагиро тақозо менамояд, ки онҳо аз чунин самтҳо иборатанд:

- ✓ нигоҳдории устувории пули миллӣ ва таҳкими боварии ҷомеа ба арзиши он;
- ✓ истифодаи воситаҳои муассир барои танзим ва маҳдуд намудани сатҳи таваррум;
- ✓ таҳкими низоми бонкӣ ва такмили раванду механизмҳои пешниҳоди қарз;
- ✓ навсозии инфрасохтори бонкӣ ва густариши истифодаи технологияҳои муосир дар соҳаи бонкдорӣ;
- ✓ баланд бардоштани дониш ва саводи молиявии аҳолӣ.

Бояд таъкид намуд, ки дар шароити афзоиши номуайянӣ ва тағйироти босуръати муҳити иқтисодии ҷаҳонӣ низомҳои молиявии муосир ба таъсири омилҳои гуногун ва хавфҳои эҳтимолӣ бештар ҳассос мешаванд. Дар миёни чунин хавфҳо, эҳтимоли ба вуҷуд омадани буҳронҳои низомӣ метавонад ба устуворӣ ва фаъолияти муътадили низоми молиявӣ таъсири назаррас расонад. Дар посух ба ин мушкилот дар тамоми ҷаҳон нақши сиёсати макропруденсиалӣ, маҷмуи тадбирҳое, ки ба таъмини суботи низоми молиявӣ нигаронида шудаанд, меафзояд. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон

ҳамчун кишвари дорои иқтисодаш рӯ ба тараққӣ, ки ҳиссаи зиёди омилҳои беруна таъсир мерасонад, ин сиёсат на танҳо ба як унсури зарурии танзим, балки ба воситаи стратегии таъмини суботи молиявӣ низ табдил меёбад. Дар ин ҳошия, бояд қайд кард, ки «...сиёсати макропруденсиалӣ - маҷмуи чораҳои эҳтиётие мебошад, ки барои коҳиш додани хавфҳои низоми молиявӣ равона шудааст. Вобаста ба ин, сиёсати макропруденсиалӣ бо роҳи назорат бурдан, баҳодиҳӣ ва коҳиш додани хавфҳои низом ҷиҳати пурзӯр намудани устувории молиявӣ ва баланд бардоштани нақши бахши молиявӣ дар рушди иқтисодиёти кишвар татбиқ гардида, баҳри таъмини суботи молиявӣ мусоидат менамояд»[161]. Мутобиқи «...моддаи 6-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон», яке аз вазифаҳои асосии БМТ ин таҳияи сиёсати макропруденсиалӣ ва назорати иҷрои он мебошад. Механизми татбиқи сиёсати макропруденсиалӣ мутобиқи асосҳои сиёсати макропруденсиалии БМТ (Қарори Раёсати БМТ №95 аз 12.07.2016) ба роҳ монда мешавад.

Тибқи маълумотҳои БМТ раванди қабули қарорҳои сиёсати макропруденсиалӣ чаҳор даврароро дар бар мегирад:

- муайянкунӣ ва баҳодиҳии хавфҳои низом;
- интихоби фишангҳои макропруденсиалӣ;
- татбиқи фишангҳои макропруденсиалӣ;
- баҳодиҳии фишангҳои макропруденсиалӣ»[161].

Бо мақсади татбиқи самараноки ҳадафҳои сиёсати макропруденсиалӣ, Бонки миллии Тоҷикистон маҷмуи абзорҳо ва механизмҳои дахлдорро истифода менамояд, ки ҳангоми таҳияи онҳо тавсияҳои Кумитаи суботи молиявӣ ва натиҷаҳои арзёбии хавфҳои эҳтимолии низоми молиявӣ ба инобат гирифта мешаванд. Сиёсати макропруденсиалӣ асосан ба коҳиш додани эҳтимолияти пайдоиши буҳронҳои молиявӣ дар оянда нигаронида шуда, ҳадафи он пурра аз байн бурдани ҳамаи хавфҳо нест. Бо вуҷуди ин, нақши он дар таъмини устувории низоми молиявӣ, рушди соҳа ва такмили равандҳои танзими молиявӣ хеле муҳим мебошад (ниг. ба ҷадвали 3.2).

Ҷадвали 3.2. - Сиёсати макропруденсиалӣ ва нақши БМТ дар танзими молиявии мамлакат

Доираи танзим	Воситаҳо ва тадбирҳо	Нақши БМТ	Хусусиятҳо дар шароити Тоҷикистон
Устувории молиявӣ	-Мониторинги хатарҳои системавӣ; - Пешниҳоди ҳисобот оид ба устувории молиявӣ	Маркази таҳлил ва пешгирии буҳронҳои молиявӣ	Ҳассосияти баланди иқтисодиёт ба зарбаҳои беруна (интиқоли маблағҳои муҳоҷирон, воридот)
Хавфи асъорӣ	- Маҳдуд кардани мавқеъҳои кушодаи асъор; - Талабот ба захираҳо аз рӯи дороиҳои асъорӣ	Паст кардани осебпазирии асъори низоми бонкӣ	Долларизатсияи баланди иқтисодиёт ва қарздиҳӣ
Буферҳои сармоя	- буфери зиддисиклии сармоя - зиёд намудани талабот ба сармояи бонкҳои аз ҷиҳати системавӣ муҳим	Таъмини устувории бонкҳо дар шароити буҳронӣ	Дастрасии маҳдуд ба маблағгузории беруна
Маҳдудиятҳои қарзӣ	- LTV (Loan-to-Value)- DTI (Debt-to-Income)	Назорати афзоиши қарздиҳии истеъмолӣ ва ипотека	Паст кардани хатари «гармшавии» (перегрева) бозори қарзӣ
Пардохтпазирии бонкҳо	- Меъёрҳои пардохтпазирӣ (LCR, NSFR) - Назорати уҳдадориҳои кӯтоҳмуддат	Муҳофизати бонкҳо аз хуруҷи ногаҳонии пасандозҳо	Вобастагии баланд ба пасандозҳои чакана
Назорат ва санҷиши стресс	- Санҷишҳои мунтазами стресс; - Назорати бар асоси хавф	Муайян кардани камбудиҳои бонкҳо пеш аз буҳрон	Захираҳои маҳдуд барои назорати ҳамаҷониба
Ҳамоҳангсозии институтсионалӣ	- Ҳамкорӣ бо Вазорати молия, Агентии суғуртаи пасандозҳо ва ғайра.	Ҳамоҳангсозии чораҳо оид ба пешгирии хатарҳои системавӣ	Баланд бардоштани нақши муколамаи байниидоравӣ
Сиёсати иттилоотӣ	- Нашрияҳо, пресс-релизҳо, гузоришҳои устуворӣ; - Иртибот бо бозорҳо ва аҳолӣ	Баланд бардоштани эътимод ба низоми молиявӣ	Набудани саводнокии молиявӣ дар байни аҳолӣ

Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Ҳамин тариқ, сиёсати макропруденсиалӣ ба яке аз воситаҳои асосии рушди устувори низоми молиявии Тоҷикистон табдил меёбад. Дар иқтисоди кушода, ки ба таъсири омилҳои беруна ва маҳдудиятҳои сохторӣ дучор мегардад, таҳкими механизмҳои танзими молиявӣ аҳаммияти хос пайдо мекунад. Татбиқи чунин механизмҳо метавонад ба пешгирии хавфҳои буҳронӣ, коҳиш додани осебпазирии низоми бонкӣ ва таъмини ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои амонатгузорон ва қарзгирандагон мусоидат намояд. Таҳияи ин сиёсат ислоҳоти пайваста, сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ ва ҳамкории фаъоли танзимгарон ва иштирокчиёни бозори молиявиро тақозо мекунад.

Ҳамин тавр, баланд бардоштани самаранокии танзими молиявӣ ба ташаккули институтҳои боэътимод ва устувор вобаста буда, онҳо бояд тавонанд ба тағйироти муҳити иқтисодӣ сари вақт мутобиқ шуда, таъсири хавфҳои эҳтимолиро маҳдуд намоянд, то онҳо ба тағйироти босуръати муҳити иқтисодӣ сари вақт мутобиқ шуда, ниёзҳои соҳибкорон ва аҳолиро ба инобат гирифта ва барои рушди мутавозини тамоми бахшҳои иқтисоди миллӣ шароити мусоид фароҳам созанд.

3.3. Дурнамои такмили танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030

Тавре дар таҳқиқотҳо собит намуданд, ки низоми танзими молиявӣ дар раванди таъмини суботи иқтисодӣ ва таҳкими устувории молиявии кишвар аҳаммияти хос дошта, барои рушди мутавозини иқтисоди миллӣ заминаи зарурӣ фароҳам меорад. Пеш аз ҳама, ҳадафи асосии он таъсиси низоми самаранокии назорат аз болои фаъолияти муассисаҳои молиявӣ, инчунин таъмини шаффофияти гардиши молиявӣ мебошад. Ба андешаи мо, яке аз самтҳои афзалиятнок ин ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ ба амалияи назоратӣ мебошад. Истифодаи технологияҳои рақамӣ, масалан, зеҳни сунъӣ имкон медиҳад, ки назорати муассиртари муомилоти молиявӣ роҳандозӣ карда шавад.

Илова бар ин, ҳамкории байналмилалиро дар соҳаи танзими молиявӣ таҳким бахшидан зарур аст. Заминаи ҳуқуқӣ низ як ҷанбаи муҳим дар самти мазкур боқӣ мемонад. Дар маҷмуъ, такмили танзими молиявӣ бояд ба рушди технологӣ баробар бошад, тамоюлҳои ҷаҳониро ба инобат гирад ва мувозинати байни назорат ва рушди бахши молиявиро таъмин намояд. Дар ин замина, бояд қайд кард, ки танзими молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таъмини суботи иқтисодӣ, шаффофияти низоми молиявӣ ва ҷалби сармоя нақши асосиро мебозад. Дар шароити муосир таҳти таъсири афзояндаи омилҳои иқтисодии беруна, рушди босуръати равандҳои рақамикунонӣ ва зарурати нигоҳдории рушди устувор, такмили усулҳо ва механизмҳои танзими молиявӣ ба яке аз масъалаҳои муҳимми сиёсати иқтисодии давлатҳо табдил ёфтааст.

Дар асоси таҳлили боби дуюми рисола маълум гардид, ки яке аз вазифаҳои асосӣ ин пурзӯр намудани назорат ба бахши бонкӣ мебошад. БМТ ҷиҳати таҳкими суботи молиявии бонкҳо, татбиқи стандартҳои байналмилалии баҳисобгирии муҳосибӣ (СБҲМ) ва баланд бардоштани эътимоди мардум ба муассисаҳои молиявӣ фаъолона кор мебарад. Бо вуҷуди ин, мушкилот бо саводнокии нокифояи молиявӣ, дастрасии маҳдуд ба хизматрасониҳои бонкӣ дар минтақаҳои дурдаст, инчунин осебпазирии низом ба зарбаҳои беруна боқӣ мондаанд. Тамоюлҳои муосир, пеш аз ҳама, дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷорӣ намудани технологияҳои рақамиро дар танзим ва назорат талаб мекунанд. Рушди бахши технологияҳои молиявӣ ва низомҳои пардохтҳои электронӣ мутобиқсозии чаҳорчӯби меъёриро тақозо менамояд. Таъмини амнияти киберӣ, ҳифзи истеъмолкунандагон ва мубориза бо пулшӯӣ, махсусан, дар заминаи афзоиши интиқоли фаромарзӣ аз муҳоҷирони корӣ муҳим аст. Такмили танзими молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба принсипҳои шаффофият, мутобиқшавии технологӣ ва назорати мутавозини давлатӣ асос ёбад. Ин суботи бахши молиявиро таъмин намуда, барои рушди устувори иқтисодии кишвар шароит фароҳам меорад. Аз ин рӯ, бо дарназардошти шароити тағйирёбандаи иқтисодӣ, омӯзиши

дурнамои рушди танзими молиявии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати таҳлили амиқи низоми мавҷуда, муайян намудани самтҳои такмили он ва арзёбии таъсири омилҳои асосии ба ин раванд таъсиррасонро ба миён меорад. Бо дарназардошти ин, истифодаи усулҳои муосири таҳлилӣ ва арзёбии омилҳои таъсиррасон метавонад ба ҳадафҳои таҳқиқоти мазкур мувофиқ буда, барои ба даст овардани натиҷаҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок замина фароҳам созад. Талаботи таҳқиқоти муосир низ истифодаи васеи усулҳои самараноки таҳлил ва баҳодиҳиро тақозо менамояд. Аз ин рӯ, дар марҳилаи минбаъдаи таҳқиқот усули моделсозии риёзию иқтисодӣ ба кор гирифта шуда, тавассути таҳлили коррелятсионӣ ва регрессионӣ робитаи байни нишондиҳандаҳои интихобшуда ва дараҷаи таъсири омилҳои асосӣ муайян карда мешавад.

Мусаллам аст, ки дар давраи рушди бемайлони нишондиҳандаҳои иқтисодӣ таснифи нишондиҳандаҳои ба ҳамдигар вобаста ва алоқамандидошта яке аз равишҳои боэътимоди тадқиқотҳои илмӣ дар замони муосир ба ҳисоб мераванд. Вобаста ба ин, дар марҳилаи мазкури таҳқиқот барои муайян намудани хусусият ва дараҷаи таъсири омилҳои молиявӣ ба рушди иқтисодӣ таҳлили коррелятсионӣ-регрессионӣ истифода карда мешавад. Дар доираи таҳлил нишондиҳандаҳои даромадҳои буҷети давлатӣ, воридоти андозҳо, хароҷоти буҷетӣ, ҳаҷми қарзи давлатии беруна ва таносуби ҳаҷми қарзҳои пешниҳоднамудаи ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба ММД мавриди омӯзиш қарор мегиранд. Интихоби чунин нишондиҳандаҳо ба нақши онҳо дар ташаккул ва татбиқи механизмҳои танзими молиявӣ вобаста буда, таҳлили робитаи байни онҳо барои арзёбии таъсири омилҳои молиявӣ ба равандҳои рушди иқтисодӣ аҳаммияти амалӣ дорад.

Аз ин рӯ, истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ дар якҷоягӣ бо усулҳои иқтисодӣ-риёзии таҳлил дар раванди таҳқиқоти илмӣ ҳамчун яке аз ҷузъҳои муҳим ва зарурии таъмини натиҷагирии асоснок ба ҳисоб меравад.

Дар навбати аввал, барои тартиб додани модели коррелятсиониву регрессионӣ маълумотҳои омории ибтидоиро ҷамъоварӣ намуда, маҷрои омориро муаяйн месозем, ки онҳо тавонанд маҷрои хаттиро ташкил намоянд.

Ҳамин тавр, маълумотҳои омории расмии дар расонаҳои пешниҳодшудаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро истифода менамоем, ки дар ташаккули равандҳои танзими молиявии рушди иқтисодиёти кишвар саҳм доранд (ниг. ба ҷадвали 3.3).

Ҷадвали 3.3. - Нишондиҳандаҳои иқтисодӣ-молиявӣ

Солҳо	Y	X_1	X_2	X_3	X_4	X_5
2017	64434,3	19955,4	13099,6	22264,2	2879	8 506
2018	71059,2	23925,4	14564,9	24187,4	2 924,20	8 677
2019	79109,8	23469,4	15775,4	23806,6	2925,3	9 703
2020	83958,3	25064,9	15366,5	24812,5	3243,7	10 882,50
2021	101076	30053,8	19669,5	29342,7	3299,3	11 970,30
2022	118182	36056,8	21824,2	35338,9	3228,3	13 577,50
2023	130792	43903,4	25769,1	43034,8	3243,3	17 844,80
2024	153402	46613,9	29129,1	45836,1	3187,6	21 376,90
У - ММД, млн. сомонӣ; X_1 -ҳаҷми умумии даромади буҷети давлатӣ, млн. сомонӣ; X_2 - воридоти андозҳо, млн. сомонӣ; X_3 - хароҷоти буҷети давлатӣ, млн. сомонӣ; X_4 - қарзи давлатии хориҷӣ (беруна), млн. доллари ИМА; X_5 - ҳаҷми пешниҳоди қарзҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ, млн. сомонӣ.						

Сарчашма: Дар асоси адабиёти [27], [28], [29], [30], [160]

Ба назари мо, динамикаи ММД бо таъсири маҷмуи омилҳои молиявӣ алоқаманд буда, дар байни онҳо даромадҳои умумии буҷети давлатӣ, ҳаҷми воридоти андозӣ, хароҷоти буҷетӣ, қарзи давлатии беруна ва ҳаҷми қарзҳои аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ пешниҳодшуда аҳаммияти назаррас доранд. Маҳз тағйирёбии ин нишондиҳандаҳо метавонад ба равандҳои ташаккул ва рушди иқтисоди миллӣ таъсир расонад.

Барои тафтиши гипотезаи мазкур аз усулҳои риёзии таҳлили маълумотҳои ададӣ, аз қабили усулҳои таҳлили коррелятсионӣ-регрессионӣ ва ошкорсозии вобастагиҳои натиҷаю сабабӣ истифода хоҳем намуд.

Пеш аз таҳлили регрессионнии нишондиҳандаҳои молиявии кишвар зичии алоқамандии нишондиҳандаҳои молиявиро дар ташаккули ММД тавассути таҳлили коррелятсионӣ анҷом медиҳем, ки то чӣ андоза байни ҳам алоқаманд будани нишондиҳандаҳоро арзёбӣ менамояд. Бинобар ин, тавассути матритсаи коэффитсиентҳои коррелятсияи ҷуфт алоқамандии нишондиҳандаҳои молияро арзёбӣ менамоем.

Бо истифода аз воситаҳои муосири таҳлили маълумотҳои ададӣ ҷадвали матритсаи коэффитсиентҳои коррелятсияи ҷуфтро дар ҷадвали зерин ҳосил мекунем (ниг. ба ҷадвали 3.4).

Ҷадвали 3.4. - Матритсаи коэффитсиентҳои коррелятсияи ҷуфт

	Y	**X_1**	**X_2**	**X_3**	**X_4**
X_1	0,9859				
X_2	0,9939	0,9914			
X_3	0,9803	0,9969	0,9890		
X_4	0,6739	0,6389	0,6271	0,5960	
X_5	0,9784	0,9750	0,9818	0,9787	0,5936

Сарчашма: Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумотҳои ҷадвали 3.3.

Дар асоси маълумотҳои матритсаи коэффитсиентҳои коррелятсияи ҷуфт дида мешавад, ки нишондиҳандаҳои молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ММД дар алоқамандии зич қарор дорад, чунки ҳамаи коэффитсиентҳои коррелятсияи ҷуфт ба як наздик аст ва мувофиқи ҷадвали зерин алоқамандии зич арзёбӣ карда мешавад (ниг. ба ҷадвали 3.5).

Ҷадвали 3.5. - Критерияҳои ададии баҳои коэффисиенти коррелятсия

Бузургии коэффитсиенти коррелятсия	**Хусусияти алоқамандӣ**
(±0,1; ±0,3]	Мавҷуд нест
(±0,3; ±0,5]	Суст
(±0,5; ±0,7]	Миёна, муътадил
(±0,7; ±1]	Зич, бениҳоят зич


Сарчашма: Дар асоси адабиёти [37, с.14]

Мувофиқи критерияҳои зичии алоқамандӣ нишондиҳандаи X_4 - қарзи давлатии хориҷӣ (беруна) бо аломати натиҷавии ММД алоқамандии миёна дорад, бинбар ин онро аз таҳлили коррелятсионӣ хориҷ менамоем.

Дар як вақт нишондиҳандаҳои омилӣ (X_1-X_4) байни худ дар алоқамандии зич қарор доранд, ки ин боиси ба вуҷуд омадани муаммои мултиколлинеарӣ мегардад. Барои баратараф кардани ин муаммо бояд якчанд нишондиҳандаҳои омилиро аз модел хориҷ намоем. Бинобар ин, ба мақсад мувофиқ аст, агар яке аз омилҳоро, масалан X_3-хароҷоти буҷети давлатиро аз таҳлили минбаъда хориҷ намоем.

Азбаски коэффитсиентҳои коррелятсияи хаттӣ ба як наздиканд, бинобар ин, модели регрессияи маҷмуиро дар намуди хаттӣ тадқиқ менамоем. Барои хаттӣ будани тамоюли дарозмуддати нишондиҳандаҳои соҳаи молияи кишвар онҳоро дар диаграммаи зерин ҷойгир менамоем (ниг. ба диаграммаи 3.1).

Диаграммаи 3.1. - Тамоюли нишондиҳандаҳои молиявӣ



Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Аз диаграммаи 3.1 бараъло дида мешавад, ки нишондиҳандаҳои мавриди тадқиқ тамоюли саҳеҳи хаттӣ доранд, бинобар ин модели регресссияи маҷмуиро дар шакли хаттӣ тадқиқ менамоем, ки намуди умумиаш чунин аст:

$$Y=a+bx_1+cx_2+dx_5+\varepsilon \qquad (1)$$

дар ин ҷо:

Y - ММД, млн сомонӣ;

X_1 - ҳаҷми умумии даромади буҷети давлатӣ, млн. сомонӣ;

X_2 - воридоти андозҳо, млн. сомонӣ;

X_5 - ҳаҷми пешниҳоди қарзҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ, млн. сомонӣ.

Пас, дар таҳлилу арзёбиҳои овардашуда: *a, b, c, d* – параметрҳои муодилаи регрессияи маҷмуӣ ва ё коэффитсиентҳои регрессияи маҷмуӣ буда, мақсади асосии тадқиқот баҳо додани ин параметрҳо маҳсуб меёбад; ε - саҳви стандартӣ ва ё бузургиҳои тасодуфие, ки дар модел ворид карда нашудаанд.

Барои арзёбии параметрҳои ҷусташаванда, ки қонунияти алоқамандии ММД-ро аз нишондиҳандаҳои асосии соҳаи молияи кишвар ифода менамоянд, усулҳои зиёде мавҷуданд, ки натиҷаи айнан якхела медиҳанд. Аз байни онҳо усули кавадратҳои хурдтаринро интихоб менамоем, ки он ҳалли системаи нормалии муодилаҳои зеринро талаб мекунад:

$$\begin{cases} \sum y = na + b\sum x_1 + c\sum x_2 + d\sum x_3, \\ \sum yx_1 = a\sum x_1 + b\sum x_1^2 + c\sum x_1x_2 + d\sum x_1x_3, \\ \sum yx_2 = a\sum x_2 + b\sum x_1x_2 + c\sum x_2^2 + d\sum x_2x_3, \\ \sum yx_3 = a\sum x_3 + b\sum x_1x_3 + c\sum x_2x_3 + d\sum x_3^2, \end{cases} \qquad (2)$$

Аз сабаби қиматҳои калон ҳосил шудан дар натиҷаи иҷрои амалҳои риёзӣ нисбат ба системаи муодилаҳои (2), лозим шуморидем, ки танҳо натиҷаҳои арзёбишудаи параметрҳои мавриди тадқиқро манзур намоем:

$$a = -136{,}565;\ b=0{,}247;\ c=4{,}143;\ d=0{,}963.$$

Аз ин ҷо модели мавриди арзёбӣ дар намуди муодилаи бисёромилаи хаттӣ намуди зеринро мегирад:

$$Y = -136{,}565 + 0{,}247x_1 + 4{,}143x_2 + 0{,}963x_5 + \varepsilon \qquad (3)$$

Аз сабаби манфӣ будани параметри *a = -136,565* он шарҳи иқтисодӣ надорад. Қимати параметри b=0,247 нишон медиҳад, ки дар сурати афзоиш ёфтани ҳаҷми умумии даромади буҷет ба андозаи 1 миллион сомонӣ, ҳангоми доимӣ боқӣ мондани дигар омилҳо, ҳаҷми ММД ба ҳисоби миёна 0,247 миллион сомонӣ зиёд мегардад. Параметри c=4,143 аз он шаҳодат медиҳад, ки бо зиёд шудани воридоти андозӣ ба 1 миллион сомонӣ ва бетағйир мондани дигар омилҳои таъсиррасон, ҳаҷми ММД метавонад ба андозаи 4,143 миллион сомонӣ афзоиш ёбад. Дар навбати худ, параметри d=0,963 нишон медиҳад, ки афзоиши пешниҳоди қарзҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба андозаи 1 миллион сомонӣ, дар сурати доимӣ будани дигар омилҳо, боиси афзоиши ҳаҷми ММД ба ҳисоби миёна ба андозаи 0,963 миллион сомонӣ мегардад.

Индекси коррелятсияи маҷмуиро метавон ба сифати ченаки зичии алоқамандии аломати натиҷавии ММД бо дигар аломатҳои омилии нишондҳандаҳои соҳаи молияи кишвар тадқиқ кардан мумкин аст, ки яке аз формулаҳои ҳисобӣ чунин аст:

$$P_{xy} = \sqrt{1 - \frac{\sum(y-\tilde{y}_x)^2}{\sum(y-\bar{y})^2}} \qquad \textbf{(4)}$$

Нишондиҳандаи индекси коррелятсияи маҷмуӣ, ки онро коэффитсиенти коррелятсияи маҷмуӣ ҳам меноманд дар фосилаи аз сифр то як қимат қабул карда, ҳар чи қадар ба як наздик будани он маънои алоқамандии зич доштани аломати натиҷавӣ бо аломатҳои омилиро дорад.

Шартан қиматҳои натиҷавии индекси коррелятсияи маҷмуиро ба чор гурӯҳи сифатӣ ҷудо мекунем (ниг. ба ҷадвали 3.6).

Ҷадвали 3.6. - Критерияҳои ададии баҳои индекси коррелятсия

Бузургии индекси коррелятсия	**Хусусияти алоқамандӣ**
(±0,1; ±0,3]	Мавҷуд нест
(±0,3; ±0,5]	Суст
(±0,5; ±0,7]	Миёна, муътадил
(±0,7; ±1]	Зич, бениҳоят зич

Сарчашма: Дар асоси адабиёти [37, с.137]

Раванди арзёбии индекси коррелятсияи маҷмуӣ тавассути формулаи дар боло овардашуда чунин аст:

$$P_{xy} = \sqrt{1 - \frac{\sum(y - \tilde{y}_x)^2}{\sum(y - \bar{y})^2}} = \sqrt{1 - \frac{10808508{,}61}{865922807{,}6}} = 0{,}9995$$

Натиҷаи ҳисоби индекси коррелятсияи маҷмуӣ 0,9995 буда тибқи критерияҳои дар ҷадвали боло овардашуда дар байни ММД ва тамоми аломатҳои омилии нишондиҳандаи тадқиқшавандаи соҳаи молияи кишвар алоқамандии бениҳоят зичи ба функсионалӣ наздик мавҷуд аст. Яъне бузургии ММД таҳти таъсири бевоситаи ин се аломатҳои омилии ҳаҷми умумии даромади буҷети давлатӣ, воридоти андозҳо ва ҳаҷми пешниҳоди қарзҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ инкишоф меёбад.

Индекси детерминтсияи маҷмуӣ барои баҳодиҳии сифати модели сохташуда истифода мешавад. Яке аз формулаҳои кории индекси детерминатсияи маҷмуӣ чунин аст:

$$P_{xy}^2 = 1 - \frac{\sum(y - \tilde{y}_x)^2}{\sum(y - \bar{y})^2} \qquad (5)$$

Дар натиҷаи ҳисобкунӣ индекси детерминатсияи маҷмуиро ба таври зерин ба даст меорем:

$$P_{xy}^2 = 1 - \frac{\sum(y - \tilde{y}_x)^2}{\sum(y - \bar{y})^2} = 1 - \frac{10808508{,}61}{865922807{,}6} = 0{,}9990$$

Бузургии индекси детерминатсия дар ин маврид ба 0,9990 баробар аст. Мувофиқи қоида бинобар ба як бениҳоят наздик будани индекси детерминатсия модели регрессияи маҷмуӣ сифати баланд дошта, боэътимод будани модели регрессияи таҳияшударо ифода мекунад.

Яке аз тавсифҳои ҳамбастагии нишондиҳандаҳои иқтисодӣ коэффитсиенти чандирӣ мебошад, ки неруи алоқамандии нишондиҳандаҳои аломати натиҷавӣ ва омилиро баҳо дода, дар таҳлили нишондиҳандаҳои молиявӣ аҳаммияти хеле муҳим дорад. Коэффитсиенти чандирӣ барои ҳар як омили дар модели регрессияи маҷмуӣ ширкатдошта арзёбӣ карда мешавад. Бузургии коэффитсиенти миёнаи чандирӣ нишон медиҳад, ки ҳангоми ба 1 %

тағйир ёфтани аломати омилӣ ба ҳисоби миёна қимати аломати натиҷавӣ дар маҷмуъ ба чанд фоиз тағйир меёбад. Формулаи умумӣ барои ҳисоб кардани коэффитсиенти чандирӣ чунин аст.

$$\overline{Э}_{xy} = b_i \cdot \frac{\bar{x}_i}{\bar{y}} \quad (6)$$

Дар ин ҷо: b_i – коэффитсиенти мувофиқи регрессия;

$\bar{x}_i$- қимати миёнаи аломати омилии мувофиқ;

$\bar{y}$-қимати миёнаи аломати натиҷавӣ.

$$\overline{Э}_1 = b \cdot \frac{\bar{x}_1}{\bar{y}} = 0{,}246713 \cdot \frac{31130{,}38}{100251{,}7} = 0{,}0766.$$

Қимати коэффитсиенти чандирии назди омили X_1 ба 0,076 баробар буда, ғайричандир будани ММД-ро нисбат ба ҳаҷми умумии даромади буҷети давлатӣ нишон медиҳад, яъне ҳангоми ба 1% тағйир ёфтани ҳаҷми умумии даромади буҷети давлатӣ нишондиҳандаи ММД ба 0,076% хеле ночиз, яъне аксуламали ММД аз тағйироти омил ночиз аст.

$$\overline{Э}_2 = \text{с} \cdot \frac{\bar{x}_2}{\bar{y}} = 4{,}143 \cdot \frac{19399{,}79}{100251{,}7} = 0{,}801.$$

Қимати коэффитсиенти чандири миёнаи омили X_2 қариб ба як наздик аст, вале ғайричандир мебошад. Қимати ин коэффитсиент ба 0,801 баробар аст. Ин маънои онро дорад, ки ҳангоми ба 1 % афзудани воридоти андозҳо нишондиҳандаи ММД ба 0,8% меафзояд.

$$\overline{Э}_5 = d \cdot \frac{\bar{x}_5}{\bar{y}} = 0{,}963 \cdot \frac{12817{,}25}{100251{,}7} = 0{,}123.$$

Қимати коэффитсиенти чандири миёнаи омили X_3 низ аз як хеле хурд аст. Бинобар ин, нишондиҳандаи ММД нисбат ба ҳаҷми пешниҳоди қарзҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ ғайричандир аст. Қимати ин коэффитсиент ба 0,123 баробар буда, маънои онро дорад, ки ҳангоми ба 1 % афзудани ҳаҷми пешниҳоди қарзҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ нишондиҳандаи ММД ба 0,123% меафзояд.

Барои баҳодиҳии сифати модели регрессияи маҷмуӣ аз Ғ-меъёри Фишер истифода бурдан бамаврид аст. Қимати Ғ-меъёри Фишер барои тафтиши гипотезаи сифрии H_0 истифода мешавад. Агар ин бузургии ҳисобии аз Ғ-меъёри Фишер аз қимати ҷадвалиаш калон бошад, гипотезаи сифрии H_0 инкор карда мешавад, яъне доир ба сифати баланд доштани модели регрессия хулоса бароварда мешавад. Қимати ҳисобии Ғ-меъёри Фишер бо формулаи зерин муайян карда мешавад:

$$F = \frac{P_{xy}^2 \cdot (n-m-1)}{1-P_{xy}^2} \qquad (7)$$

Барои масъалаи мавриди тадқиқ қимати ҳисобии Ғ-меъёри Фишерро муайян мекунем:

$$F = \frac{P_{xy}^2 \cdot (n-2)}{1-P_{xy}^2} = 1678{,}72$$

Қимати ҷадвалии Ғ-меъёри Фишерро аз ҷадвали қиматҳои критикӣ муайян мекунем, ки он ба 6,59 баробар аст.

Азбаски қимати критикии $F_{ҳисобӣ} > F_{ҷадвалӣ}$ аст, бинобар ин, гипотезаи сифрии H_0 инкор гардида доир ба аҳаммиятнок будани модели регрессия хулоса бароварда мешавад.

Қиматҳои критикии t-меъёри Стюдент барои ҳарду параметри назди аломатҳои омилии X_1, X_2 ва X_5 мувофиқан ба 0,215; 2,297 ва 0,647 баробар аст, ки онро бо қимати ҷадвалиаш муқоиса мекунем. Қимати ҷадвалии t-меъёри Стюдент дар сатҳи аҳаммиятнокии 95%-а ба 2,1318 баробар мебошад. Азбаски бузургии воқеии t-меъёри Стюдент аз қимати ҷадвалӣ танҳо барои параметри назхи X_2 калон аст, он гоҳ чунин хулоса бароварда мешавад, ки параметри модели регресссия (***c*=4,143**) тасодуфан аз сифр фарқ накарда, балки аҳаммияти баланди оморӣ дорад ва қонунияти алоқамандии аломати натиҷавиро аз аломатҳои омилӣ ифода менамояд. Ду параметри боқимонда (***b=0,247; d=0,963***) ба ин талабот ҷавобгӯ набуда, камаҳаммият ҳисобида мешаванд.

Бузургии хатоии миёнаи аппроксиматсия, ки барои баҳодии сифатнокии модели регрессияи маҷмуӣ истифода мешавад, бо фоиз ифода меёбад. Ҳангоми бузургии аппроксиматсия дар ҳудуди то 10% - 12% будан сифати модели регресссия хуб маҳсуб меёбад. Бузургии хатоии миёнаи аппроксиматсияро тавассути формулаи зерин арзёбӣ намудан мумкин аст:

$$\overline{A} = \frac{1}{n}\sum\left|\frac{y - \tilde{y}_x}{y}\right| \cdot 100\% \quad (8)$$

Дар натиҷаи ҳисобкунӣ муайян намудем, ки хатоии миёнаи аппроксиматсия ба 3,05% баробар буда, дар ҳудуди эътидол аст. Бинобар ин, модели регрессияи маҷмуиро барои таҳлил ва ояндабинӣ истифода бурдан тавсия дода мешавад.

Ҳамин тавр, тамоми таҳлилҳои регрессионӣ-коррелятсиониро дар шакли ҷадвали таҳлилии натиҷавӣ ба таври зерин ҷамъбаст кардан мумкин аст (ниг. ба ҷадвали 3.7).

Ҷадвали 3.7. - Натиҷаҳои ҷамъбастии таҳлили коррелятсионӣ-регрессионӣ

		Омори регрессионӣ	
Коэффитсиенти коррелятсияи маҷмуӣ		0,9995	
Коэффитсиенти детерминатсияи маҷмуӣ		0,9990	
Коэффитсиенти детерминатсияи меъёрӣ		0,7986	
Миқдори мушоҳида		8	
F- меъёри Фишер		1678,72	
Саҳви миёнаи аппроксиматсия		3,05%	
	Параметрҳо	*Коэффитсиентҳо и чандирӣ*	*t-Стюдент*
Аъзои озод	-136,565	-	-
X1	0,247	0,0766	0,2158
X2	4,143	0,8017	2,2975
X5	0,963	0,1231	0,6478

Сарчашма: Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумотҳои ҷадвали 3.3.

Аз натиҷаҳои ҳисобкуниҳо дида мешавад, ки модели регрессия маҷмуӣ тавсифҳои хуби оморӣ дошта, гипотезаи пешниҳоднамударо дастгирӣ

менамояд. Аз ин лиҳоз, модели таҳиянамударо барои дурнамои низоми молияи кишвар истифода менамоем.

Бо истифода аз модели қатори вақтӣ нишондиҳандаҳои низоми молияи кишварро барои то соли 2030 ояндабинӣ менамоем (ниг. ба ҷадвали 3.8).


Ҷадвали 3.8. - Дурнамои нишондиҳандаҳои низоми молиявии кишвар

Солҳо	Y - дурнамо	X_1 - дурнамо	X_2 - дурнамо	X_5 - дурнамо
2025	156810,9	48768,8	29614,62	20 780
2026	169379,6	52688,45	31884,58	22 550
2027	181948,4	56608,1	34154,55	24 320
2028	194517,1	60527,75	36424,51	26 089,27
2029	207085,8	64447,4	38694,47	27 858,87
2030	219654,5	68367,05	40964,44	29 628,47

Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Дар ҷадвали 3.8 дурнамои низоми молиявии кишвар оварда шудааст, ки аз рӯи модели қатори вақтӣ дар шакли хати рост ҳосил карда шудааст. Агар маълумотҳои воқеӣ ва дурнамои нишондиҳандаҳоро якҷоя муқоиса кунем, мушоҳида кардан мумкин аст, ки тамоюли воқеиро нишондиҳандаҳои дурнамошуда идома медиҳанд (ниг. ба диаграммаи 3.2).

Диаграммаи 3.2. - Нишондиҳандаҳои воқеӣ ва дурнамо



Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Дурнамои анҷомдодашуда яке аз сенарияҳои имконпазири ояндабинӣ ба шумор меравад. Агар омилҳои ба инобатнагирифта таъсири назаррас

надошта бошанд, нишондиҳандаи ММД дар соли 2030 таҳти таъсири низоми молиявии кишвар ба 219654,5 млн. сомонӣ расиданаш мумкин аст. Бо гузариш ба низоми муосири идоракунии иқтисод ва рақамикунонии иқтисод дар низоми молиявӣ тағйироти назаррасеро интизор шудан мумкин аст.

ХУЛОСАИ БОБИ 3-ЮМ

1. Тадқиқотҳо собит намуд, ки такмили танзими молиявӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ вазифаи калидӣ барои нигоҳдории суботи макроиқтисодӣ ва ҳамгироӣ ба иқтисоди ҷаҳонӣ мебошад. Ин раванд на танҳо чораҳои ҷорӣ, балки таҳияи стратегияҳои дарозмуддатро (ба монанди «Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ то соли 2030») тақозо мекунад.

2. Яке аз самтҳои афзалиятноки ислоҳоти низоми буҷетӣ гузариш аз усули анъанавии маблағгузории харҷномавӣ (сметавӣ) ба усули барномавию мақсаднок мебошад, ки тақсимоти захираҳои молиявиро бар асоси натиҷаҳои пешбинишуда ба роҳ мемонад. Ин иқдом имкон медиҳад, ки робитаи мутақобилаи раванди буҷетӣ бо банақшагирии стратегӣ тақвият ёбад.

3. Дар натиҷаи тадқиқ маълум шуд, ки ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ ва васеъ сохтани пардохтҳои ғайринақдӣ воситаи муассири таъмини шаффофият ва назорати давлатӣ мебошад. Ин раванд ба коҳиш додани иқтисодиёти «соягӣ» ва баланд бардоштани самаранокии ҷамъоварии андозҳо мусоидат мекунад. Инчунин, тадқиқот собит намуд, ки дар шароити осебпазирии иқтисодиёт ба зарбаҳои беруна сиёсати макропруденсиалӣ ҳамчун механизми пешгирии хатарҳои системавӣ, ҳифзи амонатгузорон ва таъмини устувории бонкҳо нақши стратегӣ пайдо мекунад.

4. Натиҷаҳои таҳлили коррелятсионӣ ва регрессионӣ нишон медиҳанд, ки тағйирёбии ҳаҷми ММД бо нишондиҳандаҳои ҳаҷм ва самаранокии буҷет, даромадҳои давлатӣ, сатҳи сармоягузорӣ ва ҳаҷми дороиҳои ташкилотҳои қарзӣ робитаи назаррас дорад. Дар сурати идоракунии самаранок ММД-и кишвар метавонад то соли 2030 ба зиёда аз 219654,5 миллион сомонӣ расад.

5. Тавсия дода мешавад, ки барои баланд бардоштани ҷамъоварии андозҳо технологияҳои муосири рақамӣ (эъломияҳои электронӣ,

платформаҳои fintech) васеъ истифода шуда, сарбории маъмурӣ ба андозсупорандагон кам карда шавад. Инчунин, ҷорӣ намудани имтиёзҳои ҳавасмандкунанда барои ҷалби сармоягузориҳои мустақим ба соҳаҳои инноватсионӣ зарур аст.

6. Бо мақсади рушди бозорҳои молиявӣ ва устувории иҷтимоӣ зарур аст, ки татбиқи «Стратегияи миллии фарогирии молиявӣ барои солҳои 2022-2026» суръат бахшида шавад. Ин тадбир фароҳам овардани дастрасӣ ба хизматрасониҳои муосири бонкӣ дар минтақаҳои деҳот ва омӯзиши доимии шаҳрвандонро дар соҳаи идоракунии хавфҳои молиявӣ фаро мегирад.

ХУЛОСА

Дар асоси тадқиқоти диссертатсионӣ ба мо имконият муҳайё гардид, ки ҷиҳати рушди нишондиҳандаҳои низоми молиявӣ дар шароити муосир таваҷҷуҳи хосса зоҳир намоем. Аз ин рӯ, баҳри рушди устувори иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти танзими давлатии молиявӣ хулосаву натиҷаҳои зеринро пешниҳод менамоем:

Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

1. Чуноне ки тадқиқот нишон дод, дар миқёси ҷаҳон оид ба истилоҳи танзими молиявӣ таърифи умумиэътирофгардидаи байналмилалӣ вуҷуд надорад. Аз ҳамин лиҳоз, дар адабиёти иқтисодӣ истилоҳи танзими молиявӣ гуногун ва вобаста ба сиёсати молиявии ҳар як мамлакат шарҳ дода мешавад. Вобаста ба ин таърифи муаллифии мо оид ба танзими молиявӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин аст: «Танзими молиявӣ – ин маҷмуи тадбирҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, молиявӣ ва маъмурӣ мебошад, ки ба ташкил, назорат ва идоракунии муносибатҳои молиявӣ ва фаъолияти субъектҳои бозори молиявӣ бо мақсади таъмини устуворӣ ва самаранокии низоми молиявӣ нигаронида шудааст»[10-М]. Дар баробари ин, аз ҷониби мо модели консептуалии ташаккули низоми танзими молиявӣ пешниҳод гардид. Ҳамзамон, дар асоси тадқиқ маълум гардид, ки танзими молиявӣ ҷузъи ҷудонашавандаи сиёсати иқтисодии давлат, таъмини устувории низоми молиявӣ, пешгирии буҳронҳо ва тақсимоти самараноки захираҳо мебошад. Исбот гардид, ки ҷаҳонишавии иқтисодӣ боиси амиқ гардидани робитаҳои байни низомҳои молиявии миллӣ мегардад. Дар чунин шароит таъмини устувории низоми молиявӣ тақозо менамояд, ки ҳамоҳангсозии меъёрҳои миллӣ бо талаботи байналмилалӣ тақвият ёфта, усулҳои муосири танзими молиявӣ такмил дода шаванд ва ҳамкориҳои байнидавлатӣ дар ин самт густариш пайдо кунанд. Ҳамин тариқ, ба андешаи мо, асоси назариявии танзими молиявӣ бояд пайваста ба навгониҳои нав, яъне рақамикунонӣ, пайдоиши асъори криптовалютӣ, хатарҳои фаромиллӣ ва ноустувории иқтисоди ҷаҳонӣ мутобиқ шавад [7-М], [10-М].

